ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**ВБД:** 159.9(575.3):88.4(2Т)

**Бо ҳуқуқи дастнавис**



**ИСКАНДАРЗОДА МАНИЖА РАҲМАТУЛО**

# ТАЪРИХИ РУШДИ ПСИХОЛОГИЯИ ИЛМӢ ВА АМАЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН
## (таҳлили системавӣ)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология

**Роҳбари илмӣ:** Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси психология, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Латифзода Сомон Зариф

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.............3-4

**МУҚАДДИМА**.........................................................................4-14

**БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ ПСИХОЛОГИЯ**.........................................................................**15-57**

1.1. Рушди ғояҳои психологӣ дар таълимоти мутафаккирони Шарқ........15-32

1.2. Даврабандии рушди психология дар Иттиҳоди Шуравӣ.....................32-57

**БОБИ 2. РУШДИ ПСИХОЛОГИЯ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН**..............................................**58-100**

2.1. Заминаҳо ва хусусиятҳои рушди психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон...................................................................58-76

2.2. Таҳлили муқоисавии фаъолияти психологҳои соҳаи академию амалӣ дар марҳилаи кунунии рушди психологияи ватанӣ.........................................76-100

**БОБИ 3. ТАҲҚИҚИ ОЗМОИШИИ РУШД ВА ДУРНАМОИ ПСИХОЛОГИЯИ ИЛМИЮ АМАЛӢ ДАР ШАРОИТИ КУНУНИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ**...................................................................**101-144**

3.1. Ташкил намудани таҳқиқот: тавсифи гурӯҳчинӣ ва методҳои таҳқиқотӣ...........................................................................................101-109

3.2. Муайян кардани вазъ, мушкилот ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои академию амалӣ ва қобилият ба эмпатия дар онҳо....109-144

**ХУЛОСА**...........................................................................................145-149

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**...........................................................................................150

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..............................................151-163

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**...........................................................................................164-165

**ЗАМИМАҲО**.....................................................................................166-174

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМИТ** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**АТТ** – Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ

**АИДНПҶТ** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ГМ ҶТ** – Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДБЗХТ** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**ДДБ** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**ДДК** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ

**ДДОТ** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**ДДХ** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

**ДДХ** – Донишгоҳи давлтии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**КДАМ Ҷ**Т – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**СРИҶҶ ВА ҶТ** – Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТҒҲ** – ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ

**ТҶ** – ташкилотҳои ҷамъиятӣ

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи омӯзиши психологияи ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илми психология дар шароити кунуниро ташкил медиҳад. Бо истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон, илми ватанӣ низ истиқлолиятро ба даст овард ва дигар соҳаҳои илм низ таҳқиқоти илмии хешро вобаста ба дастовардҳои даврони истиқлолият дар тафовут бо даврони шуравӣ ташкил ва баргузор намуданд. Дар ин замина, тасмим гирифтем, то рушди психологияи илмию амалӣ, дар маҷмуъ психологияи ватаниро дар даврони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор диҳем. Дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди худшиносӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, пешгирии мардум аз пайомадҳои хатарзои шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ далолаткунандаи муҳиммияти фаъолияти психолог дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мебошад.

Воқеан, ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари хисороти молию ҷонӣ, вайроншавиҳои психикӣ ва дигар ихтилолҳои психикиеро ба вуҷуд овард, ки шаҳрвандон то ба имрӯз аз он азияти руҳию равонӣ мекашанд. Психологияи илмию амалӣ, дар маҷмуъ, психологияи ватанӣ бояд дар ҳалли чунин масъалаҳои асосӣ, ба монанди: расонидани кумаки психологӣ ба осебдидагон аз офатҳои табиӣ ва таркиши минаҳо; вайроншавии оилаҳо; кор бо гурезагон; кор бо кӯдакон ва оилаҳои ба гурӯҳҳои ифротӣ шомилгардида; гузаронидани ташхисҳои судӣ-психологӣ; кумак ба шаҳрвандон дар робита ба хатарҳои замони муосир, ба монанди бемориҳои фарогир, тероризму экстремизм ва ғайра ва ниҳоят омода кардани мутахасисони касбии ватанӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мазкур мебошад. Инҳо қисматҳои асосие мебошанд, ки бояд психологияи илмию амалӣ, дар маҷмуъ, дар ҳалли онҳо саҳми худро гузошта тавонад.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва амалияи воқеӣ дар масъалаи мазкур, имкон дод, ки зиддиятҳои зерин ошкор шаванд:

– талаботи иҷтимоӣ ба фаъолияти пурмаҳсули психологияи ватанӣ, ҳамзамон, дараҷаи нокифояи инкишофи илмию методии ин фаъолият;

– зарурати донистани хусусиятҳои фаъолияти психологияи илмию амалӣ ва набудани ин зумра донишҳо дар системаи тайёр кардан ва бозомӯзии психологҳои соҳаи академию амалӣ;

– муҳиммияти баланд бардоштани дараҷаи салоҳияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ ва набудани профессиограммаи психологияи ватанӣ;

– зарурати таъминоти психологӣ барои доираи васеи фаъолиятҳое, ки дар доираи кори психолог гузаронида мешаванд ва норасоии маводди самти методӣ ва иттилоотӣ.

Масъалаи психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон ва рушди дурнамои он дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳанӯз мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода нашудааст, ки ин яке аз омилҳои мубрам будани мавзуи таҳқиқро ишора мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таърихи ташаккул ва рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ба таври кофӣ ва ба таври систематикӣ омӯхта нашудааст. Дар таърихнигории ватанӣ илми психология қисм-қисм, асосан, дар заминаи рушди илмҳои педагогӣ ва гуманитарӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳод гардидааст.

Асосҳои умумии назариявӣ ва методологии психология дар асарҳои олимони барҷастаи шуравӣ – Л.С. Виготский [73], А.Н. Леонтев [31], С.Л. Рубинштейн [51], П.Я. Галперин [13] ва дигарон гузошта шудаанд. Асарҳои онҳо асосҳои консептуалии рушди самтҳои миллии психологияро дар ҷумҳуриҳои шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ташкил додаанд. Ин асарҳо хусусиятҳои минтақавии рушди илми психологияро дар ҶШС Тоҷикистон танҳо ба таври ғайримустақим баррасӣ карданд.

Дар маҷмуъ, ҷиҳати дараҷаи омӯзиши масъалаи мазкур метавон чунин раҳёфтҳоро ишора намуд:

– мавқеи таърихи психология ҳамчун илм (С.Л. Рубинштейн [51], А.В. Петровский [40; 41], К.К. Платонов [42]);

– консепсияҳои ташаккул ва рушди илми психология дар шароити миллӣ ва минтақавӣ (Л.С. Виготский [73], В.В. Давидов [16], А.Р. Лурия [34]);

– ғояҳо дар бораи нақши омилҳои иҷтимоӣ– фарҳангӣ дар рушди донишҳои илмӣ (Ю.М. Лотман [33], К.Г. Юнг [65] ва К. Левин [30]);

– раҳёфтҳои муосир ба рушди психологияи амалӣ дар соҳаҳои маориф, тиб, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ (К. Роҷерс [49], И.В. Дубровина [20] ва В.В. Столин [54]);

– омӯзиши фаъолияти психологияи амалӣ (Г.С Абрамова [1], А. Бодалев [47], Н.В. Бачманова [69], А.Ф. Бондаренко [71], И.В. Дубровина [20], В.Н. Карандашев [23], Л.В. Куликов [27]);

– омӯзиши машварати психологӣ (М.Р. Битянова [10], Г. Бардиер [96]);

– таҳқиқи психологҳои системаи маориф, хизмати маишии аҳолӣ, тандурустӣ ва саноат (Е.М. Иванова [75], Е.А. Климов [24; 25], А. Кузнетсова [76], О.Г. Носкова [81]);

– таҳқиқоти муосири психологияи илмию амалӣ аз тарафи муаллифони хориҷӣ (Ҷ. Билингс (C. Billings), Г. Иогансен (G. Johannsen), Б. Кантовитс (B. Kantowitz), А. Левис (A. Levis), Д. Миллер (D.P. Miller) ва А.Д. Свейн (A.D. Swain), Н. Морей (N. Moray), Р. Соркин (RJD. Sorkin), Х. Стассен (H. Stassen), Т. Шеридан ва дигарон) [100].

Аз ҷониби олимони ватанӣ психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон, ҳам аз ҷониби педагогон, ҳам аз ҷониби файласуфон ва ҳам аз ҷониби психологон, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин ҷо метавон ба муҳаққиқони ватание ишора намуд, ки корҳои илмию таҳқиқоти хешро ба масъалаи мазкур бахшидаанд: Р.Э. Устоев [108], Н.Н. Турсунов [58; 107], Р. Атохонов [53], Н.М. Юнусова [89; 90], М.Т. Давлатов [15], С.Х. Расулов [28;

48; 83; 84], Г.Н. Абдураҳмонов [94], Ҳ.А. Зайтметов [99], С.З. Латифзода [29; 77; 102]. Масалан, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ Ҳ.А. Зайтметов қобилияти эмпатия дар психологони оянда ва аз ҷониби Г.Н. Абдураҳмонов бошад, дар бораи омода намудани психологони оянда ҷиҳати кор бо кӯдакони лаёқатманд рисолаҳои илмӣ ҳимоя шудааст.

Аммо бо вуҷуди шумораи муайяни корҳои илмию таҳқиқотӣ рушди психологияи илмию амалӣ ва хусусиятҳои психологии ин фаъолият ба таври мушаххас дар ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Дар асоси проблемаи таҳқиқотӣ, пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтан, аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот муайян карда шуда, мақсад, вазифаҳои он мураттаб ва объекту предмети таҳқиқот асоснок карда шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии солҳои 2021– 2025– и кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардидаст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Муайян кардани хусусият ва марҳилаҳои рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон.

**Вазифаҳои таҳқиқот.**

– таҳлили маводҳои бойгонӣ, библиографӣ ва ҳуҷҷатие, ки рушди афкори психологиро дар ҷумҳурӣ инъикос мекунанд, бо мақсади муайян кардани вазъи кунунии психологияи илмию амалӣ дар замони соҳибистиқлолӣ;

– таҳия ва асоснок кардани даврабандии рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон;

– муайян кардани саҳми олимон ва муҳаққиқони ватанӣ дар рушди психологияи илмию амалӣ;

– таҳлили психологии фаъолияти психологҳои академию амалӣ ва муайян намудани сифатҳои муҳимми касбии онҳо;

– таҳлили психологии шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои академию амалӣ;

– таҳияи тавсияҳо барои беҳтар кардани омодасозии мутахассисон, васеъ намудани доираи таҳқиқотҳои илмии ватанӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, ҳамзамон, расонидани кумакҳои психологӣ ба аҳолӣ;

– муайян ва мушаххас намудани қобилият ба эмпатия тавассути воситаҳои ташхиси психологӣ дар психологҳои соҳаи академию амалӣ.

**Объекти таҳқиқот** – рушди психология ҳамчун илм ва соҳаи амалия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Предмети таҳқиқот** – хусусиятҳои системавии рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон.

**Фарзияи таҳқиқот.** Рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон хусусияти системавӣ дошта, аз таъсири омилҳои иҷтимоӣ– таърихӣ, фарҳангӣ ва институтсионалӣ вобаста мебошад; дар айни замон дараҷаи рушди он аз дараҷаи ҳамгироии илм, таҳсилоти касбӣ ва амалияи психология муайян мегардад. Дар асоси чунин фарзияи умумӣ чунин фарзияҳои ҷузъӣ муайян карда шуданд:

1. Ҳар як марҳила бо шароити муайяни иҷтимоӣ ва сиёсӣ алоқамандӣ дошта, рушди психология дар Тоҷикистон аз он вобастагӣ дорад.

2. Дараҷаи рушди психология аз ташаккули муассисаҳои илмӣ, таълимӣ ва амалияи психология вобаста аст.

3. Норасоии ҳамгироӣ байни психологияи илмӣ ва амалӣ боиси суст гардидани рушди низоми психология мегардад.

4. Дар низоми Тоҷикистон номувозинатӣ байни бахшҳои илмӣ ва амалӣ вуҷуд дорад, ки ба рушди мукаммали он монеа мешавад.

5. Тақвияти робита байни илм, таҳсилот ва амалияи психология метавонад ба рушди устувор ва самаранокии психология дар Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила анҷом шудааст:

Марҳилаи аввал (2023) – марҳилаи таҳлилӣ ва методологӣ, таҳлили масъала дар адабиёти илмӣ, омӯзиши дараҷаи аҳаммияти он, муайян кардани дастгоҳи консептуалӣ;

Марҳилаи дуюм (2024) – марҳилаи эмпирикӣ, таҳияи пурсишномаҳо, гузаронидани эксперимент;

Марҳилаи сеюм (2025) – марҳилаи умумӣ, коркард, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки маълумоти бадастомада, дониш дар бораи рушди психологияи илмию амалиро амиқтар месозад, ҳамзамон, тавассути пурсишномаҳои коркардшудаи муаллифӣ метавон вазъи кунунии психологияи ватаниро дар замони соҳибистиқлолӣ ва сифатҳои муҳимми касбии ин намуди фаъолиятро муайяну мушаххас намуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти амалии назаррас доранд. Аз ҷумла:

– маводди таҳқиқот имкон медиҳад, ки таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон ба низом даровварда шавад, ки ин метавонад ҳамчун асос барои таҳияи курсҳо оид ба таърихи психология, психологияи умумӣ ва этнопсихология ва дигар соҳаҳои психология мусоидат кунад;

– натиҷаҳои таҳқиқот барои системаи маориф, институтҳои таҳқиқотӣ, рушди мактабҳои илмии ватанӣ ва тарбияи кадрҳои салоҳиятдор дар соҳаи психологияи амалӣ арзиши амалӣ дорад;

– маводди таърихӣ ва илмии бадастовардашуда метавонанд дар кори амалии психологон, омӯзгорон, кормандони иҷтимоӣ ва мушовирон барои ба назар гирифтани хусусиятҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва этнопсихологии ҷомеаи Тоҷикистон ҳангоми кор бо гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ истифода шаванд.

Дар баробари ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонад барои такмили ихтисоси психологони амалӣ, таҳияи стандартҳои миллӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ

барои психологҳои соҳаи академию амалӣ дар Тоҷикистон ва таъсиси марказҳои илмӣ ва таълимӣ барои омӯзиш ва оммавӣ кардани таҷрибаи ватанӣ дар рушди психология мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он ба таҳкими асосҳои илмӣ ва методологии психологияи ватанӣ, ташаккули амсилаи миллии рушди психологияи илмию амалии ба воқеиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон нигаронидашуда мусоидат мекунанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** принсипҳои таърихнигорӣ, системанокӣ, объективии илмӣ ва равиши фарҳангӣ-таърихӣ ташкил медиҳанд. Ин принсипҳо рушди психологияи илмию амалиро дар Тоҷикистон ҳамчун раванди мураккаб, бисёрҷанба ва мантиқӣ, ки бо тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, таълимӣ ва фарҳангии ҷомеа алоқаманд аст, имкони баррасӣ кардан медиҳад.

Гузашта аз ин, дар ин таҳқиқ принсипу раҳёфтҳои методологии зерин амалӣ карда шудаанд [36, с. 111]: раҳёфти таърихӣ-илмии омӯзиши генезис ва таҳаввули афкори психологии мутафаккирон дар Тоҷикистон; раҳёфти фарҳангӣ-таърихӣ (Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев) имкон медиҳад, ки рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон дар робита бо хусусиятҳои фарҳанги миллӣ, забон, анъанаҳо ва муҳити этнофарҳангӣ дарк карда шавад; раҳёфти субъекти фаъолият (А.В. Брушлинский, С.Л. Рубинштейн); раҳёфти фаъолияти ҳаётӣ (К.А. Абулхонова, Б.Г. Ананев, Л. Антсиферова, А.Н. Леонтев); раҳёфтҳои таҳлили психологии фаъолияти касбӣ: системавӣ (А. Деркач, Б.Ф. Ломов, В.Д. Шадриков), субъективӣ (К.А. Абулханова, Б.Г. Ананев, А.В. Брушлинский, С.Л. Рубинштейн).

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ; таҳияи пурсишнома, баргузории корҳои озмоишӣ, таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни таҳқиқот бадастомада ташкил медиҳад. Таҳқиқоти эмпирикӣ дар ду гурӯҳи экспертӣ ва ду гурӯҳи озмудашавандагон, дар маҷмуъ, бо 200 нафар гузаронида шуд.

Аз ин шумора 75 нафар экспертони илмӣ (психологони касбӣ), 75 нафар экспертони амалӣ (психологони амалӣ), 50 нафар шаҳрвандон мебошанд.

**Навгонии илмӣ:**

– аввалин маротиба дар Тоҷикистон таҳлили системавии таърихи рушд ва вазъи кунунии психологияи ватанӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шуд;

– таҳлили психологии пурсишномаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ нишон доданд, ки мутахассисони касбӣ бинобар сабаби расонаӣ накардани дастовардҳои хеш ғайримутахассисон ҷойи онҳоро ишғол намуданд;

– таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати муайян кардани вазъи кунунӣ ва мушкилоти психологияи амалӣ дар Тоҷикистон ва нигоҳи мардум ба он;

– қобилият ба эмпатия дар мутахассисони касбӣ ва ғайримутаххассион, ки ба фаъолияти психологияи илмию амалӣ машғуланд, метавонад ба фаъолияти касбии онҳо монеаи ҷиддиро эҷод намояд;

– омода намудани пурсишномаҳои психологӣ ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ аз ҷониби муаллиф.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Дар натиҷаи таҳлили психологияи илмию амалӣ маълум гашт, ки рушди ин соҳаҳо ба таври гуногун гузаштааст: психологияи амалӣ дар шароити имрӯза дар дараҷаи баланд қарор дорад ва рушди психологияи илмӣ бошад, дар ҳолати инкишоф қарор дорад.

2. Муайян карда шуд, ки дар Тоҷикистон рушди психологияи илмию амалӣ дар маҷмуъ се давраи асосиро дар бар мегирад: аввал такя ба афкор ва ғояҳои психологии мутафаккирони Шарқ, дуюм, такя ба мактабҳои шуравӣ ва сеюм ин давраи соҳибистиқлолӣ.

3. Байни фаъолияти психологҳои академию амалӣ ва сифатҳои муҳимми касбии онҳо тафовути назаррас вуҷуд дорад. Ин тафовут пеш аз ҳама дар малакаҳои коммуникативӣ, қобилияти ҳалли мушкилот, дониши

амиқ, қобилият ба эмпатия, боварӣ ҳосил карда тавонистан ва гӯш карда тавонистан дида мешавад.

4. Аз натиҷаи таҳлили психологии пурсишномаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ муайян гардид, ки мутахассисони касбӣ бинобар сабаби расонаӣ накардани дастовардҳои хеш ғайримутахассисон ҷойи онҳоро ишғол намуданд. Ин метавонад монеа ба рушди илми ватанӣ гардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот имкон медиҳад, ки заминаҳои таърихии рушди психологияи илмию амалӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ омӯзиш ва муайян карда шавад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот бо таҳия ва коркарди пурсишнома, ҳамзамон, муайян кардани вазъи кунунии рушди психологияи ватанӣ, инчунин муайяну мушаххас намудани сифатҳои муҳимми касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ алоқаманд аст. Маълумоти аз таҳқиқот бадастомадаро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми дарси фанни психология, ҳамзамон, дар воҳидҳои кадрӣ ҷиҳати қабули психологон ба кор мавриди истифодаи васеъ қарор дод.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар он ифода меёбад, ки пурсишномаи аз ҷониби диссертант таҳиягардида, аз тарафи коршиносон қобили қабул дониста шуда, бо дарназардошти усулҳои муосири таҳқиқот ва принсипҳои илмӣ таҳия ва гузаронида шуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият ва таърихи психология мутобиқат мекунад:

– бандҳои 36 – «таърихи психологияи ватанию хориҷӣ. Баҳамалоқамандии ҷаҳонбинии муҳаққиқ ва андешаҳои психологии ӯ»;

– банди 37 – «таърихи психология».

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети

таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб маҳсуб ёфта, дар заминаи таҳқиқи психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон ва сифатҳои муҳимми касбии ин фаъолият ошкор карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №6, аз 14 январи соли 2026) муҳокима гардида, он пас аз ислоҳи эродҳои ҷойдошта ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст. Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокӣ, асоснокии назариявӣ ва арзиши амалии он тасдиқи худро ёфтанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии назариявӣ ва хулосаҳои рисолаи таҳқиқотӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ маъруза карда шуд. Аз ҷумла довталаб дар конференсияи байналмилалии илмӣ– амалӣ зери унвони «Тамоюлҳои рушди психологияи муосир ва татбиқи онҳо дар низоми таҳсилоти рақамӣ» дар мавзуи «Нақши психотаърих дар шароити ҷаҳонишавӣ», дар конференсияҳои умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» дар мавзуи «Саҳми академик Д.И. Фелдштейн дар бунёд ва рушди хадамоти психологӣ дар Тоҷикистон» ва конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва унвонҷӯёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода» дар мавзуъҳои «Таърихи рушд ва инкишофи психологияи

эмпирикӣ» ва «Психологияи илмӣ: заминаҳои таърихии рушди он» иштирок ва баромад намудааст.

Аз рӯйи мавзуи рисола дар маҷмуъ 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида, нашр гардиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 165 саҳифаи чопӣ баён шудааст. Дар диссертатсия 6 ҷадвал ва 24 диаграмма истифода шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 122 номгӯй иборат аст.

# БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ ПСИХОЛОГИЯ

## 1.1. Рушди ғояҳои психологӣ дар таълимоти мутафаккирони Шарқ

Психология ҳамчун илм таърихи хеле қадима дорад. Ҳанӯз 2400 сол пеш файласуфи бузург Арасту дар рисолаи худ «Дар бораи руҳ» психологияро ҳамчун як соҳаи беназири дониш ҷудо карда, аввалин шуда, ғояи мавҷудияти руҳро, ки бо бадан (ҷисм) муттаҳид аст ва эҳсосот ва фикрҳоро дар асоси таҷрибаи дар тули ҳаёт ҷамъовардашуда идора мекунад, ба миён гузошт. Идеяи аз ҳам ҷудо набудани руҳ ва ҷисми зинда асоси рушди психология гардид ва дар ин замина Арастуро "падари психология" мешуморанд. Бо ибораи дигар, психология аз доираи илми фалсафа баромадааст. «Вобаста ба ин, дар таърихи рушд психология дар доираи фалсафа чунин буд [ниг. ба ҷадвали №1]:

***Ҷадвали №1. Таърихи рушди психология дар доираи илми фалсафа»***

**[15, с. 18]**

| | |
|---|---|
| Даврачаи 1 – асри VI то мелод – асри V | Пайдоиши тасаввуротҳои аввалини илмӣ оид ба психика ва тараққиёти ибтидоии он |
| Даврачаи 2 – асри V – асри XIV | Инкишофи таълимот доир ба руҳ дар доираи афкори фалсафӣ ва донишҳои табиӣ |
| Даврачаи 3 асри XIV – асри XVI | Инкишофи минбаъдаи таълимот оид ба руҳ дар замони тараққиёти донишҳои анатомию физиологӣ ва кашфиёти бузурги асрҳои XIV– XVI |
| Даврачаи 4 асри XVII – нимаи аввали асри XIX | Ҷудонамоии шуур ба сифати предмети таҳқиқот ва ташаккули асосҳои назариявии психология |

Дар ин асно, мебояд ишора намуд, ки аз нобиғагони гузаштаи форсу тоҷик мероси ҳангуфте дар ҳамин замина ёдгор мондааст. Чунончи, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Арзишҳои илмӣ, фарҳангӣ ва маънавии мутафаккирони бузурги мо дар гузашта ба мо имкон медиҳад, ки давраи гузариши ташаккули давлатдории Тоҷикистонро ҳамчун

давлати мустақил, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ босамар ва зудтар паси сар намоем; шаҳрвандон аз ҷумла ҷавонони бошуур, кордон, ватандӯст, инсондӯст, аз ҷиҳати зеҳнӣ ақлонию ҷисмонӣ рушдёфта, бо ҷаҳонбинии васеи илмӣ ва ҷаҳонфаҳмӣ, ки ба суръат ва нозукиҳои ҳассосияти ҷаҳонии пайвастагии иқтисодӣ ва сиёсӣ вокуниш нишон медиҳанд, тарбия карда шаванд» [62, с. 233].

Ба шаҳодати таърих «афкори психологии мутафаккирони тоҷику форс дорои таърихи беш аз ду ҳазорсола мебошад ва он дар баробари ташаккулу инкишофи донишҳои фалсафӣ рушду нумуъ ёфтааст» [15, с. 96].

Мавриди зикри хос аст, ки махзанҳои таърихӣ гувоҳи онро медиҳанд, ки андеша ва ғояҳои психологӣ дар сарчашмаҳо ва ёдгориҳои таърихӣ нуҳуфтаанд, ки дар замони муосир онҳо арзиши бениҳоят баландро соҳиб мебошанд. Ба сифати мисол ҷиҳати тасдиқи андешаҳои зикргардида, метавон сарчашма ва ёдгории таърихии китоби Авесто ва «Порчаҳои суғдӣ»– ро ишора намуд. Ба ибораи дигар, дар ин сарчашмаҳои таърихӣ аввалин андешаҳои психологиро дарёфтан мумкин аст. Дар баробари ин, дигар сарчашмаҳои таърихӣ низ мавҷуд ҳастанд, ки саршор аз андешаҳои психологӣ ҳастанд ва то ба давраи мо омада расидаанд ва онҳоро метавон ба сифати сарчашмаҳои таърихӣ қабул ва ҳамзамон мавриди истифода қарор дод.

Чуноне ишора намуда будем, дар китоби Авесто метавон маълумоти муҳимму зарурии психологиро дарёфт намуд. Бо ибораи дигар, ғояи асосии онро қувваи фосила (нафс ва ё бо ибораи дигар ақл) ташкил медиҳад, ки ба василаи он инсон ба камолоти ҷисмониву маънавӣ мерасад. Шиори асосии ин асар ҳамчун сарчашмаи илмӣ «пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» мебошад.

Дар асоси ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки андешаҳо ва ғояҳои психологӣ дар давраи асримиёнагӣ дар зинаи хуб қарор дошт, зеро сарчашмаҳои таърихии ҳамон давра дар рушди ин илм нақши калидиро бозиданд. Сарчашмаҳои таърихие, ки нақши калидиро доштанд, дар ҳамон

давраҳо бештар адёни ҷаҳонӣ ба сифати ин гуна махзанҳо баромад мекарданд. Дар баробари бартарӣ доштани донишҳои динӣ, донишҳои илмӣ низ ботадриҷ рӯ ба инкишоф оварданд, яъне мо наметавонем ишора намоем, ки бинобар сабаби дар асрҳои миёна бартарӣ доштани адёни ҷаҳонӣ ҷаҳонбинии мардум танҳо динӣ буд. Баръакс, ин гуна донишҳо ба рушди донишҳои илмӣ мусоидат карданд ва дар ин замина, дар баробари донишҳои динӣ, донишҳои илмӣ дар бораи «ҷон» ба миён омаданд.

Мутафаккирони тоҷику форс, ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абубакри Розӣ, Фариддидуни Аттор, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон дар осори илмии хеш тавонистанд, ҳам тобиши эмотсионалӣ ва ҳам тобиши сиёсии ҳамон давру мардумро ба пуррагӣ инъикос намоянд.

«Дар осори гузашта садҳо ҳикояву қиссае ҳаст, ки далолат аз таваҷҷуҳи донишмандон ба психология мебошад» [9, с. 112]. Чунончи, доир ба ҳолати ба изтироб омадан ва ташхиси он тавассути задани набз Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар «Маснавии маънавӣ»– и худ чунин ишора мекунад: «Канизак саргузашти хешро ба забон меовард, табиб набзи ӯро дар даст медошт ва як– як номи шаҳрҳое, ки канизак мешинохт ба забон меовард ва саршиносони он шаҳрро ном мебурд, қасдаш ин буд, ки аз ҷаҳиши набз аз кадом шаҳр ва ба кӣ дил бастани ӯро муайян кунад. Пеш аз он ки шоҳ ӯро бихарад, ошиқи кӣ будааст. Ҳамин, ки номи Самарқанд бар забони табиб омад, набзи канизак тунд зад ва рангу рӯйи канизак сурх шуд…» [7, с. 12–13].

Дар осори пурганҷи Маликушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ метавон ғояҳои психологиеро дарёфт, ки дар замони мо истифодаи онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Масалан, дар ташаккули шахсият моҳияти таҷрибаи рӯзгорро муҳим мешуморид ва ин гуфтаҳо дар чунин шеъри шоир инъикос ёфтааст:

«Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,

Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд» [2, с.126].

Донишманд, файласуф Носири Хусрави Қубодиёнӣ вобаста ба маъалаҳои психологӣ чунин ишораҳои ҷолибро мекунанд: «сарчашмаи дониш на ақлу хирад, балки эҳсос мебошад; андешаҳо доир ба тасаввурот, хаёл, хотир, тафаккурро воситаи муҳимми донистагирии ҳодисаҳо мешуморид» [15, с. 109-110].

Муҳаммад Ғаззолӣ ва Аҳмади Донишро низ метавон ёд намуд, ки осори онҳо пур аз ғояҳои психологӣ мебошанд.

Аксари муҳаққиқон мутафаккирони Шарқро эҳёкунандаи махзанҳои бузурги таърихии тамаддунофари асрҳои IX– XII ва XIV– XV ном мебаранд. Бо ибораи дигар, муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ онро Эҳёи Шарқ унвон карданд ва таъсири мусбати онро дар дигар минтақаҳои ҷаҳон эътироф ва ҳамзамон қабул карданд.

Хусусияти хоси афкори психологии мутафаккирони Шарқ ин аст, ки онҳо ба инкишофи мутаносиби шахсият диққати махсус медоданд. Мутафаккирони ин давра (Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Ибни Рушд, Насриддини Тусӣ, Ибни Халдун ва дигарон)– ро воқеан, метавон энсиклопедист ва ё ҳамадон унвон кард, ки дар таълимоти онҳо меҳвари асосиро шахс ташкил медиҳад. Онҳо рушди шахсияти комил ва солимро дар мувозинат қарор доштани руҳу бадан медонистанд. Мутафаккирони номбаргардида аз ҷумлаи мутафаккироне маҳсуб мераванд, ки дар рушди шахсият ба масъалаҳои психологӣ бартарӣ додаанд.

Яке аз мутафаккироне, ки пайрави Арасту буду таълимоти ӯро дар Шарқ паҳн ва ҳамзамон машҳур месохт, Ал– Киндӣ буд. Мавсуф бештари асарҳои хешро дар такя ва ё бо пайравӣ аз таълимот ва андешаҳои Арасту таълиф намудааст. Ҳамин аст, ки аксари осори мутаффакир осори психологиро фарогир мебошад. Бо ибораи дигар: «Киндӣ дар масъалаи муносибати табиат ва руҳ ба ақидае пайравӣ мекард, ки ҳама чиз дар олам бо ҳам алоқаманд аст. Руҳ ба ду қисм ҷудо мешавад – ақл ва ҳиссиёт» [3, с. 78].

Мавсуф аввалин мутафакирест, ки «мафҳуми чаҳор навъи ақл»– ро эҷод кардааст, ки дар он ақл дар чор шакл зоҳир мешавад: воқеӣ (ҳамчун маҷмуи универсалӣ); иқтидорӣ (ҳамчун қобилияти дарки универсалӣ); ба даст овардашуда (ҳамчун мавҷудияти универсалӣ дар рух); зоҳиршаванда (амалӣ дар берун). Дар робита ба ин, Киндӣ ишора мекунад: «Ҳақиқат маърифатшаванда мебошад, бинобар ин, чизҳое, ки вуҷуд доранд, маърифатшаванда мебошанд. Илми инсон ду навъ аст. Навъи аввал дониш ба мо наздиктар, вале аз моҳият дуртар аст. Ин дониш ба воситаи эҳсос аст... Навъи дигари дониш ба моҳият наздиктар ва аз мо дуртар аст. Ин дониши ақлӣ аст..." [3, с. 78].

***Андешаҳои психологии Абунасри Форобӣ*** (837– 950). Файласуф, сиёсатшинос, риёзидон ва психологи тоҷик Абунасри Форобӣ, ки бо номи Арастуи Шарқ машҳур аст, донишмандест, ки бисёр соҳаҳои илмро таҳқиқ карда, асарҳои сершумори илмӣ таълиф кардааст. Фалсафа ва мантиқ, риёзӣ ва назарияи мусиқӣ, астрономия ва тиб, космология ва ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумлаи илмҳое мебошанд, ки барои тараққиёти инсоният имкониятҳои нав ба навро мекушоянд. «Яке аз масъалаҳои таҳқиқнамудаи мутафаккир муносибати нафсу ҷисм аст. Ӯ қайд мекунад, ки рух пеш аз ҷисм вуҷуд дошта наметавонад. Форобӣ нафсро ба се гурӯҳ – набототӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ҷудо намудааст. Вазифаи нафси инсонӣ, махсусан ақл маърифати моҳияти чизҳост» [3, с. 233].

Мутафаккир, дар баробари психологияи санъат, дар психологияи идоракунӣ низ саҳми арзанда гузоштааст. Хусусан дар масъалаи психологияи сарварӣ чунин намудҳои мушаххаси онро ҷудо мекунад: «анархия, аристократия, диктатура ва демократия. Ӯ демократияро шакли беҳтарини сарварӣ дониста, қайд мекунад, ки фақат тавассути он адолатро барқарор кардан мумкин аст» [3, с. 233].

Форобӣ дар масъалаи ташхиси тафриқавӣ нақши назаррасро гузоштааст. Масъалаи зеҳн ва шуурнокиро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар рушди шахс ба ин ду унсурҳои психологӣ афзалият додааст. Рушди шахсро дар асоси

таълим, илм ва тарбия медид, ҳамзамон ишора мекард, ки унсурҳои болозикр бояд ба он мусоидат намоянд ва баъдан метавон ишора намуд, ки рушди шахсият муяссар гардидааст ва ё не. Чуноне мавсуф ишора мекунанд: «Таълим бе тарбия душмани ашаддии башарият аст» [3, с. 85].

Форобӣ ба масъалаи таъсири муҳит ба рушди шахсият назари хосе дошта, таъсири муҳитро дар рушди шахсият муҳим арзёбӣ менамуд. Форобӣ ба масъалаҳои таъсири муҳит аҳаммияти калон медод. Ӯ муҳитро тарбиятгари асосӣ, таъсири онро муҳимтарин омили инкишофу такомули ҷамъият мешумурд. Табиист, ки агар муҳит хубу вазъияти солими иҷтимоӣ–равонӣ ва ахлоқӣ муҳайё бошад, он ба таълим ва тарбияи шахс таъсири хуб мерасонад. Мутафаккир махсусан аз таълиму тарбияи наврасон ба муҳити онҳо диққати хос дода навишта буд, ки муҳит ба кӯдак ҳам таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфӣ расонида метавонад.

Дар масъалаи ҷаҳонбинии илмию динии Абунасри Форобӣ метавон онро ишора намуд, ки осори илмиаш бо дарназардошти ин ду ҷаҳонбинӣ таълиф шудаанд ва бештар чунин принсипҳоро ҳамчун махзанҳои асосӣ мавриди истифода қарор додааст, ба монанди: офаридгор, материя, руҳ, фазо ва замон. Вобаста ба ҷаҳонбинии илмию динии мутафаккир доираи таълимоташ васеъ мебошад. Дар масъалаи ҷаҳонибинии илмии мавсуф метавон иброз дошт, ки ба масъалаи илм ва табақабандии он, масъалаҳои сиёсии даврони худ, мантиқ таълифоти бисёр наҷиберо рӯйи чоп овардааст. Аммо, аксари таълифоти мутафаккир бештар масъалаҳои психологиро фарогир мебошанд. Таълимоти мутафаккир ба монанди «Дар бораи руҳ», «Дар бораи неруи руҳ», «Ақл ва фаҳмиш», «Дар бораи ақл» ва чанде дигар далолаткунандаи ин гуфтаҳо мебошанд.

Ҳаводиси олами табииро мутафаккир бо дарназардошти қонуниятҳои табиат тафсир медиҳад. Ин далолаткунандаи ҷаҳонбинии илмии мутафаккир мебошад. Аммо, ин маънои онро надорад, ки дар тафсири ҳаводиси табиӣ ҷаҳонбинии динии хешро истифода намекунад, яъне донишҳои диниро умуман ба инобат намегирад. Онро низ эътироф дорад, аммо дар шарҳи ин

гуна ҳаводис бештар ба қонунҳои табиӣ афзалият медиҳад. Ҳолатҳое мешаванд, ки ҷаҳонбинии илмию динии мутафаккир дар маҷмуъ мушоҳида мешаванд: "Руҳ наметавонад пеш аз бадан вуҷуд дошта бошад, наметавонад аз як бадан ба ҷисми дигар кӯч кунад. Ҳолатҳои руҳ метавонанд гуногун бошанд" [3, с. 78].

Чуноне дар болотар ишора намуда будем, Форобӣ ба шахс ва сохти психологии ӯ аҳаммияти бештар медод ва таълими тафриқавиро муҳим мешуморид. Мутафаккир кафолати саодати ҳақиқиро дар тарбияи ахлоқӣ дида, онро дар мадди аввал мегузорад. Ба андешаи мутафаккир, синну соле мавҷуд нест, ки дар он камбудиҳо тарбия ва ислоҳ нашавад. "Рафтори бад бемории руҳӣ аст. Барои табобати ин беморӣ бояд мисли табибе буд, ки баданро табобат мекунад" [3, с. 78].

Дар рисолаи Форобӣ «Нишондоди роҳи саодат» дар ҷавонон чӣ тавр парваридани хислатҳои қаҳрамонӣ, меҳрубонӣ, қаноатмандӣ, суханварӣ, дӯстӣ ва ғайра ба таври муфассал баён шудааст.

Дар осори илмию психологии олим ба тарбияи ҳисси зебоӣ, назокат ва созгорӣ диққати махсус дода шуда, таъкид мешавад, ки онҳо бо эстетика ва ахлоқ алоқаи зич доранд. Дар соҳаи психологияи санъат осори Форобӣ ҷойгоҳи назаррас дорад. Мутафаккир ишора мекунад, ки мусиқӣ барои саломатӣ фоидабахш аст, зеро вақте ки бадан азоб мекашад, руҳ низ дар навбати худ азият мекашад. Аз ин рӯ, оҳанги фораму ором кайфиятро болида мегардонад, қувваи сазовори «моҳияти» материяро ба вуҷуд меоварад, баданро аз бемориҳо тоза месозад.

Хулоса, Форобӣ донишҳои психологиро роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни ҳолати равонӣ ва рушди шахсият ва ба ин васила расидан ба саодати комил тавсиф намудааст. Хусусан, дар масъалаи қобилиятҳои инсонӣ андешаҳои ҷолиберо пешниҳод намудааст. Дар маҷмуъ, аз нигоҳи Форобӣ қобилияти инсониро метавон ба се намуд – фитриву модарзодию касбӣ, ҷудо намуд. Ба сифати қобилиятҳои фитрӣ мутафаккир хусусиятҳои анатомию физиологӣ, биологӣ, хусусиятҳо ва равандҳои асабӣ, хусусиятҳои психикиро шомил

месозад. Дар масъалаи қобилиятҳои модарзодӣ он нишонаҳоеро дар назар дорад, ки аз падару модар ба тифл мегузарад. Ниҳоятан, дар зери қобилиятҳои касбӣ донишҳои дар рафти ҳаёт ҳангоми машғули ягон фаъолият шудан ҳосил мегардад, фаҳмида мешавад.

***Абуалӣ ибни Сино (980– 1037) – асосгузори даврабандии синнусолии психологӣ.*** Дар байни мутафаккирон ва олимони барҷаста Ибни Сино мавқеи намоёнро ишғол намуда, дар пешрафти соҳаҳои гуногуни илм ва фарҳанг саҳми калон гузоштааст. Ибни Сино олими ҳақиқии энсиклопедист, муаллифи асарҳои ҷолиб дар бештари соҳаҳо, аз соҳаи тиб сар карда то ба соҳаи физика мебошад. Дар даврони худ яке аз омӯзгорони маҳбуби дорои шуҳрати ҷаҳонидошта маҳсуб мерафт. Гуфтаҳои мазкур далолаткунандаи ин андешаҳо мебошанд: «Абуалӣ ибни Сино (980-1037) – барҷастатарин файласуф, психолог ва табиби тоҷик мебошад, ки дар таълимоти худ вобастагии протсессҳои психикиро аз сохт ва фаъолияти майнаи сар шарҳ додаст. Омӯзиши масъалаҳои сурату модда ва нафсу тан дар таълимоти Ибни Сино мавқеи марказиро ишғол мекунанд. Ибни Сино масъалаи алоқамандии инкишофи психикиро бо тағйиротҳои синнусолии организм дар онтогенез мавриди омӯзиши махсус қарор додааст. Тибқи назариёти ӯ, шаклҳои гуногуни ҳаёт на якбора, балки бо мурури замон ва тадриҷан сурат гирифтаанд» [3, с. 78].

Ишораҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқкунандаи андешаҳои болозикр мебошанд: «Бо шарофати осори абадзиндаи хеш Ибни Сино имрӯз низ ҳамзамон ва ҳамқадами ҷомеаи башарӣ мебошад… Ба ҳамин сабаб аст, ки инсонияти мутамаддин ҷашни 1000– солагии ин ҳакими барҷаста ва олими энсиклопедистро дар асри гузашта ду маротиба таҷлил кард: дафъаи аввал соли 1952 тибқи солшумории ҳиҷрӣ ва бо қарори Шурои Умумиҷаҳонии Сулҳ. Бори дувум ҷашни ҳазорсолагии Ибни Сино соли 1980, тибқи қарори ЮНЕСКО, таҷлил гардид» [62, с. 233].

Мутафаккир ба кадом соҳаи дониш рӯ овардааст, ҳамеша ба хулосаю таснифҳои равшани илмӣ расидааст ва дар навбати худ доираи фарохи дониши ӯ аз эҷодиёти олимони муосири ҳам Шарқ ва ҳам Ғарб хеле болотар аст.

Асосгузори даврабандии синнусолии сатҳи ҷаҳонӣ Абуалӣ ибни Сино чунин назарияи психологиро пешниҳод намуда буд: метафизика ва материализм, алоқамандии психика бо системаи асаб, локализатсияи (маҳдудшавии) маркази қувваҳои руҳӣ. Ҳамзамон, ин мутафаккирро яке аз асосгузорони психофизиология низ ном мебаранд, ки дар навбати худ, 5 зинаи тараққиёти зеҳнро таҳия намудааст. Мавриди тазаккур аст, ки дар осори «Ал-қонун»-и мутафаккири бузурги тоҷику форс Абуалӣ ибни Сино дар баробари маълумоти ғании тиббӣ маълумотҳои психологӣ низ оварда шудааст. Маълумотҳои дар ин асар овардашуда бештар донишҳои психологияи тиббиро дар бар мегиранд.

Психолог будани Ибни Синоро саросари ҷаҳон эътироф мекунад. Ҷиҳати тасдиқи ин андеша муҳаққиқон А.В. Петровский ва М.Г. Ярошевский дар бораи Ибни Сино чунин менависанд: «Ибни Сино табиб ва психологи тоҷик мебошад. Омӯзиши табиати руҳро коркард намуд, ӯ дастовардҳои илми замонашро хулосагирӣ намуд ва ҳамин тариқ, хусусияти вобастагии протсессҳои психикиро дар сохтор ва фаъолияти майнаи сар фаҳмонид» [45, с. 104].

Андешаҳои муҳаққиқони болозикр (Петровский А.В. ва Ярошевский М.Г.) дар масъалаи ғояҳои психологии мутафаккири тоҷику форс Сино чунин аст: «Ба алоқаҳо дар онтгогенез байни инкишофи психикӣ ва тағйирёбиҳои синнусолии организм диққати махсус медод» [45, с.105].

«Ибни Сино аввалин мутафаккирест, ки ба фарқияти байни нафс (психика) ва рух (ҷон) ишора кардааст. Ба ақидаи ӯ, нафс ибтидои ғайримоддии ҳаёти психикӣ, якҷоягии қувваҳои ҳиссӣ– иродавӣ ва ақлӣ аст. Руҳ бошад, ибтидои моддӣ ва барандаи қувваи ҳаётӣ дар ҳайвонот ва

инсоният аст. Ӯ ҳаёти психикиро ба се категория ҷудо намудааст: набототӣ, ҳайвонӣ, инсонӣ» [45, с. 106].

Дар бораи қонуниятҳои зуҳуроти психикӣ андешаронӣ намуда, Ибни Сино ба психика ду намуди функсияҳоро мутааллиқ медонад: функсияи ҳайвонии психика ва функсияи инсонии психика. Ба андешаи ӯ «Ба функсияҳои ҳайвонӣ функсияҳои нисбатан одии психикӣ дохил мешаванд, ки ба ҳайвонот ва инсон хос мебошанд. Функсияҳои психикии инсонӣ бошанд, функсияҳои олию мураккаби психикиро фаро мегиранд, ки танҳо ба инсон хос аст» [45, с. 107].

Ибни Сино, дар баробари соҳаи психологияи тиббӣ, ҳамзамон, ба пешрафти психологияи ақл, ташхиси он ва роҳу усулҳои инкишофи ақл саҳми беназир гузоштааст. Мутафаккир дар масъалаи ақл ва хусусиятҳои психологии раванди фикрӣ ва инкишофи онро дар инсоният вобаста ба 5 зина тафсир мекунад, ки дар психологияи тафриқавӣ (дифференсиалӣ) имрӯз ҳам муҳим эътироф мегардад. Масалан, таҷриба ва донише, ки дар раванди фаъолияти корӣ ҳосил мегардад, Ибни Сино онро ақл аз рӯйи кори муайян номидааст. Мутафаккир, дар маҷмуъ: «Чунин зинаҳои тараққиёти ақлро ҷудо кардааст: Ақл аз рӯйи қувва ва имкониятҳо; ақл аз рӯйи кори муайян; ақли бадастовардашуда, ки дорои малака нест; ақли бадастовардашуда, ки дорои малакаю таҷриба аст; ақли софи руҳонӣ» [45, с. 106].

Дар ҳалли масъалаҳои психофизиологӣ Ибни Сино ба хулосае меояд, ки майна сарчашмаи психикаи инсон маҳсуб мешавад. Дар раванди донишҳои ҳиссӣ ва нақши ҳолатҳои эмотсионалӣ дар рушди шахс ва рафтори инсоният андешаҳои назарраси илмиро пешниҳод намудааст. Идора карда тавонистани организм аз ҷониби инсоният танҳо бо дарназардошти ҳиссиёт ва ҳолатҳои эмотсионалӣ имконпазир мегардад ва ҳамзамон онҳо метавонанд ба дигарон сироят ёбанд ва дигаронро тобеи худ созанд. Ҳар як протсесси психикӣ ба андешаи мутафаккир дорои хусусияти физиологӣ буда, асоси физиологии худро дорад. Яъне, дар асоси тағйироти психологии организм тағйироти

физиологӣ дар организм бегуфтугӯ мегузарад. Гуфтаҳои мазкур далолаткунандаи соҳаи психология – психофизиология мебошад.

Абуалӣ ибни Сино дар рушди соҳаи психологияи педагогӣ низ заминаи асосӣ гузоштааст. Рушди бемайлони шахсро бештар ба волидон вобаста дониста, донишҳои психологию педагогиро дар маҷмуъ дар раванди таълиму тарбия ҷиҳати рушди шахсияти комили кӯдак муҳим арзёбӣ менамояд. Мутафаккир волидонро даъват ба амал меорад, то ин ки дар раванди таълиму тарбияи кӯдак аз қонуниятҳои синнусолии педагогию психологӣ самаранок истифода намоянд.

Ҳамзамон, асарҳои тарбиявии олими бузург «Донишнома», «Рисолаи ишқ» ва «Қонунҳо дар тиб» сарчашмаҳои муҳимми психологияи педагогӣ, тиб ва фалсафаи халкҳои Осиёи Миёна мебошанд. Таҳлили осори зикргардида ва дигар асарҳои Сино ба заминаҳои рушди соҳаи дигари психология, психологияи муносибатҳои оилавӣ далолат мекунанд. Асари махсусаш «Тадбири манзил» маҳз ба масъалаҳои психологияи муносибатҳои оилавӣ бахшида шудааст. Дар ин асар масъалаҳои гуногуни оилавӣ, ки ҳам дар оилаҳои навбунёд ва ҳам дар оилаҳои аллакай таҷрибаи муайянро доранд, зуҳур мекунанд, андешаҳо ва тавсияҳои ҷолиби психологӣ оварда шудаанд. Тақсимоти вазифаҳо дар оила вобаста ба нақш ва мавқеи оилавӣ дида мешавад. Ба ҳар як аъзои оила вазифаи муайян ва ба сардори оила бошад, талаботҳои махсус ҷиҳати устувор ва солим нигоҳ доштани фазои оилавӣ пешниҳод карда мешавад. Зери мафҳуми талаботи махсус нисбати сардори оила, мутафаккир ба ӯ доштани донишҳои назариявию амалиро муҳим мешуморад ва ҳамзамон ишора мегардад, ки волидон бояд бо рафтори худ ба фарзандонашонро тарбия намоянд. Зеро фарзанд дар айёми кӯдакӣ назар ба чизҳои мешунидагиаш, бештар ба чизҳои медидааш такя мекунад ва онро ҳамчун асос қабул карда, минбаъд дар рафторҳои худ ҷорӣ месозад. Бо ин андешаҳо мутафаккир бунёдгузори соҳаи психологияи муносибатҳои оилавӣ ва педагогӣ мебошад.

Донишманди маъруф Ибни Сино доир ба хусусиятҳои фардию психологии шахс андешаҳои илмии ҷолибе пешниҳод кардааст. «Ӯ ба монади Гиппократ асоси мизоҷро дар фаъолияти чор моеъ (хун, луоб, зарда ва зардаи сиёҳ) дидааст. Хун дар артерия ва рагҳо, луоб дар мағзи сар, зарда дар ҷигар ва зардаи сиёҳ дар испурч ҷойгиранд. Бартарии ин ё он моеъ дар организм намуди мизоҷи инсонро муайян мекунад» [45, с. 107].

Ҳамзамон, Ибни Сино муносибат ва роҳёфти фардиро на танҳо дар муносибат бо беморон, балки ба дигарон низ ҷиҳати ба роҳ мондани муносибати мусоид ва ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ҳангоми табобат онро тавсия медиҳад.

Усули таҳқиқотии ӯ дар соҳаи психологияи эмотсия ва ҳиссиёт, мушаххасан дар омӯзиши ҳолатҳои эмотсионалӣ навоварона буд. Метавон ӯро яке аз поягузорони ташхиси психологӣ номид, ки тавассути набз метавонист ҳолати изтиробии беморро муайян намояд. Таҷрибаи истифоданамудаи Ибни Сино дар замони муосир ҷиҳати муайян намудани дурӯғгӯии инсон, ихтирои таҷҳизоти «Детектори дурӯғ» сарчашмаи илмӣ гузоштааст.

«Фаъолияти Ибни Сино, ки бар пояи ҳақиқат ва хирад асос ёфтааст, саҳми бузурге ба тамаддуни ҷаҳонӣ буда, ба хотири ҳамдигарфаҳмии халқҳо хизмат карда, ба инсоният барои сохтмони ояндаи нек кумак мерасонад» [62, с. 233].

Хулоса, ҳадафи мутафаккири тоҷику форс Ибни Сино истифодаи донишҳои психологӣ дар рафти табобати беморон, хусусан баланд бардоштани боварии беморон ба худ ҷиҳати самарабахш гардидани чораҳои табобатӣ будааст. Мутафаккир аз ягон доруи махсусан пурқувват истифода набурда, кӯшиш мекард, ки аз методҳои психологие, ки ба руҳияи бемор таъсири судбахш мерасонд, аз қабили суҳбатҳо, машқҳо, ҳаммом ва хӯроки парҳезиро истифода барад. Техникаи махсусан арзишмандро мавриди истифода қарор медод, ки онро дар илми муосир таҷрибаи ассотсиатсиявӣ

меноманд (бо истифода аз тағйирот дар набз барои муайян кардани он, ки кадом объектҳо аффект (эмотсия)-ро ба вуҷуд меоранд).

**Абубакри Розӣ** (865-925) – файласуф, табиб ва психологи тоҷик, ки масъалаҳои гуногуни психологиро таҷдиди назар намудааст. Абубакри Розӣ донисташаванда будани оламро ҷонибдорӣ менамояд. Назарияи маърифатии ӯ моҳиятан ҷанбаи ахлоқӣ дорад. Ба ақидаи Абубакри Розӣ, маърифат танҳо ба воситаи хирад, амалиёти фаъолона ва эҷодкорона имконпазир аст. Ӯ нақши муҳим доштани эҳсосро дар ташаккули хирад таъкид намудааст. Ба ақидаи ӯ, ақл танҳо дар сурате воситаи тавоноии дониш шуда метавонад, ки ба эҳсос ва маълумотҳои додаи он такя намояд, яъне эҳсосро ҳамчун сарчашмаи маърифат муаррифӣ кардааст.

Асари «Тибби руҳонӣ»-и Абубакри Розӣ инъикосгари психологияи ҳамон давра мебошад. Агар ба ин асар назари илмӣ карда шавад, пас, маълум мегардад, ки ҳатто дар ҳамон давра ҳар гуна методҳои касбӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд ва натиҷаҳоро ҳосил мекарданд.

Яке аз масъалаи мубраме, ки Абубакри Розӣ дар китоби «Тибби руҳонӣ» овардааст, масъалаи солимиву беморӣ ба шумор меравад, ки дар замони муосир бо номи психологияи тиббию клиникӣ машҳур аст. Имрӯз дар соҳаи ташхиси судӣ– психологӣ ва интихоби касбӣ– психологӣ андешаҳо ва ғояҳои Абубакри Розӣ пурра истифода мегарданд. Дар ташхиси судӣ– психологӣ оварда шудааст, ки аввал ташхиси психиатрӣ ва баъдан психологӣ бояд гузаронида шавад. Агар шахс руҳан бемор бошад, гузаронидани ташхиси психологӣ зарурат надорад. Мавқеъ ва андешаҳои илмии мутафаккир дар масъалаи ташхиси психологӣ ин гуна ҳолатҳо қатъӣ ва ҷиддӣ мебошад.

Назарияи маърифати Абубакри Розӣ ҳама гуна хурофотпарастиву муъҷизоти диниро маҳкум менамояд. Дар осори мутафаккир масъалаи ахлоқ низ мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифтааст. Мутафаккир дар асарҳояш – «Тибби руҳонӣ», «Сиррат-ул-фалсафия» ва «Китоб-ул-лаззат», ки қисман то замони мо расидаанд, ба масъалаҳои тарбияи ақлию ахлоқӣ, роҳу усулҳои

таълими хайрияти умум, саодати одамӣ, мувозинати байни одамон, ақлу инсоф, лаззату азоб, мақсаду мароми инсон ибрози назар кардааст.

Абубакри Розӣ аз зумраи мутафаккироне ба шумор меравад, ки ба психологияи шахс ва сохти психологии ӯ, омӯзишу таҳқиқи амиқу ҳаматарафаи он рӯ овардааст. Ташхиси психологӣ бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои мусбат ва манфии шахс, ҳамзамон, дараҷаи тафаккур ва инкишофи ақлӣ мавриди таваҷҷуҳи ин донишманд будааст. Масъалаи дигаре, ки аз ҷониби ӯ таҳлилу пешниҳод гардидааст, дар симои психологӣ ворид сохтани хусусиятхои мусбат ва манфии шахс мебошад. Яъне, психолог дар раванди тартиб додани симои психологӣ бояд ҳам хусусиятҳои мусбат ва ҳам манфии шахсро дарҷ карда тавонад.

Ба таъкиди Абубакри Розӣ, психолог бояд дар раванди ташхиси психологӣ, дар баробари муайян намудани хусусиятҳои мусбату манфӣ, инчунин донад, ки оё худи шахс хусусиятҳои мусбату манфии худро медонад ва эътироф мекунад, қабул дорад ё не. Зеро агар шахс хусусияти манфии худро донаду онро ҳамчун манфӣ кабул надошта бошад, дар ин ҷода кори ислоҳнамоии психологӣ ва машварати психологӣ душвор мегузорад. Агар донаду онро эътироф кунад, дар ин маврид машварати психологӣ натиҷабахш мегардад ва ба андешаи мутафаккир тарбияи онҳо осон ва имконпазир мешавад.

Таъкиди мутафаккир дуруст аст ва ҳатто ҳамон замон ишора мекард, ки мо метавонем хусусиятҳои манфиро тарбия кунем ва дар зери тарбия ислоҳро дар назар дошт.

Мутафаккир ишора мекунад, ки шахс бояд ҳам хислатҳои мусбат ва ҳам хислатҳои манфии худро донад ва дар навбати худ онҳоро вобаста ба вазъият дар меъёр нигоҳ дошта тавонад, танзим ва назорат кунад. Яъне, ақл бояд хусусиятҳои мусбату манфӣ, ҳазамон, ҳолати равониро идора кунад ва ба танзим дарорад, на баръакс, вагарна инсон аз ҳайвон ҳеҷ тафовуте намекунад.

Абубакри Розӣ рушди шахсро дар ақл мебинад, яъне назорати тафаккур аз болои хусусиятҳои мусбату манфӣ вобастагӣ дорад. Абубакри Розӣ дар фарқият аз дигар мутафаккирон рушди шахсро дар амалу ҳаракат, яъне дар раванди фаъолият мебинад.

Агар хусусиятҳои манфӣ ба монанди агрессия ва шуҳратпарастӣ бартарӣ дошта бошанд, дар ин маврид машварати психологӣ бо мақсади ислоҳ гузаронида мешавад ва ё бо таъбири мутафаккир онҳо тарбия карда мешаванд, зеро агрессия ва шуҳратпастӣ аз монеаҳои рушди шахсият мегардад.

Хулоса, Абубакри Розӣ дар баробари муайян кардани хусусиятҳои мусбату манфӣ, роҳҳои ислоҳнамоии психологиро низ пешниҳод намудааст ва мушаххасан ба он бо мафҳуми меъёри ахлоқӣ ишора менамояд. Зеро мафхуми ахлоқ, дар маҷмуъ, ҳам хусусиятҳои мусбат ва ҳам хусусиятҳои манфии шахсро фарогир мебошад.

Меъёри ахлоқӣ аз меъёри ҳуқуқӣ тафовут дорад. Меъёри ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат назорат карда мешавад ва оқибати ҳуқуқӣ дорад. Меъёри ахлоқӣ меъёре мебошад, ки аз ҷониби ҷомеа қабул гардида, риояи он боиси рушди шахсият, пайдо намудани обрӯ дар ҷомеа мешавад ва риояи он аз худи шахс вобастагӣ дорад.

Хулоса, китоби мутафаккир, психологи тоҷик Абубакри Розӣ «Тибби руҳонӣ» дар замони пуртазоди муосир ҷиҳати ташхиси мукаммали шахс бояд китоби рӯимизии ҳам психологони академӣ ва ҳам психологони амалӣ бошад ва дар фаъолияти рӯзмарра аз он бечунучаро истифода шавад.

***Ғояҳои психологии Фаридуддини Аттор.*** Шайх Фаридуддин Муҳаммад ибни Иброҳими Аттор, маъруф ба Аттор файласуф, ориф, шоир, нависанда, тазкиранигор ва психологи тоҷик мебошад. Падараш Абубакр ибни Иброҳим ва гузаштагонаш асосан бо атторӣ (дорусозию доруфурӯшӣ) ва табибӣ умр ба сар бурдаанд ва Аттор тахаллус карданаш низ аз ҳамин ҷо баромадааст. Падари Аттор умри дароз дида, зоҳиран то он замон, ки шоир «Асрорнома»-ро ба назм медаровард, дар қайди ҳаёт будааст. Модари Аттор

зани порсо, покдил, босавод, аҳли маънӣ буд ва гӯё парвариши руҳонии ӯ писарашро «Аттор» кардааст. Аттор аз кӯдакӣ дар назди волидайн, бахусус модар ба таълиму донишомӯзӣ пардохта, дар баробари аз улуму фунуни адабӣ, ҳикмату калом, нуҷум, тиб, дорушиносӣ, улуми динӣ, монанди тафсир, ривоёту аҳодис, фиқҳ ва ғайра суди комил бардоштан, пайваста ба доруфурӯшӣ ва табибӣ машғул гардидааст. Сарфу наҳви арабиро хуб медонист, бо Қуръон, адабиёти араб ва назарияи адабиёт, илми шеър ошноии комил дошт. Талабот ба табибӣ ва доруфурӯшӣ ва шуҳрати касб волидайни Атторро ба шаҳри Нишопур меоварад. Падараш дар шаҳр маркази ташхиси беморон ва чандин дукони доруфурӯшӣ мекушояд.

Назарҳои дурандешона ва пешрафтаи Аттор аз он иборат аст, ки «равандҳое, ки дар бадани инсон рух медиҳанд, саломатии ӯ аз қувваҳои беруна вобаста нест, балки ба иродаи ӯ мансуб аст. «Инсон фавран офарида нашудааст, балки дар ибтидо ҳамчун ҳайвон ва ташаккули сифатии он ба тарзи таҳаввулӣ, бо иродаи Худо, сурат гирифтааст. Камолоти минбаъдаи инсон ба худи ӯ, саъю кӯшишҳои руҳонӣ ва ҷисмонии ӯ ба меҳнати ӯ вобаста аст, зеро ҳаёт дар рӯйи замин доимо дар тағйироти диалектикӣ қарор дорад ва инсон ҳамчун як ҷузъи табиат низ тағйир меёбад, такмил меёбад, ва охирин аз худаш, муносибати ӯ бо меҳнат, одамон, табиат ва Худо вобаста аст» [3, с. 106].

Мутафаккир ҷиҳати рушди шахсият ба худмушоҳида ишора мекунад. Чунончи, мутафаккир ишора мекунад: «Инсоният, аввал ба худ бингар ва андеша кун, ки бо худ чӣ гуна муросо карда метавонӣ…» [105, с.18]. Дар ин ҷо сухан дар бораи ихтилофҳои ботинии шахс, ки аксар вақт барои рушди шахсият монеа мегарданд, дар назар дошта шудаст. Воқеан, андешаи мутафаккир дар рушди шахсият хеле ҳам бузург аст. Ба андешаи мутафаккир, то он лаҳзае, ки мо олами ботинии худро нашиносем, бо он муросо ва созиш накунем, барномаи рушди шахсиятро наметавонем татбиқ намоем.

Аттор дар бобати шуур ва бешуурӣ низ андешаронӣ намуда, ғояҳои психологии хешро вобаста ба ин ду мафҳум иброз намудааст. Мутафаккир

оид ба ин масъала чунин ишора мекунад: «Муттаҳид кардани шууру бешуурӣ тавассути маънавиёт ба шахсият қувваи фавқулодаи илҳом бахшида, ҷиҳати расидан ба қуллаҳои эҷодӣ имкон медиҳад» [105, с. 18].

Осори эҷоднамудаи мутафакирро таҳлили психологӣ намуда, чунин ғояҳои ҷолибро метавон мушоҳида кард, ки дар рушди ҳаматарафи шахсияти кӯдак, пеш аз ҳама, табиати мукаммалии кӯдак қарор дорад. Яъне, дар рушди шахсият бояд табиати кӯдак ба инобат гирифта шуда, дар асоси он барномаи рушди шахсият тарҳрезӣ карда шавад. Воқеан, ин ғояи психологии мутафаккир то ба имрӯз мубрамияти худро гум накардааст, зеро тамоми психологони муосир аз рӯйи ин роҳёфт амал намуда, ҷиҳати рушди шахсият, бо дарназардошти табиати кӯдак, онро татбиқ мекунанд.

Андешаҳои психологии Аттор бағоят бузург ва дар ҷомеаи имрӯзаи зудтағйирёбанда муҳим маҳсуб рафта, вақти он аст, ки осори илмию эҷодии ӯ аз нигоҳи психологӣ пурра мавриди пажӯҳиш ва дар психологияи амалӣ мавриди татбиқ қарор гирад, зеро роҳи ҳаёт ва ғояҳои психологии мутафаккир тамоюли кунунии ҳолат ва рушди гузаштаро ба ҳам пайваста, ҷиҳати шаклгирӣ ва инкишофи ҳаёти руҳию маънавии ҷомеаи муосир, мушаххасан рушди ҳамаҷонибаи шахс заминаи мусоидро фароҳам меорад ва ё чуноне худи мутафаккир ишора мекунад: «Дар ҳар кӯдак неруи (қувва) бемаҳдуди руҳӣ ниҳон аст» [105, с. 23].

Андешаҳои донишмандони гузаштаи форсу тоҷикро метавон ба ду қисм ҷудо намуд: психологӣ– дармонӣ ва педагогию психологӣ. Андешаҳои Абунасри Форобӣ, Абубакри Розӣ, Ибни Сино бештар ба гурӯҳи аввал дохил мешавад, дар ҳоле ки андешаҳои Фариддадуни Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ ҷанбаи педагогӣ доранд.

Хулоса, донишмандони гузаштаи форсу тоҷик дар асарҳои худ олами психикии инсонро тасвир намуда, кӯшиш намудаанд, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии рафторро таҳлил намуда, барои рушди психологияи илмию амалӣ заминаҳои муҳим гузоранд. Дар асарҳои онҳо заминаҳои таърихии рушди донишҳои илмию амалии психологӣ ифода ёфтаанд. Ҷолиби диққат аст, ки

ҳолатҳои психикии худи мутафаккирону донишмандон, хусусиятҳои онҳо ва робитаи байни онҳо ба арзиши осори худи мутафаккирон таъсири амиқ расонидааст.

## 1.2. Даврабандии рушди психология дар Иттиҳоди Шуравӣ

Чуноне аз таърихи рушди илми психология бармеояд, психология яке аз ҷавонтарин илмҳо ба шумор меравад. Аз солҳои 60-уми асри XIX дар инкишофи илми психология давраи нав оғоз ёфт, ки хусусиятҳои асосии он инҳоянд:

1. Пайдоиши аввалин парадигмаҳои илмӣ, институтҳо ва ҷамъиятҳои психологияи касбӣ.

2. Ташаккули афкори дохилипарадигматикӣ дар бораи предмет ва усули таҳқиқот, таҳияи ақидаҳое, ки ба ҷанбаҳои гуногуни предмет мувофиқанд, таҳқиқот дар парадигмаҳои гуногун.

3. Ҳамоҳангсозии афкор дар бораи предмет ва усули психология бо арзишҳои умумии илмӣ.

4. Инкишофи робита бо дигар фанҳо, ки дар натиҷа пайдоиши парадигмаҳо ва шохаҳои нави психология.

5. Гуногунӣ ва рақобати парадигмаҳо.

Марҳилаи ташаккули парадигмаҳои аввалро метавон аз солҳои 60– уми асри XIX то солҳои 10– уми асри XX муайян кард. Ба вуҷуд омадани психология ҳамчун як фанни мустақил бо пайдоиши аввалин барномаҳои илмии таҳиякардаи И.М. Сеченов ва В. Вундт алоқаманд аст. Бояд гуфт, ки барномаи И.М. Сеченов ба ташаккули аввалин парадигмаҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ таъсири амиқ расонд (Н.Н. Ланге, В.М. Бехтерев, И.П. Павлов, А.А. Ухтомский), аммо парадигмаи мустақил нагардид.

Барномаи В. Вундт ба усули умумии таҷрибавии илмӣ нигаронида шуда буд. Тавре худи В. Вундт навишта буд, «байни усулҳои илмии психологӣ ва табиӣ тафовут гузоштан мумкин нест» [1, с. 860]. Аммо, В. Вундт

худмушоҳидаро ягона методи мустақими психологӣ медонист, зеро предмети психология таҷрибаи мустақим аст, ки бевосита ба худи шахс дода шудааст.

Ҳамзамон, муҳаққиқ В. Вундт вазифаҳои асосии психологияро чунин муайян кардааст:

1. Таҳлили раванди шуур бо методи худмушоҳида

2. Ошкор сохтани унсурҳои шуур.

3. Муқаррар намудани қонуниятҳои пайванди онҳо.

Чуноне аз таҳлили андешаҳои боло бармеояд, барномаи В. Вундт мантиқан аз психологияи эмпирикӣ ва ассотсиативӣ бармеояд. Мавсуф бо истифода аз мафҳумҳои «апперсепсия», «таҷриба» ва «ассотсиатсия», ки дар фалсафаи шинохт ташаккул ёфтаанд, ба ин боваранд, ки падидаҳои мураккаби психикиро ба ҷамъи қисмҳои таркибии онҳо наметавон овард.

Фарҳанги гузаронидани эксперимент ва аҳаммияти онро муҳаққиқ В. Вундт дар лаборатория физик ва физиолог Г. Гелмголтс, ки бо ӯ кор мекард, омӯхта буд. Аммо В. Вундт чунин мешумурд, ки методи экспериментлӣ танҳо барои омӯзиши одитарин падидаҳои психикӣ истифода гарданд, на волотаре, ки бо забон, фарҳанг ва ғайра алоқаманданд. Ба ақидаи мавсуф ҷиҳати татбиқи ин мақсадҳо методҳои ҷомеашиносӣ ва антропологӣ мувофиқи мақсад шуморида мешаванд.

Муҳимтарин нақши муҳаққиқ В.Вундт дар инкишофи психология ҳамчун як фанни мустақили илмӣ аз он иборат буд, ки маҳз ӯ аввалин институтҳои махсуси илми психологияро ташкил кардааст. Соли 1879 Вундт дар Лейпсиг (Институти психологияи экспименталӣ) лабораторияи илмиро таъсис дод, ки дар он таҳқиқот гузаронида, мутахассисон–экспериментаторонро тайёр карда мешуданд (зиёда аз 150 нафар психологон аз 6 мамлакат тайёр карда мешуданд) ва соли 1881 журнали илмии «Таҳқиқоти фалсафӣ» рӯйи нашр овард.

Муҳаққиқ В.Вундт инчунин дар соли 1889 дар Париж конгресси якуми байналмилалии психологияро баргузор намуд. Худмушоҳида, ки Вундт ҳамчун методи психология пешниҳод кардааст, боз дар парадигмаи

психологияи сохторӣ, ки асосгузори он Э.Титченер (1867-1927), давомдиҳандаи идеяҳои Вундт дар ИМА мебошад, инкишоф ёфт.

Ҳамин тариқ, дар асоси он, вазифаҳои психологияи сохторӣ инҳо буданд:

1. Тақсимоти «ҳолати руҳӣ ба қисмҳои таркибии он».

2. Муайян кардани он, ки ин қисмҳо чӣ гуна пайвастанд.

3. Муқаррар намудани мувофиқати қонуниятҳои пайвастани ин пайвандҳо бо ташкилаҳои физиологӣ.

Мавриди зикр аст, ки Титченер сохтори шуурро омӯхта, аз нақши функсионалии психика дар рафтор дур мешуд. Муҳимтарин навоварии Титченер методи худмушоҳидаи аналитикӣ мебошад. Вай мувофиқи талаботи парадигматикӣ мазмуни эҳтимолии ҳисоботи озмудашавандаро дар бораи худмушоҳида катъиян махдуд кард. Ба ҳамин тариқ, талаб карда мешуд, ки натиҷаҳои худмушоҳида аз рӯйи элементҳои сохти шуур тафсир дода шавад, на аз рӯйи мафҳумҳои олами беруна ё ангезандахо.

Муҳаққиқ Де Моуз бар ин назар аст, ки: «психологҳо метавонанд методҳои илмҳои дигарро барои муқаррар кардани пайдарпайии воқеии рӯйдодҳои таърихӣ истифода баранд. Дар масъалаи омӯзиши рушди илми психология метавон омӯзиши махзанҳои таърихӣ, яъне ҳуҷҷатҳои таърихиро истифода намуд» [18, с. 16].

Дар ин росто, муҳаққиқи дигар, П. Левенберг: «Методҳои нави таҳқиқоти таърихиро маънидод карда, истифодаи якчанд усули илмӣ, хусусан таҳлили таърихӣ, амсилаи илмҳои иҷтимоӣ, назарияҳои психодинамикӣ ва усулҳои клиникии психиатриро пешниҳод намудааст» [118].

Муҳаққиқ, Э. Эриксон [64] ва Э. Фроммро [60] низ метавон ишора намуд, ки дар рушди ҳам психологияи илмӣ ва ҳам психологияи амалӣ нақши муассирро гузоштаанд. Э. Фромм дар рушди психологияи амалӣ саравввал психоанализро ишора мекунад.

Муҳаққиқ Де Моуз дар масъалаи рушди илми психологияи илмию амалӣ ва муайян кардани зинаҳои таърихии рушд андешаҳои ҷолибро ишора мекунад. Мавсуф чунин ишора мекунад: «Он метавонад парадигмаи нави таърих шуда, ба муаррихон дар дарки чаро воқеаҳои муайян маҳз ҳамон вақт рух додаанд, на дар замонҳои дигар мусоидат мекунад. Самти асосии истифодабарии методҳо ҷиҳати омӯзиши ҳама гуна падидаҳои ирратсионалӣ, аз қабили ҳаракатҳои динӣ асосӣ маҳсуб меравананд» [18, с. 17].

Соҳаи таваҷҷуҳи Г. Биковский, Ҷ. Талмон, Г. Гилберт, И. Шилсро муносибати байни ҳолати равонӣ ва режимҳои сиёсӣ, асосан ғайридемократӣ, авторитарӣ, сиёсӣ дар худ ҷалб менамуд. Ҳамзамон: «Муҳаққиқон таҳқиқоти худро дар соҳаи таърихи инқилоб вусъат додаанд. Дар ин бора мақолаи «Характери Жан-Жак Руссо»-и К. Клигерман соли 1955 чоп шудааст» [118].

«Соли 1976 дар Ню-Йорк зери таҳрири Г. Крэн ва Л. Раппапорт таҳқиқоти назариявии коллективӣ зери унвони «Психотаърихи мухталиф» нашр шуд» [118].

Агар ба таърих назар афканем, пас маълум мегардад, ки аллакай дар ИМА маҷаллаҳо нашр мешуданд ва дар он навидҳои илми психология инъикос мегардиданд. «Маҷаллаи психотаърих, (The Journal of Psychohistory), маҷаллаи семоҳаи таърихи кӯдакӣ» (History of Childhood Quarterly) ба чоп мерасиданд, ки далолаткунандаи ин гуфтаҳо мебошанд.

Муаллифони маҷалла зарур мешумориданд, ки алоқаи муносибатҳои шахсии одамон бо нақши онҳо дар хаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ равшан карда шавад. Ва ё бо ибораи дигар, «Маҷаллаи The Journal of Psychohistory дар бораи динамикаи рушди таърихи рушди илми психология дар солҳои 1960– 1980 маълумот дода, гуногунрангии пурраи мавзуъҳо ва мушкилотеро, ки муҳаққиқон дар он марҳила мавриди таҳқиқ қарор медоданд, нишон медод» [119].

Дар асоси таҳлили андешаҳои болозикр метавон чунин ишора намуд:

– муҳаққиқ Н.М. Тэриот бемориҳои психосоматикиро дар рушди психологияи илмию амалӣ баррасӣ мекунад;

– муҳаққиқ В. Нидерланд образи пеш аз ренессанси ҷаҳонро дар рушди илми психология мавриди таҳлил қарор додааст;

– Р. Годвин инкишофи консерватизмро дар рушди илми психология дар ИМА омӯхт;

– Д. Уотерс рушди илми психологияро бо дарназардошти инқилоби Амрико дида баромадааст.

Як гурӯҳи муҳаққиқон Э. Лангер, Э. Эриксон ва Ф. Нейман дар давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба таҳқиқотҳои бузург оғоз намуданд, ки ба рушди ҳам психологияи илмӣ ва ҳам психологияи амалӣ нақши назаррасро гузоштанд. Яке аз соҳаҳои ин таҳқиқотро омӯзиши миллатгароӣ бо дарназардошти донишҳои психологӣ ташкил медод. Ҳамзамон, шахсиятҳои таърихӣ бо дарназардошти амсилаҳои таърихӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Минбаъд дар солҳои 60– ум таҳқиқоте, ки ба тавсиф ва тавзеҳи психологии шахсиятҳои таърихӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, тафсири психологии ҳодиса ва давраҳои таърихии халқҳои гуногун бахшида шуда буд, ба унвони таҳқиқоти «психотаърихӣ» таъин карда шуд.

Нақши психолог ва психиатри швейтсарӣ Карл Густав Юнг (1875-1961) дар рушди илми психология назаррас мебошад. Муҳаққиқ К.Г. Юнгро метавон яке аз асосгузорони психологияи амиқ шуморид, зеро мавсуф дар баробари мавҷудияти бешурии инфиродӣ, инчунин, як қабати амиқтар – бешуурии коллективиро низ пешниҳод ва ҳамзамон, баррасӣ намуд. Бо ибораи дигар, «Психикаи фард инъикоси таҷрибаи наслҳои пешин буда, дар сохтори майна сабт мешавад. Мазмуни он аз архетипҳои умумибашарии инсонӣ (масалан, образҳои замини модар, қаҳрамон, ҳаким ва ғ.) иборат аст, ки динамикаи онҳо дар асоси афсонаҳо, эътиқодҳо, хоббиниҳо ва ғайра нуҳуфтааст» [117].

Муаррихони шуравӣ ба тарафдорони ин равия дар илми таърихи муосир «саркашии пайваста аз таҳқиқи гузаштаи таърихӣ»– ро нисбат медоданд, ки

дар натичаи ин ба ҷойи «таҳлили ҳақиқии илмӣ» дар асарҳо ҳар гуна тахмини таърихӣ ба майдон омад.

***Таърихи мухтасари психологияи эмпирикӣ.*** Агар ба таърихи пайдоиши илми психология назар кунем, пас маълумамон мегардад, ки дар психологияи шуравӣ ва хориҷ дар қисмати амалии илми психология мафҳумҳои зиёде истифода мегарданд, ба монанди: психологияи эмпирикӣ, психологияи эксперименталӣ, психологияи практикӣ, ченкуниҳо дар психология. Дар илми психологияи ватанӣ бошад, қариб, ки ҳамаи ин мафҳумҳо ё ҳамчун синоним истифода мешаванд ва ё ҳамаи онҳоро бо мафҳуми психологияи амалӣ шарҳ ва эзоҳ медиҳанд.

Психологияи эмпирикӣ ин як соҳаи илми психологияро ташкил дода, ба таҷриба ва мушоҳида ҳамчун методи асосии маърифат такя мекунад. Барои омӯзиши объективии зуҳуроти психикӣ эксперимент ва мушоҳида асос гузошт. Самтнигарониши психологияи эмпирикӣ ба таҳқиқи зуҳуроти психикӣ бо истифода аз методҳои илмие, ки ба мушоҳида, эксперимент ва ҷамъкунии маълумоти объективӣ такя мекунанд, равона гардидааст. Ҳамзамон, роҳёфти мазкур, кӯшиш мекунад, субъективизм ва тахминҳои назариявиро як тараф кунад ва бартариятро дар мушоҳида ва ҷамъкунии системавии маълумот, ки имкони пешниҳод ва санҷиши фарзия дар бораи психикаи одам ва ҳайвонотро медиҳад, бинад.

Дар доираи психологияи эмпирикӣ нуқтаи асосиро такя ба методҳои илмӣ ташкил медиҳад. Методҳои илмӣ дар навбати худ, коркарди фарзия, ҷамъкунии маълумот, таҳлили онҳо ва дар асоси таҳлил баровардани хулосаҳоро дар бар мегиранд. Яке аз тафовутҳое, ки миёни психологияи эмпирикӣ ва дигар равияҳо мехобад, ин: психологияи эмпирикӣ на ба консепсияҳои назариявӣ, балки ба маълумотҳои объективию ченшаванда такя мекунад.

Психологияи эмпирикӣ дар асоси ғояҳои эмпиризми асрҳои XVII– XVIII (Ҷ. Локк ва Д. Юм) пайдо шудааст. Дар миёнаи асри XIX мактаби психологияи эмпирикӣ дар худ мушоҳида ва маърифати индуктивии

зуҳуроти психикиро ворид намуд. Гузаришро ба психологияи эксперименталӣ омода намуд, ки ба роҳёфти илмӣ ҷиҳати омӯзиши шуур ва рафтор мусоидат намуд.

Методҳои эмпирикӣ дар худ худмушоҳида, мушоҳидаи рафтор ва эксперименти назоратшавандаро дар бар мегирад. Рушди эмпиризм боиси ҷудошавии роҳёфтҳои табиатшиносӣ (мушоҳидаи объективӣ ба шуур ва рафтор) ва субъективӣ («таҷрибаи соф» феноменология) гардид.

Леонид Дорфман дар асари худ бо номи «Психологияи эмпирикӣ» тафовутро миёни эмпиризм ва ратсионализм ишора мекунад, ҳамзамон, нақши холизм ва атомизмро низ дар доираи донишҳои психологӣ дида мебарояд. Ба андешаи муҳаққиқи болозикр холизм психикаро ҳамчун системаи том дида мебарояд, дар ҳоле ки атомизм кӯшиш мекунад, зуҳуроти психикиро ба ҷузъиётҳо ҷудо намояд.

Психологияи эмпирикӣ чунин заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушдро аз сар гузаронидааст:

1. Заминаҳои фалсафии психологияи эмпирикӣ. Сарчашмаҳои психологияи эмпирикӣ аз фалсафа сарчашма мегиранд, зеро чуноне маълум аст, илми психология аз доираи илми фалсафа баромадааст. Бе истифодаи заминаҳои фалсафӣ баррасӣ ва шарҳу эзоҳ додани равияҳо ва соҳаҳои илми психология ғайриқобили қабул дониста мешаванд. Роҳёфти илмӣ ҷиҳати омӯзиши психика тавассути рушди эмпиризм дар фалсафа имконпазир гардид. Фрэнсиси Бэкон дар корҳои худ асосҳои роҳёфти эмпирикиро асос гузошт ва таъкид мекард, ки маърифат танҳо тавассути мушоҳида ва таҷриба имконпазир аст, яъне маърифат ба мушоҳида ва таҷриба такя кунад.

Файласуфи дигар, Ҷон Локк дар асари худ («Таҷриба дар бораи ақли инсонӣ») чунин ишора мекунад: «шуури инсонӣ тавассути таҷрибаи сенсорӣ шакл мегирад» [4, с. 19]. Ҳамзамон ғояҳои модарзодиро инкор менамуд.

2. Психология ҳамчун илми мустақили эмпирикӣ (асри XIX). Психологияи илмӣ дар асри XIX бо туфайли роҳёфти эксперименталӣ ва ба системадарории методҳо тавлид шудааст. Ф. Густав дар асари «Ҷузъиётҳои

психофизикӣ» (1860) асосҳои психофизикиро, ки ба таҳқиқи пайвандҳо миёни ангезаҳои физикӣ ва эҳсосот равона гардида буд, коркард намуд. Олими мазкурро метавон яке аз ташаббускорони ченкуниҳои миқдории илми психология ном бурд.

Олими дигар, Вилгелм Вундт соли 1879 дар шаҳри Лейпсиги Олмон нахустин лабораторияи психологиро таъсис дод, ки ба психологияи эксперименталӣ асос гузошт. Дар асари худ бо номи «Асосҳои физиологии психология» (1874) Олим Вундт чунин овардааст: «омӯзиши системавии протсессҳои психикӣ тавассути эксперимент ва мушоҳида имконпазир мебошанд» [2, с. 90].

2. Рушди методҳои психологияи эмпирикӣ (охири асри XIX ва ибтидои асри XX). Дар ин давра методҳои мушоҳида, эксперимент ва тестгузаронӣ дар мадди аввал баромад мекарданд. Э. Герман дар асари худ «Дар бораи хотир» (1885) бори аввал экспериментро ҷиҳати омӯзиши хотир истифода намуд ва «хати каҷи фаромӯшхотирӣ»– ро, ки то ба имрӯз машҳур аст, ворид сохт. Олими дигар, Алфред. Б Теодор Симон бори нахуст тестҳои ақлиро коркард намуд (1905).

4. Тараққиёти психологияи эмпирикӣ дар асри XX. Асри XX асре маҳсуб меравад, ки методҳои эмпирикӣ фаъолона дар тамоми соҳаҳои илми психология истифода гардиданд. Бихевиоризм (Ҷ. Уотсон, Б. Скиннер) экспериментро барои омӯзиши рафтор истифода намуд. Корҳои Скиннер «Илм дар бораи рафтори инсон» (1953) нақши таҳлили эксперименталии рафторро исбот карда тавонист. Психологияи гуманистӣ (А. Маслоу, К. Роҷерс) методҳои эмпирикиро ҷиҳати таҳқиқи шахс ва худамалинамоии одам ворид намуд. Маслоу дар китоби худ бо номи «Маром ва шахсият» (1954) иерархияи талаботро, ки дар асоси мушоҳида ва мусоҳиба тартиб дода шудааст то ба имрӯз машҳур боқӣ мемонад, пешниҳод намуд.

5. Психологияи эмпирикии муосир. Психологони муосир мувофиқати методҳои миқдорию сифатиро фаъолона истифода мебарад. Рушди

технологияҳои иттилоотӣ имкони таҳия ва коркарди методҳои нави таҳқиқотиро фароҳам овард, ба монанди:

– экспериментҳо тариқи комютер татбиқ карда мешаванд (психологияи когнитивӣ).

– нейропсихология таҳқиқотҳои эмпирикиро дар асоси маълумоти функсионалии томографияи магнитии резонансӣ ба таври фаъолона истифода мебарад.

Мебояд зикр намуд, ки психологияи эмпирикӣ бо дигар равияҳои илмӣ алоқаи зич дорад. Яке аз ин гуна алоқаи зичро бо фалсафа ташкил медиҳад, зеро чуноне ишора намуда будем, эмпиризми фалсафӣ яке аз заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди психологияи эмпиризм маҳсуб меравад. Файласуф Фрэнсис Бэкон бори аввал методи индуксияро пешниҳод намуд, ки дар он нақши методҳои мушоҳида ва эксперимент дар маърифат бартарӣ дода шудааст. Бо ибораи дигар, ғояҳои пешниҳоднамудаи ӯ барои методҳои илмӣ, ки асоси психологияи эмпирикиро ташкил медиҳанд, замина гузошт.

Файласуфи дигар Ҷон Локк консепсияи «tabula rasa» (тахтаи сафед)– ро рушд дода, таъкид мекард, ки шуури инсонӣ зери таъсири таҷрибаи берунӣ ва эҳсосот шакл мегирад. Файласуф Д. Юм ғояи Ҷон Локкро идома дода, назарияи ассотсиатсияҳоро рушд дод. Олим чунин андеша дорад, ки тафаккури инсонӣ дар алоқамандӣ миёни эҳсос ва таҷриба асос меёбад. Ҳамзамон, таъкид мекунад, ки донишҳои мо на модарзодӣ, балки дар асоси идрок ва мушоҳида ҳосил мешаванд.

Дар ин росто, мавриди зикри хос аст, ки психологияи эмпирикӣ бо рушди илмҳои табиатшиносӣ низ алоқаи ногусастанӣ дорад, ба монанди: биология, физиология ва физика. Алоқаи зичи психологияи эмпирикӣ бо физиология дар он ифода меёбад, ки таҳқиқи системаи асаб ва рефлексҳо барои омӯзиши зуҳуроти психикӣ тавассути экспериментҳо заминаи асосиро гузоштанд. Дар ин самт нақши И.П. Павлов ва И.М. Сеченов бузург аст.

Психологияи эмпирикӣ ва алоқаи ногусастании он бо илми психология дар назарияи эволютсионии Ч. Дарвин мехобад. Назарияи Дарвин ба

омӯзиши эмпирикии рафтор ва мутобиқшавии мавҷудоти зинда таъсир гузошт.

Принсипҳои аниқию объективии ченкуниҳо аз физика ба таҳқиқотҳои психологӣ гузаронида шуданд, ки ба пайдошавии психофизика мусоидат намуд. Дар ин самт нақши калонро олим Г. Фехнер бозидааст.

***Психологияи шуравӣ.*** Барои муҳаққиқи муосир психологияи шуравӣ як марҳилаи мураккаби на танҳо эмпирикӣ, балки назариявӣ– методологӣ низ мебошад. Ба ибораи дигар, таърихи психологияи шуравӣ давраи ҳанӯз таҳқиқнашудаи илм ба ҳисоб меравад. «Психологияи советӣ давраи наве дар таърихи ҷаҳонии психология мебошад, ки мақсади он бунёди назарияи диалектикию материалистӣ буд...» [15, с. 209]. Дар даврони шуравӣ истифодаи тестҳои психологӣ яку якбора авҷ гирифт. Бо ибораи дигар, дар даврони шуравӣ он методҳое мавриди истифодаи амал қарор гирифтанд, ки ба талаботи илмӣ мувофиқат намекарданд. Дар ин замина наметавон натиҷаҳои бадастомадаро объективона шуморид. Хусусан, психологияи амалӣ бо бухрони илмӣ рӯ ба рӯ гардид. Бухрони илмӣ дар он ифода мегардид, ки методҳои дар психологияи илмию амалӣ истифодашаванда ба талабот мувофиқат намекарданд, аммо ин зумра методҳо мутаассифона, то ҳол аз ҷониби аксарият истифода мешаванд. Психологҳои соҳаи академию амалӣ миёни роҳ монданд, зеро методҳои илман асоснок вуҷуд надошт ва барои рӯйи кор овардани онҳо бошад, вақти муайян лозим мешавад. Сабаб он буд, ки барои коркарди методика ва ё тестҳои нави психологӣ талаботҳои илмии сершумор пешниҳод шудаанд ва бояд бо онҳо мувофиқат кунанд. Баъдан ин талаботҳо ва коркарди методҳои илман асоснок боиси рушди соҳаи нави психологияи амалӣ хусусан психотехника гардид.

Мушкилоти зикргардида аллакай бо мурур ҳалли худро меёфтанд. Муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ ба масъалаи коркарди тестҳои психологӣ шуруъ намуданд ва он методҳо вобаста ба мақсади таҳқиқоти афзалиятдоштаи ҳамон миллат ва ё замон ҷомеа коркард мешуданд. Масалан, дар Фаронса методҳои психологӣ, ки аз ҷониби Ж. Пиаже коркард гардида буданд, маҳз

барои муайян кардани ноқисиҳои ақлӣ коркард шуда буданд. Пас ин маънои онро дорад, ки мушкилоти психологии ҳамонвақтаро дар ҳамин масъала медиданд. Аммо дар Амрико бошад, тестҳои коркардшуда соҳаҳои васеъро фарогир буданд. Ин методҳо ҳам барои психологҳои соҳаи академӣ ва ҳам барои психологҳои соҳаи амалӣ коркард гардиданд. Методҳои ҳангоми қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бештар аз ҷониби психологҳои соҳаи академӣ истифода мегардад, зеро маҳз фаъолияти касбии онҳо ба илм бахшида шуда буд. Аз ҷониби психологҳои соҳаи амалӣ бошад, тестҳои психологӣ ҷиҳати қабули кормандон ба кор дар ширкатҳо ва муассисаҳои давлатӣ мавриди истифода қарор мегирифт.

Дар Иттиҳоди Шуравӣ бошад, тестҳо бештар дар соҳаи илмӣ ва аз ҷониби псиологҳои академӣ дар системаи маорифи халқ мавриди истифода қарор дода мешуданд. Ҳадафи асосии тестҳои психологиро дар замони шуравӣ муайян кардани маром ба таҳсил ва интихоби касби оядаи хонандагон ташкил медод. Ба ибораи дигар, «Соли 1921 дар Шуравӣ бо роҳбарии В.М. Бехтерев таҳқиқотҳои аввалин оид ба интихоби касб оғоз гардид ва дар соли 1927 дар шаҳри Москва якумин Конференсияи умумииттифоқӣ оид ба психофизиологияи меҳнат ва интихоби касб гузаронида шуд» [89, с. 13].

Дар ин давра суръати истифодаи тестҳои психологӣ дар амалияи ҷаҳонӣ яку якбора баланд гардид. Рушд ёфтани психологияи амалӣ дар дилхоҳ соҳа боиси душворӣ дар назорати он гардиданд. Нафароне, ки тестҳои психологиро истифода бурда метавонистанд, худро психолог муаррифӣ намуда, дар дилхоҳ мавриду ҳолатҳо аз ин гуна тестҳои психологӣ ба таври васеъ истифода мебурданд. То он дараҷае ин масъала авҷ гирифт, ки натиҷаҳои ташхисро дар ҳокимияти давлатӣ истифода намуда, вобаста ба он таъиноти кадрӣ сурат мегирифт. Ин масъала ҷанбаҳои мусбатро ҳам дошт, аммо мутаассифона, бинобар сабаби аз ҷониби ғайримутахассисон истифода гардидани тестҳо боиси коста гардидани фаъолияти психологияи амалӣ ва нобоварӣ нисбати мутахассисони ин соҳа шуда, аз ҷониби кумитаи ҳизби

коммунистӣ истифодаи тестҳои психологӣ дар саросари Иттиҳоди Шуравӣ манъ гардид.

Ин манъкуниҳо боиси рӯ ба таназзул овардани психологияи амалӣ гардид. Ин масъала то он дараҷае рафта расид, ки мансабдорони Амрикоро низ ба худ ҷалб намуданд, мехостанд истифодаи онро манъ кунанд, аммо тарафдорони зиёдро ёфта натавонист. Хусусан, ҳамин масъала буд, ки психологияи амалӣ дар Амрико нисбат ба Иттиҳоди Шуравӣ бештар рушд ёфта буд.

Дар робита ба ишораҳои боло, масъалаҳои зикргардида, механизмҳои рушди он ва аҳаммияти таърихии психологияи шуравиро иваз намуд. Мафҳуми «психологияи шуравӣ» ҳарчанд идеологӣ бошад ҳам, набояд воқеияти таърихиро нодида гирифт. Тарҷумонон ва муҳаққиқони психологияи шуравӣ наметавонанд на маънои идеологии мафҳуми «психологияи шуравӣ» ва на воқеияти илмиро, ки дар заминаи ин мафҳум қарор дорад, нодида гиранд.

Лозим ба ёдоварист, ки гарчанде манъи истифодаи тестҳои психологӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ сурат гирифта бошад, аммо он на ҳамаи соҳаҳаро фаро гирифта буд. Истифодаи онҳо дар сохторҳои низомӣ, аз ҷониби мутахассисони касбӣ сурат мегирифт. Аз ҷониби психологҳои соҳаи академию амалӣ дар маҷмуъ тестҳои лоиҳавӣ мавриди истифода қарор дода мешуданд, ки нуфуз ва рушди минбаъдаи психологияи илмию амалиро дар Иттиҳоди Шуравӣ баланд намуд. Ҳамзамон, ин боиси он гардид, ки он нафарони ғайриихтисос ва ё ғайримутахассисе, ки ба ташиси психологӣ машғул буданд, тоза шуда ҷомеаи илмӣ ин гуна шахсони тасудофиро ба ин васила аз майдони илм дур намуд.

Муҳаққиқон ва ё бо ибораи дигар, методҳои аз ҷониби психологҳои соҳаи академию амалӣ истифодашуда дар сохторҳои низомӣ шуҳрат пайдо намуданд ва аллакай дар даврони Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ истифодаи ин зумра тестҳо идома ёфт. Масалан: «Муҳаққиқ, К.Х. Кекчеев роҳҳои баланд бардоштани ҳассосии биноӣ ва шунавоӣ, усули тезонидани суръати

мутобиқшавии чашм, механизмҳои психологии ниқобпӯшонӣ (маскировка) ва разведкаро коркард намуд. Б.М. Теплов бошад, таҳқиқоти ҳарбӣ–психологии худро бо номи «Ҳиради лашкаркаш» ба чоп расонид. Солҳои 60–уми асри XX таҳқиқоти психологӣ аз нав дар он соҳаҳое эҳё гардид, ки солҳои 30-юмқатъ карда шуда буд. Ҳамзамон, дар ин давра экспертизаи судӣ– психологӣ рӯйи кор омад, ки ифодакунандаи ниёз доштани мақомоти корҳои дохила ба донишҳои психологӣ ва ҳамкорӣ бо психологҳои касбӣ буд» [77, с. 112].

Муҳаққиқи ватанӣ М.Т. Давлатов ба ҷойи мафҳуми психологияи шуравӣ истифодаи психологияи советиро афзалтар медонад ва дар асарҳои худ низ мафҳуми мазкур, яъне психологияи советиро истифода намудааст. Ҳамзамон, дар масъалаи рушди психологияи шуравӣ, дар маҷмуъ, бояд 6 далелро ба инобат гирифт:

Аввалан, бояд ба назар гирифт, ки Инқилоби Октябр дар соли 1917 рух дод ва Иттиҳоди Шуравӣ танҳо панҷ сол баъд дар соли 1922 таъсис ёфт. "Психологияи шуравӣ – ин илми психология дар Русияи шуравӣ (Иттиҳоди Шуравӣ) пас аз соли 1917 мебошад. Танҳо ислоҳоти мазкур онро нишон медиҳад, ки консепсияи психологияи советӣ то чӣ андоза норавшан боқӣ мемонад» [52, с. 112].

Далели дуюм, муҳимтар он аст, ки агар психология дар Русия пас аз соли 1917 сухан дар бораи тағйир додани истилоҳот равад, пас, ин маънои онро дорад, ки аз ҷиҳати мазмун, пас аз соли 1917 дар тамоми психологияи рус ҳеҷ чизро тағйир додан лозим нест: то соли 1917 тамоми психологияро дар Русия русӣ меномиданд, вале баъд аз инқилоб давлат бо номи дигар ном гирифта шуд, бинобар ин, зарурати номи илмро иваз кардан пеш омад. Аз ин нуқтаи назар, дар соли 1917 "психологҳои шуравӣ" бояд А.И. Введенский, Н.Н. Ланге, А.П. Нечаев, Г.И. Челпанов ва дигар психологҳои пеш аз инқилоби рус, ки баъд аз соли 1917 шаҳрвандони Иттиҳоди Шуравӣ гардиданд, психологони шуравӣ ҳисобида мешуданд. «Аммо воқеан, наметавон чунин нашрияҳо (дастурҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳо ва ғайра)

пайдо кард, ки дар онҳо ин муҳаққиқон (ва инчунин дигарон) психологони шуравӣ ёд шаванд» [52, с. 113].

Далели сеюм муҳимтар ба ҳисоб меравад, он бо таҳлили истифодаи мафҳуми «психологияи шуравӣ» дар адабиёти таълимӣ асос ёфтааст. Мутаассифона дар китобҳои ҳамонвақта маводҳои зарурии илмию амалӣ вобаста ба ин масъала дарёфтан хело мушкил буд. Бо ибораи дигар, қариб, ки имконнопазир буд. Аммо дар китобҳо асри XX аз рӯйи мазмуни стандартӣ бо бихевиоризм, психоанализ, психологияи эмпирикӣ, психологияи когнитивӣ оғоз кардан бараъло намоён мешавад. Агар мо дар ин ҷо психологияи шуравиро ҳамчун «илми психология дар Иттиҳоди Шуравӣ» фаҳмем, пас, ба хатои элементарии мантиқӣ дучор мешавем.

Далели чорум тезис дар бораи иваз кардани ибораи психологияи рус бо психологияи шуравӣ ҳатто ҳангоми истинод ба сарнавишти худи ибораи «психологияи шуравӣ» тасдиқ нашудааст. Ибораи психологияи шуравӣ, аз рӯйи хулосаи Л.С. Виготский (1928), А.Р. Лурия (1933) ва Б.Г. Ананев (1933) танҳо дар аввали солҳои 1930 пайдо шудааст. Чунончи аз китоби «Асосҳои психология»– и С.Л. Рубинштейн (1935) бармеояд, дар он дар бораи психологияи шуравӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти назариявӣ, методологӣ ва таърихӣ– илмӣ дар миёнаҳои солҳои 1917, 1923, 1927, 1930 ва 1931 ба шакли устувор ва аз ҷониби умум қабулшуда сухан ронда нашудааст. «Дар давоми солҳои 20-ум и Иттиҳоди Шуравӣ вуҷуд дошт ва дар Иттиҳоди Шуравӣ психология низ мавҷуд буд, аммо мафҳуми психологияи шуравӣ вуҷуд надошт. Аз ин нуқтаи назар расман гуфтан мумкин аст, ки ташаккули психологияи шуравӣ на баъд аз револютсия ва на дар ибтидои солҳои 20-ум , балки дар ибтидои солҳои 30-юмва ҳатто миёнаҳои солҳои 30– ум оғоз ёфтааст» [52, с. 115].

Далели панҷум идомаи далели чорум буда, аз мурочиат ба мафҳуми «психологияи марксистӣ» иборат аст. Воқеан, агар дар тули солҳои 20-ум мафҳуми «психологияи шуравӣ» вуҷуд надошта бошад, пас, дар ин давра пеш аз он ва ба ҷои он чӣ буд? «Мурочиати бевосита ба сарчашмаҳои

ибтидоӣ моро бовар мекунонад, ки дар давоми солҳои 20-ум вазифаҳои мафҳуми психологияи шуравиро, воқеан, мафҳуми «психологияи марксистӣ» иҷро мекард» [44, с. 206]. Агар ба махзанҳои таърихӣ назар афканем, намояндагони психологияи марксистӣ кору фаъолияти хешро солҳои 20-ум ҳусни оғоз бахшиданд. Пас аз ишораҳои боло метавон чунин натиҷагирии мантиқӣ намуд, ки психология шуравӣ аз психология дар Иттиҳоди Шуравӣ бо куллӣ тафовут дорад ва мутахассисони соҳаи таърихи психологияро мебояд онро ҷиддӣ ба инобат гиранд.

Охиран, дар давоми солҳои 20-ум и асри XX дар Иттиҳоди Шуравӣ ғайр аз психологияи марксистӣ боз «психологияҳо»– и дигаре низ мавҷуд будаанд, ки бо психологияи марксистӣ дар шаклҳои гуногун муносибат доштанд. Ҳамаи ин гуногунии «психологияҳо» дар солҳои 20-ум дар Иттиҳоди Шуравӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки «психологияи марксистӣ» дар муқоиса бо «психологияи шуравӣ» вазифаи консепсияи коллективиро нисбат ба тамоми илми психология дар Иттиҳоди Шуравӣ иҷро накарда, танҳо як «психология»– ро ифода мекард.

Далели навбатӣ, яъне далели 6-ум мантиқан 5 далелҳои дигарро дар худ натиҷагирӣ менамояд. Хулосагирӣ бояд чунин шавад, ки агар мафҳумҳои бештар истифодашаванда ба монанди психологияи шуравӣ ва ё психологияи даврони шуравӣ истифода мешаванд, аз махзанҳои таърихии илмӣ вобастагии амиқ доранд, ки дар он ёдгориҳои таърихӣ бештар кадом мафҳум истифода гардидааст ва танҳо ба он бояд такя намуд.

Маълумотҳои дар боло овардашуда, ки бо мафҳуми далелҳо қайд шуда буданд, муҳаққиқон онро метавонанд ба сифати далелҳои муҳимми таърихӣ мавриди истифода қарор диҳанд. Дар асоси таҳлили далелҳои болозикр, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки «психологияи шуравӣ» аз «илми психология дар Иттиҳоди Шуравӣ» комилан фарқ дорад. Аз ин бармеояд, ки омӯзиши «таърихи психологияи шуравӣ» ва «таърихи илми психология дар Иттиҳоди Шуравӣ», аслан, ду вазифаи гуногун мебошанд. Масъалаи ниҳоии таҳқиқот ҳамин гуна аст: агар дар солҳои аввали баъди инқилоб психологияи

шуравӣ дар ягон шакл на дар шакли мафҳумҳои мушаххаси илмӣ, назарияву консепсяҳои илмии психологӣ, андешаҳо ва ғояҳои психологӣ ба назар намерасид, пас метавон ишора намуд, ки дар ин давра танҳо психологияи шуравӣ арзи ҳастӣ менамуду халос ва ин ба охири солҳои 30-юм рост меояд.

Илми психология дар Иттиҳоди Шуравӣ дар тараққкиёти таърихии худ як қисми ҷудонашавандаи таърихи психологияи рус мебошад, бинобар ин, бояд аз рӯйи ҳамин стандарт тавсиф карда шавад. Баъдан худи илми психология дар Иттиҳоди Шуравӣ системае ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ сохторҳои мухталафи илмиро дар бар мегирад, ки дар раванди инкишоф таъсири мутақобила доштанд. «Аз ин нуқтаи назар сохти илми психология дар Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 1920– 1930 шаш самти асосии илмиро ташкил медод: психологияи субъективӣ (мактаби Г.И. Челпанов), психологияи динӣ– фалсафӣ (С.Л. Франк, Н.О. Лосский, И.И. Лапшин, И.А. Илин ва ғ.), психологияи объективӣ (мактаби В.М. Бехтерев ва И.П. Павлов), психологияи марксистӣ (мактаби К.Я. Кор, мактаби Харков, мактаби С.Л.Рубинштейн), психоанализ (И.Д. Ермаков, Н.Е. Осипов, М.В. Вулф, А.Р. Лурия, М.И. Астватсатуров ва дигарон) ва психологияи муносибат (мактаби Д.Н. Узнадзе)» [97, с. 12]. Самтҳои зикршуда, дар маҷмуъ, таъсири мутақобила ва динамикаи худро ба назар гирифта, тамоми илми психологияи Иттиҳоди Шуравиро дар солҳои 1920– 1930 ба маънои васеаш ифода мекунанд.

Рушди психологияи шуравӣ ҳамчун соҳаи мустақили илмӣ дар ду давра ба амал омад. Давраи аввал солҳои 20-ум ро дар бар гирифта, дар худ се самти афзалиятноки илми психологияи ҳамонвақтаро инъикос менамуд, ба монанди: психологияи субъективӣ, психологияи марксистӣ ва психологияи объективӣ (К. Н. Корнилов, М. Я. Басов, Л. С. Виготский ва дигарон) дар баробари назария ва консепсияҳои ғайримарксистӣ (куҳна ва нав, ватанӣ ва хориҷӣ) низ вуҷуд дошт. «Дар ин давра категорияи рафтор марказӣ буд. «Психологияи марксистӣ» шакли ибтидоӣ, марҳалаи якуми инкишофи

психологияи шуравӣ ва ба маънои маҳдуд ҳамчун самти мустақили илмӣ буд» [36, с. 150].

Давраи дуюм тақрибан баъди 10 соли давраи аввал оғоз гардид, яъне агар давраи аввал солҳои 1920-ро дар бар мегирифт, пас давраи дуюм, солҳои 1930-ро фаро гирифт. Заминаҳои асосии ин давраро давраи интиқол ва ё бо ибораи дигар, давраи гузариш ташкил медод. Ҷойгоҳи психологияи марксистиро психологияи шуравӣ гирифт. Муҳаққиқон аллакай таҳияи воситаҳоро бо дарназардошти психология шуравӣ оғоз намуданд. Ба ҳайси аввалин муҳаққиқони давраи дуюм С.Л. Рубинштейн, Б.Г. Ананев ва А.Н. Леонтевро метавон ишора намуд. Чуноне ишора мегардад: «Дар ин марҳила ҳамаи самтҳо ва мактабҳои дигар (ғайримарксистӣ, ғайришуравӣ) ба гунае саҳнаро тарк карданд ва дар психологияи шуравӣ категорияи фаъолият ба мадди аввал баромад» [118].

Дар охири солҳои 1930 аввали солҳои 1940 психологияи шуравиро ҳамчун самти илмӣ мактабҳои муҳаққиқони барчастаи шуравӣ инкишоф доданд, ба монанди:

– мактаби С.Л. Рубинштейн;

– мактаби Харков, ки онро муҳаққиқон П.И. Зинченко, А.В. Запорожетс ва дигарон намояндагӣ мекарданд;

– институти таҳқиқотию илмии психологӣ. Институти мазкур дар маркази Иттиҳоди Шуравӣ, яъне шаҳри Москва таъсис ёфта буд ва онро чунин муҳаққиқон намояндагӣ мекарданд: К.Н. Корнилов, А.А. Смирнов, Б.М. Теплов, Л.М. Шварс ва дигарон;

– инчунин мактабҳои Б.Г. Ананев, Г. Костюк, А.Н. Леонтев ва Д.Н. Узнадзе, муаррифӣ мекарданд. «Психика (фаъолияти равонӣ) ҳамчун предмети психологияи шуравӣ эътироф шуда, принсипи ягонагии шуур ва фаъолият ҳамчун принсипи методологии роҳнамо баромад мекард» [35, с. 87].

Дар идомаи зикри маълумоти таърихӣ ишора ба саҳми донишмандони бузурги шуравию ватанӣ, ки дар рушди психологияи ватанӣ дар даврони

шуравӣ саҳми арзанда гузоштаанд, муҳим арзёбӣ мегардад. «Барои тараққиёти илми психология дар Тоҷикистон хусусан хизмати М.Г. Ярошевский калон аст. Маҳз бо роҳбарии ӯ дар ҷумҳуриамон доир ба назарияю таърихи психология ва психологияи педагогӣ корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ авҷ гирифтанд» [15, с. 243].

***Саҳми академик Д.И. Фелдштейн дар бунёд ва рушди психология дар Тоҷикистон.*** Давид Иософович Фелдштейн 30 ноябри соли 1929 дар Воронеж таваллуд шудааст. Мавсуфро метавон яке аз чеҳраҳои шинохтаи соҳаи психологияи педагогии Иттиҳоди Шуравӣ унвон бурд. Ҷиҳати рушди психологияи илмию амалии Тоҷикистони шуравӣ нақш ва саҳми арзанда гузоштааст. Мавсуф зодаи Русия мебошад, ҳамзамон, хурсандиовараш он аст, ки Д.И. Фелдштейн хатмкардаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ мебошад.

Чеҳраи шинохтаи соҳаи психологияи педагогӣ ишора намудани муҳаққиқ дар он аст, ки мавсуф тамоми осори илмию публистиаш маҳз ба ҳамин соҳа бахшида шудаанд. Чуноне ишора мегардад: «Дар ин росто, натиҷаҳои фаъолияти илмии шастсолааш дар асар ва мақолаҳои илмӣ ҷамъоварӣ шудаанд, ки дар Русия ва берун аз он (ИМА, Канада, Ҷопон, Португалия, Фаронса, Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон ва ғ.) то ба имрӯз ба таври васеъ истифода мегарданд» [122].

Муҳаққиқи мазкур тавонист бо истифода аз донишҳои психологияи педагогӣ ҷомеаи заруриро дар мактаб– интернатҳо ташкил диҳад. Донишҳоро бевосита дар амал табиқ менамуд ва ба ин васила ба дигарон мушаххасан мохият ва зарурияти донишҳои психологиро дар самти мазкур нишон медод. Бо истифодаи ин донишҳо аллакай хонандагони ин мактаби махсус худро пеш аз ҳама ҳамчун шахс медиданд ва ҳамзамон ҳис мекарданд.

Бинобар сабаби фаъолона иштирок кардан дар таълиму тарбияи насли наврас, хусусан дар масъалаи хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боиси он гардиид, ки ӯро директори яке аз мактабҳо таъин мекунанд. Гарчанде дар он давра мафҳум ва ё ба қавле ибораи

хадамоти психологӣ дар мактаб сухан намерафт, аммо Д.И. Фелдштейн заминаҳои асосиро барои масъалаи мазкур кӯшиш ба харҷ медод. Ҳамин тавр, дар синни 22– солагӣ дар яке аз мактабҳое директор таъин мегардад, ки дар дохили он боз се муассисаи дигар фаъолият мекард, аз қабили муассисаи мардона, занона ва муассисаи ҷавонони коргар. Бинобар сабаби хуб донистани соҳаи психологияи педагогӣ Д.И. Фелдштейн аз ҷониби кормандон иззату эҳтироми хоссаро ба зудӣ пайдо намуд.

Дар замони роҳбарии ӯ, ҷанбаҳои психологии таълиму тарбия, эҳтироми хонандагон пеш аз ҳама ҳамчун шахсият ва рушди шахсияти хонандагон тавассути назарияҳои олимони соҳаи психологияи педагогиро роҳандозӣ намуд, дар раванди таълим онҳоро ворида он сохт ва ҳамаи ин боиси он гардид, ки мактабе, ки Д.И. Фелдштейн директораш буд, ба яке аз беҳтарин муассисаҳои таълимии Тоҷикистон табдил ёфт. Тасодуфӣ нест, ки маҳз ба Д.И. Фелдштейн мактаб– интернати кӯдакони аз таваллуд то 18– соларо бовар намуданд. Д.И. Фелдштейн барои кӯдакони мактаб– интернат шароити хубро фароҳам оварда буд, ки онҳо худро шахсияти ба ҷомеа зарур ҳисобанд. Хадамоти психологиро дар мактаб-интернат тарзе татбиқ намуд, ки тарбиятгирандагони онҳо пеш аз ҳама худро ҳамчун шахсият эътироф мекарданд ва ҳамзамон, дар онҳо ҳисси даркор будан ба ҷомеа пайдо шуда буд. Яъне, агар ба мактаб– интернатҳои дигар назар мекардем, пас маълум мегардад, ки аксарияти тарбиятгирандагони онҳо худро ҳамчун кӯдаки нолозима барои ҷомеа ҳис мекарданд ва таассуротҳои манфиро (стресс, апатия, депрессия) аз сар мегузарониданд.

Хадамоти психологӣ на танҳо корро бо кӯдакон, балки бо калонсолон низ ҷорӣ намуд, ки натиҷаи хубро ҳосил намуд.

Ҷорӣ намудани донишҳои психологӣ дар самти педагогӣ, хусусан ҷиҳати таълиму тарбияи душвортарбияҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ хуб пазироӣ гардида, ӯ бо ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат» қадрдонӣ карда шуд. Баъдан, мактаби махсуси ҷумҳуриявии наврасони душвортарбияро роҳбарӣ намуд. Д.И. Фелдштейн дар пешрафти ин муассиса низ нақши басо назаррас

дорад. Ба ӯ муяссар гардид, ки барои кӯдаконе, ки дар оғози зиндагӣ ба мушкилиҳо рӯбарӯ гаштаанд, як хонаи воқеиро бунёд намояд. Омӯзгорон кӯшиш мекарданд, ки дар онҳо шавқу ҳавасро нисбат ба ҳунарҳои гуногун, дӯст доштани китобу санъат бедор намоянд. Бесабаб нест, ки наврасон баъд аз рафтанашон аз мактаб– интернат муаллимашонро фаромӯш намекарданд ва ҳамеша аз ҳолу аҳволаш хабардор буданд. Таҷрибаи корӣ дар мактаб– интернат самараи илмӣ овард.

Д.И. Фелдштейн масъалаҳои таълиму тарбияи душвортарбияҳоро аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, натиҷаи бадастомадаро ҳамчун рисолаи докторӣ пешниҳод ва онро соли 1963 дар Академияи илмҳои педагогӣ дар мавзуи «Системаи меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ барои хонандагони мактаб-интернати ҳаштсола ҳамчун воситаи тарбияи ахлоқии бачагон ва наврасон ҳимоя намуд» [122].

Соли 1965 Д.И. Фелдштейн ба мактаби олӣ дар лабораторияи эксперименталӣ ва таълими барномавӣ фаъолиятшро оғоз карда, то соли 1970 кафедраи психология ва педагогикаро роҳбарӣ намуд.

«Солҳои 70– уми асри XX коллективи муаллимони кафедраи педагогика ва психологияи Университети давлатии Тоҷикистон бо роҳбарии профессор Д.И. Фелдштейн бо ҳалли масъалаҳои педагогӣ– психологии ташаккули шахсият, хусусиятҳои психологии наврасон, ҷавонон ва донишҷӯён машғул шуданд» [15, с. 243].

Асарҳои илмии Д.И. Фелдштейн дар соҳаи илми психологияву педагогика ва таълим дар тамоми ҷаҳон паҳн гардидааст. Самти асосии таҳқиқоти назариявӣ ва амалии чандинсолаи Д.И. Фелдштейн мушкилоти психологӣ ва педагогии инкишофи кӯдак, муайян кардани механизмҳо ва хусусиятҳои раванди инкишофи шуур, худшиносӣ, инкишофи шахсии кӯдак ба ҳисоб меравад. Д.И. Фелдштейн типологияи самти шахсиятро таҳия намуда, маромҳои пешбарандаи инкишофи шахсро шарҳ, ҳамзамон, механизмҳою характери бозсозии онҳоро ошкор сохт.

Академик Д.И. Фелдштейн назарияи инкишофи иҷтимоии даврагии шахс ва даврабандии иҷтимоӣ– меёъри кӯдакро, ки маҳз ба соҳаи психологияи педагогӣ бахшида шуда буд, коркард намуда, онро вориди соҳаи мазкур гардонид. Барои рӯйи кор овардани назарияву коркарди худ, мавсуф аз ҷониби Президенти Федератсияи Русия бо ҷоиза дар соҳаи маориф сарфароз гардонида шуд. «Соли 2006 ҷоизаи Ҳукумати Федератсияи Руссияро дар соҳаи маориф маротибаи дуюм соҳиб гардид» [122].

Соли 1980 Д.И. Фелдштейн узви фахрии «Ассотсиатсияи психологони Амрико» ва узви «Шурои ҳамоҳангсозии Ҷамъияти байналмилалии таҳқиқотӣ оид ба рушди рафтор» интихоб гардид. Д.И. Фелдштейн ҳамчун олими барҷаста дар рушди педагогика ва психологияи синнусолӣ, психологияи рушд ва психологияи шахсият саҳми бузург гузоштааст. Андешаҳои илмии ӯ дар корҳои илмии шогирдон ва пайравонаш то имрӯз инкишоф ёфта истодааст.

Агар ба таърихи истифодаи донишҳои психологӣ дар системаи маорифи халқ ва ё бо ибораи дигар, ба масъалаи хадамоти психологӣ дар мактабҳо назар кунем, пас, маълум мегардад, ки педагог ва психологи машҳур Д.И. Фелдштейн дар соҳаи мазкур саҳм ва нақши назаррасу босазо гузоштааст. Ӯ дар Тоҷикистон аввалин олиме маҳсуб мешавад, ки дар масъалаи таъсиси хадамоти психологӣ дар мактабҳо андешаҳои хешро пешниҳод кард, ҳамзамон, тавонист андешаҳои худро дар амал татбиқ намояд.

***Михаил Григоревич Ярошевский*** – доктори илмҳои психологӣ, профессор, аъзои фахрии Ҷамъияти муаллифони Русия, узви вобастаи Академияи илмҳои Ню– Йорк. Ходими пешбари илмии Академияи илмҳои Русия, гирандаи лаурети мукофоти С.Л. Рубинштейн. Михаил Григоревич Ярошевский соли 1937 факултети забон ва адабиёти руси Институти педагогии Ленинградро хатм намудааст. Дар нимаи соли 1940 аз Ленинград ба Москва кӯчида, ба Институти фалсафаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ бо роҳбарии С.Л. Рубинштейн ба кор шуруъ намуда, ба зинаи аспирантураи Институти давлатии психология дохил мешавад. Соли 1945

рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Таълимоти А.А. Потебни дар бораи забон ва шуур» ҳимоя намуд. Соли 1951 аз Москва ба Тоҷикистон кӯчида, ба Институти педагогии Ленинобод дар кафедраи забон ва адабиёт ба ҳайси омӯзгори калон ба кор шуруъ менамояд.

Соли 1960 дар Институти педагогии Душанбе кафедраи психологияро таъсис медиҳад. Инчунин, дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон лабораторияи психологияи амалиро таъсис дода, онро то ба Москва рафтанаш (соли 1965) роҳбарӣ менамояд. Ӯ солҳои зиёд узви ҳайати маҷаллаи таърихи табиатшиносӣ ва техникӣ ба ҳисоб мерафт. Соли 1998 ба ИМА мекӯчад. Ӯ мутахассиси таърихи илм, назария ва методологияи психология ва психологияи санъат мебошад. «М.Г. Ярошевский бисёр принсипҳои муҳимми илм, аз ҷумла сохти категориалии психология ва методологияи онро кашф кард» [68, с. 66]. Дар Тоҷикистон асосҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла равишҳои таърихи илми психологияро гузошт. Барои тараққиёти ин самт М.Г. Ярошевский аз методҳои коркарднамудаи худ (таҳлили категориалӣ) истифода менамуд. Ин равиш шароити иҷтимоию таърихиро ба назар гирифта, пайдоиш ва инкишофи мафҳумҳои психологиро муайян мекард. Равиши мазкур омӯзиши идеогенез, услуби маърифат, доираи мухолиф, апперсепсияи категориявӣ ва дигар омилҳоро, ки асоси фаъолияти мактаби илмӣ мебошад, дар бар мегирифт.

Мавсуф принсипи детерминизмро муҳимтарин принсипи муайянкунандаи инкишофи психология меҳисобад. Ҷузъҳои устувор ва тағйирёбандаи донишҳои илмӣ – категоряҳо, принсипҳо ва проблемаҳои илмиро таҳқиқ менамуд. Инчунин, ҷиҳатҳои иҷтимоии инкишофи донишҳои илмиро меомӯхт. Омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ инкишофи институти илмӣ ва вазъи иҷтимоии инкишофи псиология ба М.Г. Ярошевский барои ба вуҷуд овардани равияи нав дар таҳқиқоти илмӣ – психологияи иҷтимоӣ, барои муайян намудани консепсияи мактаби илмӣ ёрӣ расонид.

Дар асоси консепсияи «Барномаи таҳқиқотӣ»-и пешниҳоднамудаи ӯ, як гурӯҳ олимони ташкилкунандаи мактаби илмӣ муттаҳид мешаванд. М.Г.

Ярошевский мактабҳоеро, ки дар психологияи рус вуҷуд доштанд, мактаби Павлов, Виготский тавсиф намуда, методологияи онҳоро таҳлил намуд.

Таҳлили робитаи миёни мантиқи рушди институти илмӣ бо чунин параметрҳо ҳамчун дарки иҷтимоӣ, равияи маърифатӣ, сифатҳои шахсии олимонро ба назар гирифта, М.Г. Ярошевсий имконият пайдо кард, то ин ки робитаи ҷанбаҳои объективю субъектвиӣ ва ҳамзамон робитаи миёни онҳоро муайян ва ошкор созад. Масъалаи мазкур дар баробари ба таври амиқ фаҳмидани заминаҳои таърихӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ки ҳатто муаррихон ва психологҳои соҳаи академию амалӣ дар замони муосир аз он ба таври васеъ истифода мекунанд. Таҳлили М.Г. Ярошевский имконият медиҳад, ки сабабҳои проблемаҳои методологие, ки ҳоло дар психология мавҷуданд, фаҳмида, ҳатто қисман дурнамои имконпазири инкишофи он дар оянда пешгӯӣ карда шаванд. Боз як самти дигаре, ки аз ҷониби М.Г. Ярошевский корбарӣ шудааст, ба таҳлили методологӣ, асосҳои назариявии психология, проблемаҳо, принсипҳо ва сохтори категориалӣ имкон дод, ки дониш дар бораи психика, механизм ва дараҷаи фаъолияти он ки дар давоми садсолҳо ба вуҷуд омадаанд, дар системаи ягона ташкил дода шавад.

М.Г. Ярошевский аввалин лексияи худро дар зиндони Ленинград, ки дар онҷо 25 нафар буданд, хондааст. Дар зиндон маҳбусон ба навбат лексия мехонданд, М.Г. Ярошевский бошад, аксар вақт дар бораи Афлотун ва Арасту лексия мехонд. Дар Тоҷикистон М.Г. Ярошевский оид ба проблемаҳои детерминизм дар психология якчанд асар навиштааст. Масъалаи он ки майна «сабаби» фаъолияти психикӣ аст, оё психикаро физиология муайян мекунад, дар соли 1950 дар натиҷаи «сессияи Павлов» шадид гардид. Дар мубоҳисае, ки аз ҷиҳати сиёсӣ асоснок карда шуда буд, назарияи рефлексҳои шартӣ ягона назарияи дуруст эълон карда шуд, ки қариб ҳамаи протсесҳои психологиро шарҳ медиҳад. Бисёре аз психологҳо, аз ҷумла М.Г. Ярошевский ба ин розӣ набуд. Вай ба навиштани принсипи детерминизм дар психология, ки аз сабабҳои механикӣ фарқ мекунад, оғоз намуд. Ӯ монографияеро, ки соли 1961 дар Душанбе ба табъ расида буд, ба

Москва ба Институти психология мефиристад. Баъди дида баромадани он директори институт А.А. Смирнов М.Г. Ярошевскийро барои ҳимояи монография ҳамчун рисолаи докторӣ даъват менамояд.

Профессор М. Ярошевский дар рушди психологияи ватанӣ накши муассири хешро гузоштааст. Бори нахуст солҳои 1963 ва 1964 дар Душанбе Симпозиум дар масъалаи рушди психологияи илмию амалӣ, хусусан масъалаҳои фаъолияти психологҳои соҳаи академию амали мавриди баррасии васеи илмӣ қарор дода шуданд. Психологҳои соҳаи академию амалии дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба Душанбе ташриф оварда, фаъолона иштирок намуданд. Аз шаҳри Москва муҳаққиқони барҷастаю шинохтаи ҷаҳонӣ, психологҳои соҳаи академию амалӣ А.Н. Леонтев, Ю.А. Давидов, Н.Ф. Тализина, Д. Элконин, В.В. Давидов, П. Рудик, П. Якобсон, С.Ф. Жуйков, Н.Ф. Талисина ва дигарон омада буданд. Симпозиумуми иттифоқӣ ҷиҳати рушди психологияи ватанӣ саҳми ногусастании худро гузошт. Бо ибораи дигар, «Ҳангоми баррасии масъалаи тараққиёти илми психологияи ватанӣ бояд дар назар дошт, ки Тоҷикистон дар таркиби Иттиҳоди Шуравӣ қарор дошт ва зери таъсири идеологияи марксистии он давра камол ёфт. Ба ин масъала муҳаққиқи ватанӣ Н.М. Юнусова низ ишора мекунад: «Дар ин давра дар Тоҷикистон таҳқиқотҳои психологӣ зери таъсири психологияи даврони шуравӣ ва намояндагони барҷастаи он Л.А. Венгер ва М.Г. Ярошевский оғоз гардиданд. Аввалин китоби дарсии «Психология» тарҷумаи китоби «Психология»-и Б.М. Теплов буд, ки соли 1948 зери таҳрири академик А. Баҳоваддинов аз чоп баромад. Инчунин хизмати профессор М.Г. Ярошевский дар инкишофи илми психология дар Тоҷикистон бузург аст. Маҳз бо ташаббуси ӯ дар Институти педагогии Душанбе кафедраҳои педагогика ва психология ва дар соли 1963 дар университет лабораторияи таҳқиқоти психологӣ ташкил ёфтанд.

Олими ватанӣ Р. Атохонов аввалин доктори илмҳои психологӣ буда, саҳми ӯ ҳамчун муҳаққиқи тоҷик дар ду давраи психотаърих: шуравӣ ва ватанӣ калон аст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Тоҷикистон рушди соҳаҳои мазкур, яъне психологияи илмию амалӣ зери муҳаққиқони шуравӣ рушд мекард. Муҳаққиқони шуравӣ, ки ҳамон вақт дар Тоҷикистон кору фаъолият мекарданд, хусусан, М.Г. Ярошевский ва Л.А. Венгер аз ҷумлаи муҳаққиқоне мебошанд, ки ба рушди психологияи ватанӣ нақши назаррасро гузоштанд.

Профессор М.Г. Ярошевский дар рушди психологияи илмию амалӣ мавқеи калидиро гузоштааст. Номбурда барои рушди психологияи илмию амалӣ таъсиси кафедраҳоро афзалтар шуморид ва кушодани онҳоро дар Институти педагогии Душанбе мавриди тарҳрезӣ қарор дод. Институти ҳамонвақта бо мурур рушд ёфтан гирифта, имрӯз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ унвон дорад ва ин кафедра имрӯз ба як факултети бузург табдил ёфтааст.

Дар баробари ин, профессор М.Г. Ярошевский дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кафедраи педагогика ва психология ва ҳамзамон таъсиси лабораторияи психологиро дар ин замина ба роҳ монд. Бо ибораи дигар: «Ҳамон солҳо дар Тоҷикистон се маркази таҳқиқотии психологӣ пайдо шуд: кафедраи психологияи Институти педагогии шаҳри Душанбе, лабораторияи таҳқиқотӣ дар назди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) ва кафедраи педагогика ва психологияи ҳамин донишгоҳ» [102, с. 26].

Профессори тоҷик, Р. Атохонов заҳмату кӯшишҳои профессор М.Г. Ярошевский, Д.И. Фелдштейн ва дигаронро муҳим шуморида, ҷиҳати рушди минбаъдаи психологияи ватанӣ кӯшиш ба харҷ дод. Профессор Р. Атохонов дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ки ҳоло яке аз донишгоҳи бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ мебошад, масъалаи кафедраи психологияро пешниҳод намуд ва он аз ҷониби роҳбарияти ҳамонвақта қабул гардида таъсис ёфт.

Дар даврони шуравӣ шодравон Р. Атохонов нахустин доктори илмҳои психологӣ дар Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки муҳаққиқони болозикр дар рушди илми психология дар Тоҷикистон саҳми назаррасро гузоштаанд. Ҳамзамон,

рушди ин илм дар Тоҷикистон марҳилаҳои гуногунии таърихиро паси сар намудааст ва вобаста ба ин, муҳаққиқи ватанӣ М. Давлатов чунин ишора мекунад: «Давраи тараққиёти психология ҳамчун илм ва ҳамзамон ташаккул ва тараққиёти илми психология дар Тоҷикистон чунинанд» [15, с. 18-19]:

***Ҷадвали №2. Давраи тараққиёти психология ҳамчун илм ва ҳамзамон ташаккул ва тараққиёти илми психология дар Тоҷикистон***

| | |
|---|---|
| Дараҷаи 1 – ибтидои асри XIX – солҳои 60– уми асри XX | Ташаккули тасаввуротҳои табиию илмии психология ҳамчун илми мустақил |
| Дараҷаи 2 – солҳои 60– уми асри XIX – охири асри XIX | Пайдоиш ва тараққиёти ибтидоии психология ҳамчун илми мустақил |
| Дараҷаи 3 – солҳои 10– уми нимаи солҳои 30– уми асри XX | Бухрони кушод дар психология |
| Дараҷаи 4 – солҳои 20– 30– уми асри XX | Ташаккули психологияи советӣ ва заминаҳои рушди психологияи ватанӣ дар зери таъсири он |
| Дараҷаи 5 – охирҳои солҳои 30-юмва 50– уми асри XX | Хомӯшшавии бухрон дар психологияи хориҷӣ. Инкишофи психологияи советӣ дар соҳаи назария |
| Дараҷаи 6 – солҳои 60– ум – 90– уми асри XX | Ҷустуҷӯи назарияҳои нави илмӣ дар психологияи хориҷӣ ва психологияи ватанӣ |
| Дараҷаи 7. Охири асри XX – то замони ҳозира | Ташаккул ва тараққиёти психология дар Тоҷикистони шуравӣ ва дар даврони соҳибистиқлолӣ |

Хулоса, психология дар даврони шуравиро метавон ба ду маъно фаҳмид ва онро натиҷагирӣ намуд: ба маънои маҳдуд ва васеъ. Ба маънои аввалаш психология дар даврони шуравӣ ҳамчун самти илмӣ эътироф мегардад ва ба солҳои бистуми асри бист рост меояд. Дар ин давра психология дар шуравӣ чуноне аз ишораҳои болозикр маълум мегардад, зери назари файласуфон ва ғояпарастони марксистӣ рушди худро азсар гузаронидааст. Ҳамаи ин боиси он гардид, ки тули 10 сол, яъне аз солҳои 1930 то соли 1940 ташаккули психологияи шуравӣ ҳамчун самти мустақили илмӣ дар системаи психологияи ҷаҳонии асри XX саҳм гузошт ва ба давраи нави инкишоф рӯ овард.

# БОБИ 2. РУШДИ ПСИХОЛОГИЯ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Заминаҳо ва хусусиятҳои рушди психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ барои рушди психологияи илмию амалӣ дар ҷумҳурӣ имконияти васеъ пеш омад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст ва бегуфтугӯ он ба илми психология таъсири худро гузоштааст. Илми психология низ омӯзишу таҳлили ин гуна ҳуҷҷатҳоро дар раванди таҳқиқот муҳим мешуморад. Таҳқиқотчӣ ба таҳлили ин гуна ҳуҷҷатҳо машғул шуда, метавонад ҳолатҳои клиникию эмотсионалии ҳамон давраро дар корҳои илмии хеш инъикос намояд. Масалан, таҳлили филмҳои мустанад, ки оқибатҳои ҷанги шарҳрвандӣ, заминаҳои ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, вазъи психологии мардуми тоҷик дар давраи баъдиҷангӣ, барномаи телевизионии даврони соҳибистиқлолии «Равондармонӣ», таҳлили барномаҳои хусусияти психологидоштаи шабакаҳои иҷтимоӣ (ҳам аз тарафи психологи касбӣ ва ҳам аз тарафи ғайримутаххассисон сурат мегирад), ҳамзамон, маводҳои илмӣ ва дигар маводҳо дар пажӯҳиш ба инобат гирифта шуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки инъикоси ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва истифодаи онҳо дар таҳқиқоти психологӣ аксар вақт аз типи идроки муҳаққиқ вобастагии амиқ дорад. Муҳаққиқоне, ки худ шоҳиди ҳодисаҳо буданд, дар баробари таҳлили ҳуҷҷатҳои таърихӣ воқеаҳои дидаро бори дигар ба хотир оварда, ҳамон давраи таърихӣ метавонад ба онҳо тобиши эмотсионалӣ бахшанд. Аммо муҳаққиқоне, ки воқеаҳоро надидаанду аз сар нагузаронидаанд, ҷиҳати бахшидани тобиши эмотсоналӣ метавонанд ба иштибоҳ роҳ диҳанд, зеро чи тавре ишора намуда будем, ин аз типи идроки муҳаққиқ вобастагии амиқ дорад.

Дар ин замина таърихи рушди психологияи илмию амалиро дар Тоҷикистон мухтасаран ҳамчун меваи соҳибистиқлолӣ дар се соҳа: соҳаи

маориф, соҳаи сохторҳои низомӣ ва дар доираи фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

***Заминаҳои рушди психологияи илмию амалӣ дар соҳаи маорифи Тоҷикистон.*** Сарсухани ин зербобро бо суханони Пешвои муаззами миллат мувофиқи мақсад мешуморем, ки чунин ишора мекунанд: "Дар мактабҳои олӣ бояд ихтисосҳое таҳия карда шаванд, ки руҳияи солим дар ҷомеа, аз қабили психологияро ташаккул диҳанд. Дар кишварҳои пешрафта чунин мутахассисон дар тамоми соҳаҳои истеҳсолот кор мекунанд» [17, с. 3].

Мутаассифона, зинаи рушди психологияи ватанӣ бо бурхӯрдҳо рӯбарӯ гардид. Зеро аксари мутахассисони соҳаи дигар худро психолог медонистанд ва муаррифӣ ҳам мекарданд, ки барои рушди психологияи ватанӣ монеаи ҷиддиро ба бор овард. Аслан, сухан сари он меравад, ки бархӯрд дар ду соҳа ба амал омад, яке илм дигаре амалия. Бархӯрди илмӣ он буд, ки муҳаққиқони илмҳои дигар худро психолог медонистанд. Дар масъалаи амалӣ бошад, ин истифодаи донишҳои содаи психологӣ аз ҷониби нафарони ғайримутахассисон – нафароне, ки ҳатто маълумоти олӣ надоштанд. Ба ин мисол шуда метавонад, ба қавле фолбинҳо. Ҷиҳати ҳалли ин масъала чораандешии Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон нақши муассирро дорад. Мувофиқи қонунгузорӣ нафари ба ин корҳо дастзада ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ин иқдом корҳо боиси рушди психологияи амалӣ, баланд гардидани боварии мардум ба психологҳои амалӣ гардиданд.

Дар асоси таҳлили андешаҳои боло, метавон рушди психологияи ватанӣ, хусусан, соҳаҳои илмию амалиро дар соҳаи маориф чунин ишора намуд.

*Таъсис додани шуъбаи «Психология».* «Бо ташаббуси профессор Р. Атохонов соли 1994 дар факултети таърихи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон шуъбаи психология таъсис ёфт ва ин як навъ гардишеро дар инкишофи илми психология ба вуҷуд овард» [15, с. 245].

Дар ин ҷода, зарурати маълумоти мухтасар дар бораи Атохонов Р. пеш меояд. Атохонов Р. (1936– 2021) – доктори илмҳои психологӣ (1994), аъзо–корреспонденти шуъбаи тоҷикии Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ

(1995), аз соли 1957 муаллими математикаи мактабҳои миёна. Хатмкардаи Институти давлатии педагогии Душанбе (1964). Аз соли 1964 дар Университети давлатии Тоҷикистон ба ҳайси корманди хурди илмӣ, мудири лабаратория (соли 1972), мудири кафедраи психология (соли 1982) кор кардааст. Мунтазам бо Институти психологияи умумӣ ва педагогии АИП ИҶШС (ҳозира Институти психология ба номи А.Г. Шукшина) ҳамкорӣ менамуданд, шогирди В.В. Давидов мебошад.

«Мавсуф аз соли 1997 профессори Институти байналхалқии иқтисод ва ҳуқуқи Университети давлатии нефту гази Тюмен, директори маркази хадамоти психологии то мактаби олӣ ва тайёрии касбии ИБИ ва ХТ, аъзои Шурои диссертатсионӣ барои дараҷаи номзади илмӣ (аз педагогика) дар назди Университети давлатии Тюмен. Аълочии мактаби олии ИҶШС (1986), Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995)» [48, с. 103].

Мавсуф дар корҳои худ масъалаи ташаккули типҳои тафаккур ва дар доираи тафаккури назариявӣ, инкишофи зинаҳои таркибии он – таҳлили назариявӣ, банақшагирӣ ва рефлексияро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои хеш ба чунин хулоса меояд, ка татбиқи назарияи таълими мутараққӣ дар мактаб ба ташаккули тафаккури назариявӣ дар кӯдакон имконият медиҳад.

Соли 1994 бо ташаббуси профессор Р. Атохонов дар факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шуъбаи психология ташкил карда шуд, ки дар марҳалаи кунунии рушд маркази омоданамоии кадрҳои соҳаи психология маҳсуб меравад.

Соли 2000-ум шаш нафар (се психиатр ва се психологҳо М. Ғуломов, М.Т. Давлатов, Н.Қ. Амонов, Н.М. Ҳамроева ва дигарон) тибқи лоиҳаи байналхалқӣ ҷиҳати шиносоӣ ва табодули таҷрибаҳои психологҳои Испания дар пешгирии вайроншавиҳои стрессии баъдиосебӣ муддати 2 моҳ барои такмили ихтисос ба Испания равона гардидаанд ва он натиҷаи заруриро дод.

Аз ҷониби аксари психологҳои соҳаи академию амалӣ рушди психологияи амалӣ дар Тоҷикистон он аз соли 1997 инҷониб эътироф

гардидааст. Ҳамзамон, психологҳои соҳаи академию амалӣ заминагузори психологияи амалии даврони соҳибистиқлолӣ профессор Н.М. Юнусоваро меноманд. Мавсуф пас аз ҷанги шаҳрвандӣ аввалин ташкилоти психологиро ҷиҳати расонидани кумакҳои психологӣ ба аҳолӣ таъсис дод. Соли таъсисёбии он ва оғози фаъолияти ин ташкилоти ғайриҳукуматӣ ба соли 1997 рост меояд. Ин ташкилот «Маркази ёрии психологӣ» ном дошт ва соли 2025 фаъолияти хешро расман қатъ намуд.

Таҳқиқоти психологӣ дар ин давра масъалаҳои актуалии психологияи умумӣ, кӯдакона, синну сол, педагогӣ, иҷтимоӣ, махсус ва психологияи варзиш гузаронида шуда буданд. Ба инҳо дохил мешаванд: «Асосҳои психологии ташаккули шахсият» (Д.И. Фелдштейн, Ш. Додобоева, А. Тошматов ва ғайра). «Психологияи азхудкунии забон аз ҷониби хонандагон» (В.Х. Салибоев, Н.С. Сафаров, С.Н. Алиев, Н.Д. Франк, А.Р. Мансурова), «Психологияи варзиш» (Н.Н. Турсунов), «Омӯзиши барномавӣ» (Р.З. Атохонов, «Ҷанбаҳои тарбия» (М. Зуфарова, М. Ахмедов, В.И. Макарова, Р. И. Деревянко), «Хусусиятҳои психологии фаъолияти равонии кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ» (Е. Ф. Николаева, Т.И. Недоспасова, Н. Амонов), «Асосҳои ташаккули шахсияти ҷинояткорони ноболиғ» (Д.И. Фелдштейн, С. Қосимова), «Таърихи психологияи Тоҷикистон» (Г.Е. Устоев), «Таърихи психология» (М. Давлатов), «Психологияи амалӣ» (Н.М. Юнусова), «Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт» (С.Х. Расулов), «Таъсири омили ҳавасмандгардонӣ ба муваффақияти таълими шунавоӣ дар синфҳои 4–7– и мактаби тоҷикӣ» (А.Р. Мансурова) ва метавон идома дод: Г. Мамадалиева дар мавзуи «Пешгирӣ ва ислоҳи ҳолати изтироб дар наврасони муосир», доктори илмҳои психологӣ Ҳ.А. Зайтметов дар мавзуи «Рушди қобилият ба эмпатия дар психологҳои оянда» ва С.З. Латифзода «Психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигарон.

*Ташкилоти ҷамъиятии равоншиносон-машваратчиён ва равондармонҳои Тоҷикистон.* Ҷамъияти мазкур ихтиёрӣ, худидоракунӣ ва ҳамзамон, ғайритиҷоратӣ буда, соли 2016 таъсис ёфтааст. Ҳадафи асосии

ҷамъияти мазкур дар муттаҳид намудани психологҳо– машваратчиён ва равондармонҳо ҷиҳати ҳамоҳанг сохтани фаъолияти касбӣ ва илмӣ, инчунин намояндагӣ ва ҳимоя намудани манфиатҳои аъзоёни ҷамъият дар соҳаи психология ва психотерапия мехобад. Ҷамъияти мазкур чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

– «ташкил намудани чорабиниҳо, машваратҳо, семинарҳо, тренингҳо дар сатми психология, психотерапия, инчунин ҷалб намудани мутахассисон аз хориҷи дуру наздик, гузаронидани онҳо дар шакли анъанавӣ ва бо истифода аз алоқаи интернетӣ;

– расонидани кумаки иттилоотӣ-таҳлилӣ, методологӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ба аъзоёни ҷамъият оид ба масъалаҳои фаъолияти касбӣ ва илмии онҳо;

– иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ вобаста ба масъалаҳои психология ва психотерпапия;

– мусоидат дар баланд бардоштани ихтисоси аъзоён, васеъ кардан ва густариш додани донишу малакаҳои амалии онҳо;

– расонидани ёрии машваратӣ ба аъзоёни ҷамъият оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва одоби касбӣ;

– мусоидат ба такомулдиҳӣ ва расонидани ёрии психологӣ ва психотерапевтӣ ба аҳолӣ ва ғайраҳо» [48, с. 520-521].

Роҳбарии ҷамъияти мазкурро аз рӯзи таъсисёбӣ то соли 2019 Г.Д. Гулмирзоева бар ухда дошт. Баъдан, аз соли 2019 то соли 2025 роҳбарии ин ташкилот бар души номзади илмҳои психологӣ, дотсент М.Ё. Шарипова вогузор гардид. Аз соли 2025 то инҷониб дотсенти кафедраи психология, С.Х. Расулов роҳбари ин ҷамъият мебошад.

*Таъсиси Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси психология.* Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ шумораи номзадон ва доктори илм рӯ ба афзоиш ниҳод. Ҳамзамон, боиси хушнудист, ки аллакай олимон ва муҳаққиқони ҷавон метавонанд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол рисолаҳои илмии хешро аз рӯйи ихтисосҳои «6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, 6D050305 – Психологияи

иҷтимоӣ ва 6D050306 – Психологияи ҳуқуқӣ» ҳимоя намоянд, ки ин орзуи деринаи тамоми психологони тоҷик буд. Ҳоло дар Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси психология се шурои диссертатсионӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

«Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисосхои 6D050300 – Психология (6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ ва 6D050306 – Психологияи ҳуқуқӣ) ва оид ба дарёфти дарадаи илмии номзади илмхои психологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 19.00.00 – Психология (19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология. 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ ва 19.00.05 – Психологияи ҳуқуқӣ) таъсис дода шудааст» [120].

Дар назди ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ Шурои диссертатсионӣ таъсис дода шуд ва он аз рӯйи ихтисоси психологияи педагогӣ рисолаҳоро барои ҳимоя қабул мекунад.

Шурои навбатӣ дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» таъсис ёфт, ки дар он оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – аз рӯйи ихтисосҳои 6D050300 – Психология (6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология ва оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.00 – Психология (19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология ва 19.00.07 – Психологияи педагогӣ) ҳимоя карда мешавад».

Аллакай, дар даврони соҳибистиқлолӣ 2 нафар С.Б. Бобоева ва Ҳ.А. Зайтметов рисолаҳои доктории худро аз рӯйи ихтисоси психология дифоъ намуданд.

*Таъсиси кафедраи умумидонишгоҳии психология дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.* «Кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ аз 10 02.1992 бо фармони №7 ва карори Шурои илмии

донишгоҳ аз 6.01.1992 арзи вуҷуд дорад» [110]. Мутаассифона, як муддат фаъолият накард ва бо фармоиши №68 аз 15.09.1997 барҳам дода шуд ва омӯзгорони он ба сохтори кафедраи педагогика шомил гардиданд. Бо қарори Шурои илмии донишгоҳ аз 30.12.2005 таҳти №5 бо фармоиши №6 аз 25.01.2006 кафедраи умумидонишгоҳии психология аз сохтори кафедраи педагогика бароварда шуда, дубора мустақил гардид.

*Қабули барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон.* Моҳи декабри соли 2016 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавононро тасдиқ намуд, ки дар он диққати асосӣ ба беҳтар кардани дастрасии наврасон ба хизматрасониҳои солимии психикӣ равона карда шудааст.

*Таъсиси факултети психология дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.* Дар асоси ба миён омадани эҳтиёҷи муассисаҳои таҳсилотӣ ба психолог ва мутахассисон– дефектологон барои кӯдакони имконияти маҳдуди таҳсилдошта, бо қарори Шурои олимони донишгоҳ аз 10 августи соли 2016, дар заминаи факултети таҳсилоти ибтидоӣ факултети психология, таҳсилоти томактабӣ ва фарогир ташкил карда шуд. «Соли 2017 дар заминаи факултети навтаъсис иловатан чор ихтисоси дигар: психология иҷтимоӣ, психологияи умумӣ, психологияи педагогӣ ва психологияи муносибатҳои оилавӣ таъсис дода шуд» [112].

Дар кафедраҳои факултети мазкур устодони соҳибмактаби сатҳи байналмилалӣ кору фаъолият кардаанд, аз ҷумла: А.М. Баҳоваддинов, З.Л. Беркович, Н.А. Тарговитс, М.Г. Бикчентай, М.Г. Ярошевский, А. Антонемко, М.Х. Покровская, М.К. Казачкова, Н.Н. Турсунов, В.Х. Солеҳбоев, С.Н. Алиев, А. Пудинаев, Н.М. Юнусова, Б. Маҷидова, М. Саидов ва дигарон.

*Таъсиси факултети психология дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.* Дар назди Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо фармони Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №05/1 аз 21.05.2019 ва фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии

Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров №175 аз 25.06.2019 факултети психология ва таҳсилоти томактабӣ таъсис дода шуд, ки аз соли хониши 2019– 2020 ба фаъолият оғоз намуд» [113].

*Психологи мактабӣ.* Дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, воҳиди кории психологи мактабӣ ҷорӣ карда шуд. «Моҳи январи соли 2019 бо қарори раиси шаҳри Душанбе тамоми мактабҳои шаҳр бояд бо психологони мактабӣ таъмин карда шаванд. Дар баробари ин, Низомнома дар бораи фаъолияти психолог дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то ҳол қабул ва тасдиқ нашудааст, бояд тасдиқ гардад, зеро ба омода намудани мутахассисони касбӣ – психолог эҳтиёҷоти зиёд вуҷуд дорад» [89, с. 5].

Бо омадани психолог ба соҳаи маориф умедҳои муайяни иҷтимоӣ алоқаманданд. Шаклпарастӣ, номуташаккилӣ, фарқ накардану ба эътибор нагирифтани фардияти хонандагон, ҳавасмандкунии зоҳирии фаъолият ва рафтори кӯдакон танҳо шуморе аз педагогикаи «бекӯдакӣ» ва психологияи функсионалианд, ки симои мактабро барои бошандагони он камҷалбкунанда менамуд. Ҳузури психолог дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла боғчаҳо ва мактабҳо, ба рушди шахсияти кӯдакон, омӯзгорон ва роҳбарон таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, барои шахсияти психолог чунин талаботҳо пешниҳод мешаванд: Психолог бояд дорои қобилиятҳои баланди зеҳнӣ, тафаккури таҳлилӣ, дақиқназарӣ ва озодандешӣ бошад. Ӯ бояд бо одамон кор карданро дӯст дорад, нисбат ба онҳо меҳрубон ва боодоб бошад, инчунин қобилияти ташкили гурӯҳҳоро дошта бошад. Психолог ба фаъолияти гурӯҳӣ майл дошта, манфиатҳои умумиро аз манфиатҳои шахсӣ боло мегузорад ва ҳисси масъулият дорад. Ӯ бояд аз ҷиҳати эмотсионалӣ устувор, ором ва таҳаммулпазир бошад ва дар шароити стресс низ қобилияти дуруст арзёбӣ намудани вазъиятро дошта бошад.

Имрӯз дар мактабҳо ду намуди психологҳо фаъолият мекунанд: психологҳои назариявӣ ва психологҳои иҷтимоӣ– амалӣ. Ба гурӯҳи аввал бештар шахсоне дохил мешаванд, ки ба таҳқиқоти илмӣ майл доранд ва фаъолияти худро бештар бо корҳои таҳқиқотӣ мепайванданд. Ба гурӯҳи

дуюм бошад, онҳое дохил мешаванд, ки ба муоширот ва кор бо одамон бештар таваҷҷуҳ доранд ва аксаран аз муҳити омӯзгорӣ ба соҳаи психологияи амалӣ меоянд.

Ҳамзамон, ишора намудан зарур аст, ки бетаҷрибагию камтаҷрибагии шахс, қувваи пасти «эго», зеҳни паст, набудани ҳамҳиссию ҳамдардӣ, ҳал карда натавонистани муаммоҳо, бездории аз ҳад зиёд, муташаккилии паст, бадмуқобилиятнишондиҳӣ ба стресс ва изтиробнокии баланд ба ин намуди фаъолият мувофиқ нестанд.

Албатта, ин талабот дар умуманд, чунки пайдо намудани одамоне, ки дар онҳо ин ҳама мувофиқат намояд, душвор аст. Аз ин рӯ, талаботи мазкур бояд ҳамчун намуна дида баромада шаванду ҳамчун нишондиҳанда хизмат кунанд.

Имрӯз дар мактаб чунин психологҳо кору фаъолият мекунанд: назарияпардозҳо (ақлӣ) ва равияи иҷтимоидошта. Ба намуди якум таҳлилгариҳои бомулоҳиза, одамони мустақил ва мумтоз дохил мешаванд. Дар онҳо малакаҳои назариявӣ бартарӣ дорад. Чун қоида, онҳо хатмкунандаҳои донишгоҳҳо мебошанд, ки ояндаи худашонро на бо мактаб, балки бо фаъолияти илмӣ алоқаманд намудаанд. Онҳо ба ташвишҳои амалии мактаб, ба муаллимон ва роҳбароне, ки танҳо курси маҳви бесаводии психологиро гузаштаанд, чандон эътибори ҷиддӣ надода, балки дар доираи расмӣ– маъмурӣ муносибат менамоянд. Ин гурӯҳро тавассути ташкил намудани лабораторияҳои проблемавӣ, майдонҳои озмоишӣ дар назди мактаб ҷалб намудан мумкин аст. Ин ҳолат метавонад ба баланду пурқувват гаштани мароми ҷустуҷӯиҳои самараноки илмии психолог мусоидат намояд.

Гурӯҳи дигари психологҳо ба намуди равияи иҷтимоидошта дохил мешаванд. Онҳо одамоне мебошанд, ки дорои чунин хислатҳоянд: кӯшиши ёд додану тарбия намудан, аз назари психологӣ омода будан ва муносибат намудан бо одамон ва ғ. Ба онҳо талабот ба муоширот хос аст. Ҳангоми ҳалли масъалаҳо бо ҳиссиёту эмотсияҳо такя мекунанд ва дорои қобилиятҳои хуби шифоҳӣ мебошанд. Ин намуди психологҳо бештар дар байни

омӯзгороне вомехӯранд, ки ба факултети психологҳои амалӣ омадаанд. Мақсаду мароми такмили ихтисоси онҳоро дар аксари ҳолат маромҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

«Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе то соли 2018 фаъолияти психологон дар муассисаҳои томактабӣ чунин буд» [90, с. 222-223]:

***Ҷадвали №3. Муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ***

| **Ноҳияҳои ш. Душанбе** | **Шумораи муассисаҳои томактабӣ** | **Дар вазифаи психолог** | **Психологони касбӣ** |
|---|---|---|---|
| И. Сомонӣ | 15 | 15 | 11 |
| Сино | 39 | 39 | 30 |
| Шоҳмансур | Надорад | – | |
| Фирдавсӣ | Надорад | – | |
| Ҳамагӣ дар ш. Душанбе | 54 | 54 | 41 |

«Дар 2 ноҳия (И. Сомонӣ ва Сино) аз 54 кӯдакистон: 41 психологони кӯдакистон маълумоти касбии психологӣ доранд; 13 нафар маълумоти махсус надоранд; 1 кӯдакистон вазифаи психолог надорад» [90, с. 223].

***«Ҷадвали №4. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ш. Душанбе»***

[90, с. 223].

| **Ноҳияҳои ш. Душанбе** | **Шумора** | **Дар вазифаи психолог** | **Психологони касбӣ** |
|---|---|---|---|
| И. Сомонӣ | 20 | 18 | 2 |
| Шоҳмансур | 17 | 15 –1 муассиса надорад | 1 |
| Сино | 40 | 37 | 6 |
| Фирдавсӣ | 21 | 14 –7 муассиса надорад | 2 |
| Литсей ва гимназияҳо | 4 | 3 – 1 муассиса надорад | 1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ***Идомаи ҷадвали №4.*** | | | |
| МТМУ барои сустбиноён | 1 | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ: | 103 | 87<br>– 9 муассиса надорад | 13 |

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати психологро дар муассисаҳои типи пӯшида ҷиҳати офиятбахшии иҷтимоию психологии онҳо дарк намуда, ҷиҳати ислоҳи ноболиғон воҳиди кории психологро дар ин гуна муассисаҳо ворид ва таъсис намуд.

Иштироки психологҳои академию амалӣ дар сомонаҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои телевизионию радиоӣ ба рушди психологияи ватанӣ такон бахшиданд.

Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ нарасидани мутахассисон– психологҳо мушоҳида мешавад.

***Рушд ва дурнамои инкишофи психологияи илмию амалӣ дар замони соҳибистиқлолӣ дар сохторҳои низомии Тоҷикистон.*** Тамоюли муҳимтарини тамаддуни ояндаи инсонӣ офаридани ҷомеаи асоси ҳуқуқидошта ба шумор меравад. Қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва тараққиёти ҷомеа дар ягонагии зич ҷой гирифтаанд. Таърих меомӯзад, ҳаёту зиндагии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бо боварӣ тасдиқ мекунад, ки иқтисодиёт наметавонад бе эҳтиром ба қонун ва риояи он ҳам рушд ёбаду ҳам аз ҷиҳати моддию маънавӣ талаботҳои шаҳрвандонро қонеъ созад.

Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҳои психологӣ дар як қатор самтҳо истифода мешаванд:

– самти экспертизаи (ташхис) судӣ-психологӣ. Донишҳои психологии самти мазкур дар ошкор сохтани ҳолатҳои эмотсионалии субъектони ҷиноят (дар гумонбаршуда, ҷабрдида, шоҳид ва дигарон) мехобад;

– гузаронидани ташхиси психологӣ ҷиҳати муайян намудани коршоямии касбию психологии довталабон ва кормандон. Самти мазкур дар навбати худ ташхиси психологии ду категорияро дар бар мегирад. Гузаронидани ташхиси

психологӣ бо довталабоне, ки дар муассисаҳои таҳсилотии олии ҳарбикунонидашудаи Ҷумҳурӣ ва ё хориҷи кишвар нияти таҳсил карданро доранд ва бо кормандоне, ки ба вазифаи роҳбарикунанда пешниҳод гардидааст;

– аз ҷониби психологи воҳиди сохтории муайян ташкил ва гузаронидани машваратҳои психологӣ бо кормандон ва аъзоёни оилаи ба кумаки психологӣ ниёздошта;

– бо кормандони таъинотҳои махсус, ки дар фаъолияти экстремалӣ кору фаъолият мекунанд, офиятбахшии иҷтимоӣ ва психологӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро ин зумраи кормандон пас аз баргаштан аз амалиётҳои махсус бояд шиддати эмотсионалии онҳо муътадил карда шавад, вагарна зери ин шиддат метавонанд рафторҳои гуногуни зиддиқонуниро содир намоянд.

Ғайр аз ин, ду самти дигари афзалиятноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқро метавон ишора намуд, ки истифодаи донишҳои психологӣ дар баробари муҳим арзёбӣ гардидан, мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Ин воҳидҳо воҳидҳои оперативӣ ва тафтишотӣ маҳсуб меравард. Мақсади асосии истифодаи донишҳои психологӣ ин пеш аз ҳама иштирок дар пурсишҳои опертивӣ, тартиб додани симои психологии субъектони ҷиноят ва ғайра мебошад.

Истифодаи донишҳои психологӣ дар соҳаҳои мазкур низ муҳим арзёбӣ мегарданд:

– истифодаи донишҳои психологӣ дар самти тафтишотӣ ва оперативӣ (барои тартиб додани симои психологии ҷинояткорони номаълум, иштирок дар пурсиш, рӯбарӯкунӣ, муайян намудани ҳолатҳои эмотсионалӣ, дурӯғгӯии субъектони ҷиноят ва ғ.);

– фаъолияти психолог дар ҷузъу томҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (дар ин ҷода психолог барои омӯхтани фазои психологии коллективи ҳарбӣ-меҳнатӣ, машваратҳои психологии зарурӣ бо мақсади бартараф намудани эмотсияҳои манфии дар раванди кор бaамаломада, гузаронидани машваратҳои психологӣ бо аъзоёни оилаи онҳо ва ғ.);

– истифодаи донишҳои психологӣ дар самти кор бо ноболиғону ҷавонон (гузаронидани корҳои психологииислоҳнамоию офиятбахшӣ бо мақсади пешгирии ҳолатҳои номатлуби замони муосир, аз қабили шомилшавии онҳо ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ).

Бо ташаббус ва дастгириҳои роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан мушкилотҳои марбутаи ВКД ҳалли худро ёфта истодаанд, аз ҷумла соли 2019 бори аввал коршиносон-психологони тоҷик ба Академияи идоракунии ВКД Русия барои таҳсил сафарбар шуданд. Албатта, ин шаҳодати он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд ва инкишофи низоми мақомти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯзҳои аввали таъсисёбии он диққати ҷиддӣ ва зарурӣ равона шуда, бо мутахассисони касбӣ таъмин карда шуда истодаанд.

Соли 2012 аз ҷониби Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Маркази ташхиси психологӣ»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ расман ба истифода дода шуд. Ногуфта намонад, ки он ягона марказе мебошад, ки фаъолияташ ба интихоби касбӣ-психологии кормандони сохторҳои қудратӣ равона гардидааст [7, с. 65], ҳамзамон, «Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни дигар сохторҳои қудратӣ ташаббускори аввалин оид ба истифодаи донишҳои психологӣ дар тамоми миқёси ҷумҳурӣ ба шумор меравад» [6, с. 200– 201].

Мавриди зикри хос аст, ки агар ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ назар кунем, пас моҳият ва зарурияти кору фаъолияти психолог дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ дар ду санад ишора гардидааст ва ин санадҳо дар рушди психологияи ватании соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши худро гузоштанд, ки ин санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ инҳоянд: «Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва «Барномаи ислоҳоти милитсия (рушд) барои солҳои 2014-2020). Стратегия ва Барнома пешниҳод мекунанд, ки меъёрҳои кабули кормандони мақомоти дохилӣ бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ба талаботи ҳозира мувофиқ бошад» [9, с. 125].

Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 таъсис ёфта, дар омода намудани мутахассисони соҳавӣ нақши муҳим мебозад. «Он дар заминаи сикли фанҳои ҳуқуқӣ, ки соли 1970 таъсис дода шуда, ба сохтори Мактаби махсуси миёнаи милитсияи Вазорати корҳои дохилии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ дар ш. Душанбе дохил мешуд, ба вуҷуд омадааст» [109].

Дар кафедраи мазкур дар марҳилаҳои аввал ҳуқуқшиносон, ба монанди К.Ҳ. Солиев, Т.Ш. Шарипов, Ғ. Сатторов, А.Ш. Ализода (А.Ш. Алиев), Ҳ.С. Сафарзода (Ҳ.С. Сафаров), Х.А. Умари, (Х.А. Умаров), П.А. Насуриён, (П.А. Насуров), А.А. Абдурашидзода (А.А. Абдурашидов), М.А. Амридинзода (М.А. Нажбудинов), С.Ҳ. Ҳусейнзода ва дигарон барои пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Воҳиди кории психолог дар Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. Дар муассисаҳои ислоҳии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди кории психолог баҳри ислоҳнамоии психологии маҳбусон таъсис дода шуд.

Фаъолияти психолог дар «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе». Дар «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» бо мақсади интихоби тиббӣ–психологии ҳавонавардон ва кормандони фурудгоҳ фаъолияти психолог ба роҳ монда шуд.

Дар Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои соҳаи психологияи ҳарбӣ омода карда мешаванд.

Тағйиру илова ба моддаи 203-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021 №1811 ворид карда шуд, ки дар бобати иштироки психолог чунин оварда шудааст: «Ҳангоми пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ба синни шонздаҳ нарасида, инчунин шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғе, ки бинобар ҳолати ҷисмонӣ ё руҳии худ имконияти мустақилона ҳимоя кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро надорад, иштироки омӯзгор ва (ё) равоншинос ҳатмӣ мебошад (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 №1811)» [115].

Чопи китобҳои дарсӣ. Дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби олимони ватанӣ китобҳои дарсии соҳавӣ рӯйи чоп оварда шуд. Аз ҷумла соли 2010 аз ҷониби гурӯҳи муаллифон китоби дарсии «Психология» рӯйи чоп омад.

Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои номатлуб, аз қабили амалҳои террористию экстремистӣ, хурофотпарастию ҷудоихоҳӣ, таассуби динӣ, сари вақт кушодани ҷиноятҳо, ҳамзамон, бо мақсади баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҷиҳати иҷрои баланди вазифаҳои хизматӣ– оперативӣ аз ҷониби мутахассисони касбии соҳаи мазкур, дотсентон С.З. Латифзода ва Ф.М. Қосимов китоби дарсӣ рӯйи чоп омад. Ин китоб «Психологияи фаъолияти оперативӣ– ҷустуҷӯӣ» унвон гирифта, барои кормандони соҳаи орперативӣ– ҷустуҷӯӣ пешниҳод гардидааст. Асари мазкур зери назари Раҳимзода Рамазон Ҳамро – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия омода шудааст.

***Такмили хизматрасониҳои психологӣ дар доираи фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ.*** Аз соли 1997 ба баъд дар Тоҷикистон психологияи амалӣ инкишоф ёфт, ки заминагузори он доктори илмҳои педагогӣ, профессор Н.М. Юнусова мебошад. Соли 1997 пас аз ҷанги шаҳрвандӣ мардум дар баробари эҳтиёҷоти молиявию амниятӣ ба кумакҳои психологӣ низ ниёз доштанд. Ташкилоти ғайриҳукуматии «Маркази ёрии психологӣ» ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур лоиҳаеро зери унвони «Ташхис, ислоҳ ва барқарорсозии ҳолатҳои буҳронии шахсият» пешниҳод намуд, ки аз ҷониби ташкилотҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мегардад. Лоиҳаи мазкур боиси рушди психологияи амалӣ ва рушди малакаҳои касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ гардид. Дар маҷмуъ, психологҳои соҳаи академӣ ҷиҳати рушди психологияи амалии ватанӣ як қатор лоиҳаҳоро мавриди амал қарор доданд.

Бори нахуст психологҳои соҳаи амалӣ, хусусан соҳаи кор дар ҳолатҳои фавқуллода дар асоси лоиҳаи «Расонидани ёрии таъҷилии психологӣ дар ҳолатҳои фавқулода» омода карда шуданд. Психологҳои амалӣ дар минтақаҳои фавқуллодаи Ванҷ ва Кӯлоб нақши муассирро гузоштанд. Ин

гуфтаҳо маънои онро доранд, ки психологҳои соҳаи академию амалӣ дар маҷмуъ тавонистанд дар ҳолаҳои фавқуллода кумаки касбии худро расонанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ соли 2012 соле маҳсуб меравад, ки Ҳукумати мамлакат дар рушди психологияи ватанӣ, хусусан психологияи илмию амалӣ нақши муассирро гузошт. Ҷиҳати баланд бардоштани маҳорату малака ва касбияти психологҳои соҳаи академию амалӣ ва илман мавриди таҳқиқи психологӣ қарор додани мушкилоти худкушӣ миёна наврасон дар кишварро ба роҳ монд. Бори нахуст психологҳои соҳаи академию амалӣ бо воситаҳои ташхисии муосир ҷиҳати муайян намудани ҳолатҳои худкушӣ миёни наврасон муҷаҳҳаз гардонида шуданд. Дар ин кор мутахассисони касбии Амрико, хусусан психологҳои соҳаи академию амалӣ дар маҷмуъ аз Донишгоҳи Колумбияи Амрико даъват шуданд. Психологҳои соҳаи академию амалии донишгоҳи номбурда бо психологҳои соҳаи академию амалии Тоҷикистон (хусусан Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров лоиҳаи мазкурро бар дӯш гирифта буд) ҳамкориро ба роҳ монданд. Тими миллӣ бо психологҳои соҳаи академию амалӣ ташкил карда шуд ва ин тимро мудири кафедраи ҳамонвақтаи психологияи факултети фалсафаи ДМТ Юнусова Нафисахон Муродовна роҳбарӣ менамуд. Сабаби асосии соли 2012 барои рушди психологияии илмию амалӣ такони ҷиддӣ ва дастгирии бузурги Ҳукумат дар он маҳсуб меравад, ки таҳқиқоти мазкур на танҳо яке аз таҳқиқотҳои бузург дар Тоҷикистон, балки миёни ҷумҳуриҳио Осиёи Марказӣ маҳсуб меравад.

Ҳамзамон, психологҳои соҳаи академию амалӣ дар чунин самтҳо кору фаъолият карда истода, онро бо мурур рушд дода истодаанд ва ин самтҳо чунинанд:

– Бори нахуст дар даврони соҳибистиқлолӣ (хусусан соли 2015) ёрии палиативӣ мавриди амал қарор гирифт. Дар рафти роҳандозӣ гардидани ин гуна корҳо, аз ҷониби психологҳои соҳаи амалӣ бо нафароне, ки ба бемории саратон гирифтор буданд, кумаки психологӣ дода мешуд. Аҳаммияти ин самт ба зудӣ дарк гардида, фанни дахлдор барои барномаи магистратура

пешниҳод шуд. Айни ҳол ин фан дар зинаи магистратураи ихтисоси психология дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омӯзонда мешавад.

– Телефони боварӣ дар баъзе муассисаҳои давлатӣ таъсис дода шуд. Ин хадамот барои расонидани кумаки фаврии равонӣ ба аҳолӣ дар Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардида, то имрӯз фаъолият дорад.

– Маркази худшиносии занон назди Ҳукумати шаҳри Душанбе ба сокинони пойтахт хизматрасонии равонӣ мерасонад.

Психологҳои соҳаи академӣ ва амалӣ дар гузаронидани ташхисҳои судӣ– психологӣ иштирок менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар ин самт баъзе мушкилот мавҷуданд, ки ҳалли саривақтиро талаб мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин ба шахсони маъюб кумаки равонӣ расонида мешавад. Ин кор аз ҷониби Маркази миллии Тоҷикистон оид ба мубориза бо минаҳо ташкил гардидааст, ки моҳи июни соли 2003 бо дастгирии Барномаи рушди СММ таъсис ёфта, ҳамчун муассисаи иҷроияи комиссияи ҳукуматӣ оид ба татбиқи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона фаъолият мекунад.

Ҳамзамон, бояд ёдовар гардид, ки психологҳои соҳаи академию амалӣ, хусусан омӯзгорони кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ бо осебдидагон аз таркиши минаҳо корҳои бузурги психологиро ба роҳ мондаанд. Донишҳои аввалини психологӣ барои духтуроне, ки бо ин зумра нафарон корҳои табобатию ҷарроҳиро пеш мебурданд, омӯзонида шуданд. Яъне, донишҳои аввалини психологӣ ҷиҳати болида намудани ҳолати равонии себдидагон, бедор сохтани маром ба ҳаёт дар онҳо кумаки заруририро расонида тавонист. Табибоне, ки аз ҷониби психологҳои соҳаи академию амалӣ донишҳои аввалини психологиро дар хусуси масъалаи мазкур гирифтанд, инҳо табибони шаҳри Душанбе, табибони вилоятҳои Хатлон ва Суғд маҳсуб мераванд.

Тайи чанд солҳои охир масъалаи таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таҳислоти олии

кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аллакай психологҳои соҳаи академию амалӣ моҳият ва зарури онро дар ҷомеаи Тоҷикистонӣ дарк намуданд ва кумакҳои психологии хешро ҷиҳати роҳандозӣ намудани таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монданд. Ин кумакҳо пеш аз ҳама омода намудани омӯзгорони ин муассисаҳо ва худи кӯдакони имконоташон маҳдудро фаро мегирифт.

*Лоиҳаи Хазинаи кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) зери унвони «Расонидани ёрии психологӣ ба мактаббачагони аз сел осебдида дар ноҳияи Шурообод».* Лоиҳаи мазкур аз 28 апрел то 28 июни соли 2014 аз ҷониби омӯзгорони кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Ҳадафи лоиҳаи мазкур дар он буд, ки моҳи апрели соли равон 2014 дар ноҳияи Шурообод омадани сел ба қайд гирифта шуд, ки ба мардум дар баробари хисороти зиёди иқтисодӣ осеби равонӣ низ расонидааст. Дар натиҷа чанд мактаб қисман ё пурра корношоям гардидаанд ва мусаллам аст, ки мактаббачагон феълан ба ёрии касбии психологӣ эҳтиёҷ доранд. Тибқи маълумоти бадастомада дар минтақаи офатзада 280 нафар мактаббачагон ба таҳсил фаро гирифта шуданд, ки 100 нафарашон тарбиятгирандагони мактаб– интернат буданд.

Бо назардошти дар минтақаи аз офатҳои табиӣ осебпазир қарор доштани ноҳияи Шурообод, махсусан ҷамоати деҳоти Саричашма ба омӯзгорон омӯзонидани маҳорату малакаи расонидани ёрии психологӣ ба мактаббачагон дар ҳолатҳои фавқуллода хеле зарар буда, аз ҳолати стресс баровардани мактаббачагон шарти муҳим аст.

Лоиҳаи мазкур чунин вазифаҳоро дар ин давом ба сомон расонид:

1. Таҳияи модули семинарии омӯзишӣ дар мавзуи «Расонидани ёрии психологӣ ба кӯдакону наврасон дар вазъияти фавқуллода» ва маводди дидактикӣ оид ба ҳамин масъала. Дар ин доира се модул тайёр карда мешавад:

- модули семинарии омӯзишии 2– рӯза барои муаллимон дар мавзуи «Расонидани ёрии психологӣ ба кӯдакону наврасон дар вазъияти фавқуллода»;
- модули расонидани ёрии психологӣ ба мактаббачагони минтақаи офатзадаи ҷамоати деҳоти Саричашма;
- модули кори психологӣ бо волидайни бачаҳои «гурӯҳи хатар» оид ба роҳандозӣ кардани корҳои психокорректсионӣ;

2. Гузаронидани семинари омӯзишӣ бо муаллимони мактабҳои дар минтақаи офат қарордоштаи ноҳия оид ба масъалаи расонидани ёрии психологӣ ба кӯдакону наврасон дар ҳолатҳои фавқулодда.

3. Гузаронидани корҳои амалии психологӣ бо мактаббачагони минтақаи зарардида бо мақсади аз ҳолати тарс ва стресс баровардани онҳо ва муайян кардани бачаҳое, ки дар онҳо нишнаҳои вайроншавиҳои баъди зарбаи руҳӣ ва стресс мавҷуданд (гурӯҳи хатар).

4. Бурдани корҳои психологӣ бо волидайни бачаҳое, ки ба «гурӯҳи хатар» дохил мешаванд.

Дар ин доира аз методикаи силсиларасмҳо ва афсонаҳо истифода бурдем. Бартараф намудани тарс дар кӯдакон пеш аз ҳама барои он зарур аст, ки тарси дар онҳо бар асари офати табиӣ ҳукмфармошуда ба тарси хроникӣ табдил наёбад ва боиси гирифторшавии кӯдакон ба вайроншавиҳои руҳии баъди осеби руҳӣ (ВБОР) нагардад.

Хулоса, лоиҳаи мазкур дар рушди фаъолияти касбии ҳам психологияи илмӣ ва ҳам психологияи амалӣ нақши назаррасро гузошта тавонист.

## 2.2. Таҳлили муқоисавии фаъолияти психологҳои соҳаи академию амалӣ дар марҳилаи кунунии рушди психологияи ватанӣ

***Таҳлили психологии масъалаи касбият.*** Дар замони пуртазоди сиёсии ҷомеаи ҷаҳони муосир дар назди психолог вазифаҳои пурмасъулият, ба монанди: машварати психологию психотерапевтӣ, муайян намудани хусусиятҳои психологии субъектони ҷиноят ҷиҳати ошкор намудани мароми

ҷиноят ва ғайра. Ҷиҳати таҳлили психологии касбият таҳлили психологии фаъолияти мушаххас нақши пешбарро ишғол менамояд.

Таҳқиқ ва омӯзиши фаъолият чи дар психологияи даврони шуравӣ, чи дар психологияи рус ва чи дар психологияи соҳибистиқлолӣ мавзуи меҳвариро ташкил медиҳад. Дар ҳар се давраи ишорагардида (шуравӣ, психологияи рус ва даврони соҳибистиқлолӣ) таҳқиқотҳои бузург оид ба масъалаи фаъолият гузаронида шудаанд. Масалан, муҳаққиқи шуравӣ С.Л. Рубинштейн доир ба ин масъала чунин қайд менамояд: «Хусусиятҳои психологии шахс аз ибтидо дода нашудааст, балки дар раванди фаъолият шакл мегиранд ва инкишоф меёбанд» [51, с. 281].

Дар раванди иҷрои фаъолияти касбӣ сохти психологии шахс, аз қабили равия, шавқу ҳавас, фикру ақидаронӣ, баҳогузории худ тағйир меёбад. Дар психологияи муосир фаъолият чунин таъриф дода мешавад: «Шакли муносибати фаъолонаи одам бо муҳити иҳотакарда, ки он шуурона дар асоси мақсади фаҳмидашуда муайян карда мешавад» [28, с. 164].

Одатан, олимон аз рӯйи меъёрҳои гуногун фаъолиятҳоро ба гурӯҳҳо тақсим ё тасниф мекунанд. Масалан, муҳаққиқ Е.А. Климов «касбҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунад:

– одам– табиат;
– одам– техника;
– одам– одам;
– одам– аломат;
– одам– образи бадеӣ» [24, с. 52].

Муҳаққиқи дигар, К.М. Гуревич бошад, «аз рӯйи шиддатнокии фаъолият касбҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунад:

– бошиддатии кор ҳамчун ҳолати доимӣ дида мешавад;
– бошиддатии кор танҳо дар ҳолати муайяни фаъолият сар мезанад;
– бошиддатии кор, ки ногаҳон сар мезанад, тамоми сафарбаркунии қувва (мобилизатсия)– ро металабад» [14, с. 112].

«Раҳёфтҳои гуногун дар масъалаи омӯзиши касбият ва консепсияю амсилаҳои он вуҷуд доранд ва дар ин асос метавон 3 раҳёфти асосии онро ҷудо намуд:

1. Раҳёфти типологӣ (Ҷ. Холланд, Е.А. Климов (1993), П.В. Малиновский);

2. Раҳёфти таркибӣ– функсионалӣ (Ф. Паркинсон, Г. Лестер, Л Питер, К.К. Платонов, А.А. Смирнов, В.В. Путилин);

3. Раҳёфти динамикӣ (Д. Сюпер, А.К. Маркова, Э.Ф. Зеер, Е.А. Климов (1996), Н.С. Пряжников)» [70, с.83].

Чунончи, муҳаққиқ С.З. Латифзода ишора мекунад: «Вобаста ба хусусиятҳои хоси худ касби мувофиқро интихоб намудан, мутахассиси соҳаи худ гардидан ва дар заминаи он корманди ба талабот ҷавобгӯбударо ба кор қабул намудан, яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба шумор меравад. Ҳар як муассисаю ташкилот мекӯшад, то корманди беҳтару арзандаро ба кор қабул намояд ва дар навбати худ ҳар як корманд низ орзуи онро мекунад, ки соҳиби кору фаъолияти сазовор гардад» [102, с. 26].

Дар замони муосир истилоҳи касбият ба таври васеъ истифода гардида, дар худ маҷмуи мафҳумҳоеро фарогир мебошад, ки дараҷаи муайяни қувваеро дар бар мегирад, то иҷрои ин ё он намуди кор ва ё фаъолият муяссар гардад. Аммо ин як унсури касбиятро ташкил медиҳаду халос. Зеро ҳастанд нафароне, ки аз нигоҳи ҷисмонӣ пурқувват мебошанд, аммо аз нигоҳи донишҳои касбӣ фъолияти касбиро ба таври бояду шояд иҷро карда наметавонанд. Дар ин росто, дар баробари доштани қувваи муайян бояд шахс дорои қобилиятҳои махсус бошад, сифатҳои муҳимми касбию шахсиро низ соҳиб бошад.

Муҳаққиқон моҳияти мафҳуми «касбият»-ро аз рӯйи меъёрҳои гуногун шарҳ додаанд, масалан, А.К. Маклаков «Касбиятро ҳамчун хусусияти махсуси одамон шарҳ медиҳад, ки дар иҷро кардани фаъолияти душвор ба таври системавӣ, самаранок ва бомуваффақият зоҳир мешавад» [37, с. 47].

Аз рӯйи меъёри дигар «касбият ба сифати тавсифдиҳандаи интегралии инсон (ҳамчун фард, шахс, субъекти фаъолият ва фардият) дида баромада мешавад, ки минбаъд дар фаъолият ва муошират зоҳир мегардад» [37, с. 296].

Зери мафҳуми «касбият на танҳо нишондиҳандаҳои самаранокии баланди фаъолият, балки хусусиятҳои мароми касбӣ, маҷмуи ҷаҳонбинию мақсадгузориҳо, арзишҳо ва маънии меҳнат барои худи инсон фаҳмида мешавад» [63, с. 66].

Ҳамзамон, «касбият» гуфта, ҳамон дараҷаи азхудкунии инсон дар назар дошта мешавад, ки ба талаботи объективӣ ва стандартҳои мавҷудаи ҷомеа мувофиқат карда, аз ҷониби субъекти фаъолият ба таври лозима ва дар дараҷаи баланд иҷро карда мешаванд.

Муҳаққиқ К.М. Гуревич мафҳумро аз нигоҳи фалсафӣ таъриф намуда, чунин ишора мекунад: «Ҳар як одам метавонад (қариб ҳамаи одамон) аз уҳдаи ҳама гуна касб барояд, аммо гап сари он меравад, ки барои ин чӣ қадар қувва ва вақт зарур мешавад» [14, с. 15].

Таърифи мазкурро метавон ба равандҳои ҳаяҷон бо боздории системаи асаб алоқаманд намуд, зеро як қисмати одамон дар муддати кам будани вақт корро зуд ба анҷом мерасонанд, ки ин кори анҷомёфта сифати паст дорад. Қисми дигари одамон бошанд, баръакс корро дертар иҷро мекунанд, аммо бо сифати баланд.

Муҳаққиқи дигар, В.А. Толочек мафҳуми мазкурро чунин баҳогузорӣ мекунад: «Касбият ин меъёри мувофиқати сифатии одам ҳамчун субъекти фаъолият ба талаботҳои актуалии ӯ мебошад, ки дар қобилияти иҷро намудани вазифаҳои меҳнатӣ мувофиқи талаботи замони муосир ифода меёбад» [57, с. 60].

Мавриди қайд аст, ки унсурҳои касбият модарзодӣ набуда, он дар раванди ҳаёт ташаккул меёбанд. Ташаккули он аз заминаҳои табиии қобилиятҳо вобаста буда метавонад. Бо ибораи дигар, ташаккули он бояд ҳамчун система дида баромада шавад. Аксари муҳаққиқон чунин зинаҳои рушди онро пешниҳод мекунанд, аз ҷумла: «Ин масъаларо ҳамчун системаи

ягонаи тайёр намудани шахс ба фаъолияти меҳнатӣ дида баромадан зарур аст, ки аз давраҳои зерин иборат мебошанд:

1. Таълим ва тарбияи меҳнатӣ. Ин давра омодасозии шахс ба фаъолияти меҳнатӣ ва интихоби касбро дар бар мегирад. Дар ин марҳила ташаккули меҳнатдӯстӣ ва рушди малакаҳои умумимеҳнатӣ муҳим аст.

2. Марҳилаи шиносоӣ бо касбҳо. Дар ин давра шахс бо намудҳои гуногуни касб шинос мешавад, аз ҷумла тавассути ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ.

3. Интихоби касбӣ. Дар ин марҳила қобилият ва мувофиқати шахс ба фаъолияти муайян муайян карда мешавад.

4. Мутобиқшавии касбӣ. Шахси нав ба муҳити кори худ воридшуда ба талаботи фаъолияти касбӣ мутобиқ мегардад.

5. Фаъолияти касбӣ. Ин марҳила фароҳам овардани шароити самараноки меҳнат, баланд бардоштани маҳсулнокӣ, сифати кор, риояи бехатарӣ ва қаноатмандӣ аз фаъолияти меҳнатиро дар бар мегирад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки ба мафҳуми касбият олимон таърифҳои гуногун додаанд. Масалан, муҳаққиқ Е.А. Климов пешниҳод мекунад, ки: «Касбият ҳамчун системаи тавсифдиҳандаи дараҷаи мувофиқаткунии инсон (субъекти меҳнат ва довталаб) ва талаботи касбӣ дида баромада шавад» [25, с. 112].

Муҳаққиқи дигар А.Я. Ансупов таҳқиқоти зиёд оид ба ихтилоф ва сабабу омилҳои сар задани он дар коллективи кориро кор карда баромадааст. Муҳаққиқ яке аз сабабу омилҳои ихтилофро дар касбият мебинад ва дар ин раванд касбиятро чунин таъриф медиҳад: «Касбият ин маънои онро дорад, ки дар шахс дар баробари қобилиятҳои махсус ҳамчунин бархе унсурҳои истеъдодӣ низ дида мешавад. Ин унсурҳои ишорагардида ҷиҳати иҷрои самараноки фаъолияти меҳнатӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро фаъолияти меҳнатӣ на ба таври муқаррарӣ, балки бо сифати баланд иҷро мешавад» [12, с. 34].

Агар ба вожаномаи тафсирии истилоҳоти соҳавӣ назар афканем, пас маълум мегардад, ки: «Касбият маҷмуи қобилиятҳои фардии инсон аст, ки

ҳангоми мавҷуд будани онҳо ӯ (инсон) ба талаботи пешниҳодшуда мувофиқат мекунад» [63, с. 236].

Муҳаққиқ Л. Супер «доир ба масъалаи омӯзиш ва муайян кардани меъёрҳои касбият чунин нуқтаҳоро қайд мекунад:

1. Одамон аз ҳамдигар аз рӯйи қобилиятҳо, шавқу ҳавас ва хусусиятҳои шахсиашон фарқ мекунанд.

2. Ҳар одам ба якчанд касб ва як касб бошад, ба якчанд фард мувофиқат мекунад.

3. Вобаста ба вақт, таҷрибаи одам ва таъсири омилҳои объективию субъективӣ касб тағйир ёфта метавонад» [116].

«Тибқи таҳқиқот ду намуди муайянкунии касбият мавҷуд аст:

а) пурра (қобилиятҳои махсус талаб карда мешаванд);

б) нисбӣ (қариб ба ҳамаи одамони солим дастрас аст)» [37, с. 122].

Ба намуди якум баъзе аломату нишонаҳои табиие дохил мешаванд, ки инкишоф додани онҳо душвор аст ва ин, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои системаи асаб вобастагӣ дорад. Дар намуди дуюм мавҷуд будани шароити мувофиқ ва хоҳиш (маром) доштани одам дар назар дошта шудааст, ки дар натиҷа маҳсулнокии меҳнат ҳосил мешаваду баъзе қобилиятҳо низ рушд меёбанд.

Пас, маълум мешавад, ки касбият бо сифатҳои шахсӣ ва талаботи касбӣ алоқаманд аст.

Муҳаққиқ Е.А. Климов «касбиятро ба чаҳор зинаи асосӣ ҷудо мекунад: лаёқат, мувофиқоӣ, коршоямӣ, номувофиқатӣ ва ё корношоямӣ» [25, с. 96].

Лаёқат зинаи якум буда, ифодакунандаи мувофиқати сифатҳои психофизиологии шахс бо талаботи касбӣ мебошад.

Мувофиқ омадан зинаи дуюми касбиятро ташкил дода, маънои набудани нишонаҳои муқобил, ҳамзамон, мувофиқ омадани якчанд сифати шахсро мефаҳмонад.

Коршоямӣ зинаи сеюм буда, дар худ он маъноро касб менамояд, ки дар шахс майли муайян дар соҳаи мушаххас мавҷуд аст.

Зинаи пасти касбиятро корношоямӣ ташкил медиҳад, ки он метавонад ҳам аз нигоҳи саломатӣ ва ҳам аз нигоҳи психофизологӣ бошад. Яъне, шахс наметавонад фаъолияти меҳнатиро ба таври зарурӣ иҷро намояд ва ин натавонистан метавонад ё муваққатӣ бошад, масалан то барқарор кардани саломатӣ в ё бардавом, масалан, яке аз узвҳои ҷисм дигар функсияи муқаррарии худро иҷро карда наметавонад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки азхудкунӣ ва иҷрои бомуваффақияти фаъолияти касбӣ аз як қатор нишондиҳандаҳо вобаста аст:

– қобилиятҳои ҷисмонӣ, физиологӣ ва равонӣ (хотира, диққат, суръати аксуламал ва ғайра);

– дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурӣ барои иҷрои фаъолияти муайян;

– мавҷудияти шавқу рағбат ва майл ба ин ё он касб;

– ангеза ва ҳавасмандӣ барои машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ.

Ҳамин тариқ, касбият дар рафти омӯзиш шакл мегирад ва аз дараҷаи мавҷуд будани дониш ва маҳорати рафтори худро мувофиқи меъёрҳои муқарраргардидаи ҷамъиятӣ ба роҳ мондан вобастагӣ дорад.

Олимон В.И. Медведев ва А.М. Парачев «чунин намудҳои касбиятро ҷудо мекунанд:

1. Коршоямии умумӣ аз ҷониби одам иҷро шудани ҳама гуна фаъолият буда, тавсифдиҳандаи сифатҳои устувори одами солим ба шумор меравад.

2. Касбият – тавсифдиҳандаи ҳамон система ва ё функсияҳои шахс, ки барои иҷрои вазифаҳои касбӣ заруранд.

3. Экстремалӣ – қобилияти дар вазъиятҳои экстремалӣ амалӣ намудани вазифаҳои хизматӣ. Масалан, психолог дар рафти ҳолатҳои табиӣ ба шаҳрвандон кумаки психологиро мерасонад.

4. Таҳаммулпазирӣ ва ё пуртоқатӣ. Пуртоқатии шахс ба сарбориҳои мушаххас ва ё тавсифдиҳандаҳои максималие, ки инсоният метавонад иҷро кунад.

5. Актуалӣ ҳолати субъекти фаъолият аст, ки дараҷаи маҳсулнокии ӯро дар замони ҳозира муайян мекунад» [77, с. 113].

Андешаҳо, таърифҳо, ғояҳо ва дигар натиҷаҳои таҳқиқоти муҳаққиқонро доир ба маъалаи касбият ҷамъбаст намуда, метавон чунин хулосагирӣ намуд, ки нақши калидиро шахс ва сохти психологии ӯ ташкил медиҳад. Масалан: «Дар Мисри Қадим барои муайян кардани касбият бо довталаб суҳбат гузаронида шуда, тавассути он маълумоти тарҷумаҳолӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, хусусиятҳои физиологӣ ва тарзи суханронии ӯ муайян карда мешуд. Пас аз он маҳорати корӣ, қобилияти гӯшкунӣ, таҳаммулпазирӣ, дарки маънӣ ва монанди инҳо мавриди омӯзиш қарор мегирифтанд. Инчунин, довталабро ба воситаи оташ ва об мавриди омӯзиш қарор медоданд, ки ин санҷишҳои сангин барои нафарони аз худ боваринадошта боиси марг мегашт» [11, с. 23].

Дар Империяи Чин меъёрҳо ва супоришҳои санҷишӣ ба стандарти махсус даровarда шуда буданд. Тақрибан 3000 сол пеш ҳангоми қабули довталабон ба хизмати давлатӣ аз як қатор супоришҳои ба стандартдаровардашудаи махсус истифода мекарданд. Дар Ҳинди Қадим довталаб орди аз биринҷ тайёршударо муддате хоида, баъдан онро ба берун мепартофт, агар ӯ бе душворӣ аз уҳдаи ин кор мебаромад, пас, маълум мешуд, ки дар ин нафар ҳолати изтиробнокӣ дида намешавад.

Кӯшишҳои нахустини илмӣ ҷиҳати таҳқиқи хусусиятҳои психологии муҳимми шахсро метавон ибтидои асри XX ишора намуд. «Корҳои Ф. Тейлор боиси тобиши илмӣ гирифтани соҳаи мазкур гардиданд. Ӯ системаи омӯзиши ҷанбаҳои психологии кормандро дар ИМА мавриди таҳқиқ қарор дод. Мавсуф дар рафти таҳқиқи коршоямии психологии шахс маълум намуд, ки аз 500 нафар корманд танҳо 140 нафар аз уҳдаи кор мебароянду халос. Пас аз амалӣ намудани ин гуна корҳо маҳсулнокии кор зиёд гардид ва маоши кормандон бошад, ба 1,6 маротиба боло рафт» [102, с. 47].

Баъдтар соли 1913 психологи олмонӣ Гуго Мюнстерберг (1863-1916) китоби «Психологияи истеҳсолоти самаранок»– ро рӯйи чоп овард. Ӯ аз аввалин психологоне буд, ки истифодаи тестҳои психологиро барои муайян

кардани касбият (пешгӯии характери инсон) ва методологияи истифодаи тестҳоро коркард намуд.

Ибтидои асри XX нахустин ташкилот таъсис ёфт, ки маҳз ба масъалаи муайн кардани дараҷаи касбияти шахс ва ё бо ибораи дигар, ошкор сохтани унсурҳои муҳимми шахс ҷиҳати фаъолияти самараноки фаъолияти меҳнатӣ имкон медиҳад, равона шуда буданд. Ин ташкилот аз ҷониби У.Д. Скотт дар Амрико таъсис дода шуда буд. Ҳоло аз ҷониби ширкатҳои бонуфуз ба ин гуна ташкилоту марказҳо маблағгузориҳои калон сурат мегирад.

Дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ соли 1921 таҳти роҳбарии В.М. Бехтерев таҳқиқоти аввалин оид ба масъалаи касбият оғоз гардид. Пас аз 6 соли таҷрибаи корӣ дар самти мазкур соли 1927 дар шаҳри Москва якумин Конференсияи умумииттифоқӣ оид ба тариқи илмӣ ҳал намудани мушкилотҳои касбият гузаронида шуд.

Дар ибтидои асри XX талаботи омӯзиши амалии қобилиятҳои афзалиятдошта дар шакли масъалаҳои илмии таҳқиқи фарқияти инфиродӣ мураттаб гардид. Ин масъала барои рӯйи кор омадани аввалин тестҳои муайян кардани коршоямии касбӣ ва психологии довталабон ҷунбиши тозае эҷод намуд. Олими машҳури англис Ф. Галтон дар солҳои 1884-1885 як қатор санҷишҳо гузаронид, ки дар он сифатҳои ҷисмонӣ ва хусусиятҳои психологии муроҷиаткунандагони аз 5 то 80– сола аз рӯйи 17 нишондод мавриди омӯзиш қарор мегирифтанд.

Донишҳои психологии аз ҷониби олимони мазкур истифодашаванда боиси дар сатҳи зарурӣ муайян кардани мушкилоти касбият ва бартарафсозии монеаҳои мавҷуда гардид. Аллакай, тестҳои гуногун вобаста ба дархости муроҷиаткунандагон ва ширкатҳои бонуфуз мавриди коркард ва пешбинӣ қарор мегирифтанд. Ширкатҳои бонуфуз оид ба муайян кардани касбият дархост мекарданд ва ташкилоте, ки ин гуна корҳоро ба анҷом мерасонид, вобаста ба дархости ширкатҳо тестҳо ва ё методикаҳои махсусро истифода мекард. Дар ҳолати мавҷуд набудани ин намуди методикаҳо аз пайи ҷустуҷӯ ва ё коркарди онҳо мешуд. Корҳои мазкур, аз як ҷиҳат, боиси

ба даст овардани маблағи пулӣ, яъне беҳтар намудани шароити иқтисодӣ ва, аз тарафи дигар, боиси пешрафти илми психология дар соҳаи зикргардида гардид.

Ин кӯшишҳо аввалин кӯшишҳои дурӣ ҷустан аз санҷишҳои бар фаросат асосёфта ва рӯ овардан ба санҷиши илман асоснокгашта буд. Дар илми психология саҳми Ф. Галтонро метавон ба саҳми Г. Галилей дар илми физика баробар донист.

Ҳамин тариқ, санҷишҳои тестӣ ва истифодаи онҳо ба таҳқиқоти эмпирикӣ дар психология қувват бахшида, дар охири асри XIX тарафдорони эмпиризми тундгаро онро алтернативаи асосии идеализм ва экспериментро таҳкурсии илм мешумориданд. Яке аз психологони шинохтаи он давра Р.Б. Кеттел навишта буд: «Психология танҳо дар ҳамон ҳолате илми воқеӣ ва аниқ мешавад, агар эксперимент ва ченкуниҳои асосии худро дошта бошад» [102, с. 113].

Пас аз нашри нахустин корҳои Ф. Галтон ва Р.Б. Кеттел андешаи истифодаи тестҳо дар соҳаи муайян кардани касбият ҳангоми интихоби довталабон тарафдорони зиёдеро пайдо кард ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои гуногун роҳандозӣ гардид. Дар ин давра аввалин тарафдорон ва мунаққидони ташхисҳои тестӣ ба майдон омаданд.

Дар корҳои анҷомдодаи таҳқиқотчиёни Аврупо барои ҳалли масъалаи муайян кардани касбият як қатор роҳёфтҳо: таҳлилию таркибӣ ва психографикӣ (зоҳир намудани тамоми сифатҳои психикии ба фаъолияти муайян зарурбуда) коркард шуда буданд. Дар ин давра дар ИМА ва Фаронса масъалаи мазкур бо истифодаи тестҳои психологӣ ва психофизиологӣ ба таври васеъ ба роҳ монда мешуд.

Ба доираи методҳои ташхиси психологӣ дохил шудани методҳои проективӣ мавқеи ташхиси психологиро дар соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боз ҳам устувортар гардонид.

Психологони амрикоӣ Ҷ. Маккинли ва С. Хатуэй солҳои 1940 тестеро бо номи Minnesota Multiphasic Personality Inventory (MMPI – Методикаи

Миннесотнии бисёромилаи таҳқиқи шахс) пешниҳод намуданд, ки ташхиси маҷмуавии хусусиятҳои шахсро ҳангоми қабули довталабон ба кор таъмин мекард ва дар муддати кӯтоҳ дар соҳаи муайянкунии касбият машҳур гашт. Дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон тести мазкур барои муайян кардани касбияти довталабон ба қушунҳои ҳавоии ИМА ва барои ҷудову хориҷ кардани курсантҳои ба қавле корношоям истифода бурда мешуд. Минбаъд ин тест ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, ба минталитети ҳар миллат мутобиқ шуд ва то ҳол мавриди истифода қарор дорад.

Баъди рӯйи кор омадани тест ҳамчун усули ташхиси психологӣ барои муайян кардани касбият самти мазкур рӯ ба тараққӣ ниҳод. Муҳаққиқ М. Люшер тести рангаро ҷиҳати муайян намудани ҳолатҳои эмотсионалӣ коркард намуд ва тест бо номи худи муаллиф гузошта шуд. Аз ҷониби муҳаққиқи дигар, Айзенк тести психологӣ ҷиҳати муайян намудани типологияи шахсият, хусусан, экстроверсия, интроверсия ва нейротизм пешниҳод карда шуд. Муҳаққиқ Р. Амтхауэр бошад, тести коркарднамудаашро ба ташхиси дараҷаи инкишофи ақлонӣ равона намуд. Р.Б. Кэттелл кӯшиш мекард, типҳои психологии шахсро таҳқиқ кунад. Ҷ. Равен тестеро коркард намуд, ки аз хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии миллатҳо иборат нест, яъне адаптатсияро наметалабад, ин тест тафаккурро ташхис мекунад ва ба мисли тести Люшер номи тест номи муаллифро гирифтааст. С. Розенсвейг муҳаққиқе мебошад, ки тести лоиҳавиро коркард намудааст. Тест ва методикаҳои ишорагардида то ба имрӯз ҳам аз ҷониби психологҳои соҳаи академӣ ва ҳам аз чониби психологҳои амалӣ, хусусан дар Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Солҳои 60– уми асри XX таҳқиқоти психологӣ аз нав дар он соҳаҳое эҳё гардид, ки солҳои 30-юмқатъ гардида буд. Ҳамзамон, дар ин давра экспертизаи судӣ-психологӣ рӯйи кор омад, ки ифодакунандаи ниёзи мақомоти корҳои дохилӣ ба донишҳои психологӣ ва ҳамкорӣ бо психологҳои касбӣ буд.

Таҳқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаҳои интихоби касбӣ– психологию тиббӣ пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ аз ҷониби олимони соҳа вусъат гирифтанд (дар илми биология Б.Г. Бовин, М.О. Калашников, М.И. Марин, Л.Я. Зибковес, Л.Р. Никандрова, А.Н. Лебедев, Т.Б. Панова; дар илми тиб А.А. Колесникова, В.И. Савченко, Е.В. Беспалова ва дар илми ҳуқуқшиносӣ А.Д. Сафронов, П.Ю. Тенедиев, В.М. Петрожиский). Аксари маводҳои ташхисии феълан истифодашаванда маҳз аз таҳқиқотҳои ин олимон маншаъ мегиранд.

Айни замон олимони соҳаи мазкур ба чунин хулоса омаданд, ки набояд танҳо дар бораи талаботи касбӣ ба шахс, балки дар бораи талаботи шахс нисбат ба фаъолияти муайян низ бояд сухан равад, ки инро метавон дар чунин намудҳо ишора намуд:

- кор ва ё муассиса набояд боиси вайроншавии саломатии ҷисмию психикии корманд гардад;
- ба мавқеи иҷтимоии корманд зарар нарасонад;
- бо талабот ва тахассуси корманд мувофиқат кунад.

Мушкилоти аввалини ҳалталаб коркарди меъёрҳои зоҳирии баҳогузории комёбии касбият, яъне эталони (намунаи) одами кордон ба ҳисоб меравад. Дар асоси омӯзиши таърих, моҳият ва вазъи масъалаи мазкур пешниҳод менамоем, ки хулосаи психологӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

1. Хулосаҳои ҷисмонӣ (фаъол, варзишгар, тобовар, моҳир, боқувват, муназзам).
2. Сифатҳои ахлоқӣ (эътимоднок, кушодадил, боинсоф, хоксор, ростқавл, корчалон).
3. Қобилиятҳои фикрӣ (мантиқӣ, хушфаҳм, ҳозирҷавоб).
4. Қобилиятҳои идоравӣ (маҳорати корро бо ҳуҷҷатҳо ва коғазҳо ба роҳ монда тавонистан).
5. Қобилият ба фаъолияти оперативӣ.
6. Сифатҳои муоширати байнишахсӣ (меҳрубон, сулҳпарвар, хайрхоҳ, нармдил).

7. Маҳорати худназораткунӣ (худдорӣ, ҷиддӣ будан, дар мувозинатбуда, ором, ботартиб, эҳтиёткор).
8. Таҳаммулпазир ба шиддатнокии асабӣ– психикӣ (ҷасур, боирода, аз худ боварӣ доштан).
9. Қобилиятҳои муоширатнамоӣ (улфатпазирӣ, суҳбатоpo, бо одамон кор карда тавонистан).
10. Муносибат бо кор (шавқманд, меҳнатдӯст, мақсаднок, таҷрибадор, комёбиҳои назаррас дар хизмат).

***Таҳлили фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ.*** Пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, илм ҷомаи навро ба бар намуда, суръати рушди худро тағйир доду рӯ ба беҳбудӣ овард ва ҳамин тавр, барои рушди психологияи илмию амалӣ имкони васеъ ва такони ҷиддиро бахшид. Психологияи илмию амалӣ байни худ тафовутро доранд. «Зери психологияи амалӣ (дар қарни XIX психологияи таҷрибавӣ истифода мегардид) он соҳаҳои илми психология фаҳмида мешавад, ки донишҳои илмӣ бевосита дар амал татбиқ меёбанд ва ё татбиқ карда мешаванд» [36, с. 65].

Психологияи илмӣ ба таҳлил, ҷамъбаст ва басистемадарории омилҳои сершумору гуногунпаҳлуи психологӣ, ки ба гурӯҳҳои алоҳида алоқамандӣ доранд, машғул буда, дар ин аснод консепсия ва назарияҳои мувофиқро рӯйи кор меоранд.

Аз ҷиҳати вазифавӣ низ ин тафовут дида мешавад: психологияи амалӣ дар фарқият аз психологияи илмӣ бояд ба нафарони мушаххас (ва ё гурӯҳҳо) барои рафъи мушкилот ва проблемаҳои дар ҳаёти онҳо сарзада кумак расонад. «Психологияи амалӣ ҳарчанд ҳанӯз дар асри X1X ба вуҷуд омада бошад ҳам, дар даҳсолаҳои охир рушди бемайлон намуда истодааст» [52, с. 163].

Илм доим донишҳои навро ҳосил менамояд ва минбаъд дар психологияи амалӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ҳамин тавр, гешталтерапия, психотерапияи когнитивӣ ва дигар соҳаҳо ба вуҷуд омаданд. Бархе назарияҳои машҳур, ки то имрӯз фаъолона арзи ҳастӣ доранд, бевосита аз

доираи психологияи амалӣ берун баромаданд ва ба ин мисол шуда метавонад, назарияҳои Фрейд ва К. Роҷерс.

Ва ё худ, «Кӯшишҳои аввалини омӯзиши сохти психологии шахс ва мувофиқати касбӣ бо усулҳои асосноки илмӣ дар аввалҳои асри XX оғоз гардид. Соли 1903 дар Страсбург утоқи аввалини кории муайянкунии тамоюли касбӣ («профориентатсия») таъсис дода шуд ва дар он сохти психологии шахс барои қабул ба кор аз рӯйи модели Ф. Парсонс ташхис карда мешуд. Ф. Парсонс нахустин олиме мебошад, ки доир ба мувофиқати психологӣ кор кардааст ва ӯ модели седоирагии «мехоҳам», «метавонам» ва «бояд»-ро коркард намуд ва ин мантиқи аҷибро дорад: касби оянда бояд пеш аз ҳама маъқул бошад («мехоҳам»), бо имкониятҳои шахс мувофиқат кунад («метавонам») ва дар ҷомеа талабгор дошта бошад («бояд»)» [8, с. 115].

Масъалаҳои зикргардида, дар психологияи амалӣ ранги дигарро мегирад. Психологи амалӣ кореро, нисбати шахси мушаххас ба анҷом расонида, бояд боварии мутлақ дошта бошад ва амалу фаъолияташ натиҷаи мусбати дилхоҳро дода тавонад. Ӯ (психологи амалӣ) бояд натиҷаи ниҳоии фаъолияти хешро донад.

Вобаста ба ин масъала муҳаққиқи рус Г.С. Абрамова чунин ишора мекунад: «... Яке аз вазифаҳои асосии психологияи амалиро асосноккунии ҳамтаъсирасониҳо ба одам бо мақсади рушди имконияту қобилиятҳои табиии онҳо ташкил медиҳад. Дар ин асно дар психологияи амалӣ се дараҷаи ҳалли масъалаҳои мавҷудбударо фарқ мекунанд, ки онҳо чунинанд:

1. Вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар худ омӯзиши қонуниятҳои рушд ва шаклгирии шахсиятро ҷиҳати коркарди асосҳои методологии фаъолияти психологи амалӣ дар бар мегирад: коркарди методҳо, усулҳо ва воситаҳои истифодаи касбии донишҳои психологӣ дар шароити гуногуни системаи иҷтимоӣ.

2. Ҳалли масъалаҳои амалӣ вобаста ба тартиб додани барномаҳои махсуси таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, маводҳои таълимии соҳаи психологияи амалӣ барои тайёр ва омода кардани мутахассисон;

асосноккунии фаъолияти хадамоти психологияи амалӣ, таҳияи лоиҳаҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрии фаъолияти касбӣ; принсипҳои умумии роҳнамоии инкишофи шахсият, инчунин фаъолияти коллективҳо, гурӯҳҳои таълимӣ ва дигар иттиҳодияҳои одамон.

3. Вазифаҳои амалӣ, чун қоида, аз рӯйи шакли расонидани ёрии психологӣ ба шахсони мушаххас муайян карда мешаванд. Илова бар ин, вобаста ба хусусиятҳои фардии мизоҷ ва дараҷаи мураккабии мушкилоти ӯ, кумаки равонӣ метавонад аз рӯйи давомнокӣ ва амиқ характери гуногун дошта бошад, ки дар асоси натиҷаҳои ташхис дар шакли машварати психологӣ ё психотерапия амалӣ карда мешавад» [1, с. 220-221].

«Психологияи амалӣ аз рӯйи объект, вазифа ва методҳо бисёрҷанба буда, дар маҷмуъ, як кори доманвасеъ аст, ки барои гурӯҳи алоҳидаи одамон таъсир мерасонад» [78, с. 150].

Ба таъбири Леонардо да Винчи: «Ба таҷрибаи амалӣ бе илм машғул шудан ба мисли роҳбаладест, ки киштиро бе қутбнамову чанбарак меронад ва ин роҳбалад ба сафари худ ҳеҷ боварӣ надорад ва ба куҷо рафтани худро низ намедонад…» [59, с. 53].

Чунончи, маълум аст, намудҳои психологияи амалиро психотерапия, машварати психологӣ, психокоррексия, психотренинг ва дигар соҳаҳо ташкил медиҳанд, ки дар Тоҷикистон бениҳоят зиёд истифода мешаванд. Дар робита ба ин, дар психологияи амалӣ кор бо нафарони аз ҷиҳати психикӣ носолим ва ё дорои вайроншавиҳои психикӣ ва ҳатто бо кӯдакони аз ҷиҳати педагогӣ қафомонда ба роҳ монда мешавад.

«Дар солҳои охир психологияи амалӣ ба як соҳаи алоҳида табдил ёфта, предмети мушаххаси он принсипҳо, усулҳо ва шаклҳои ёрии психологӣ, дастгирии психологӣ, ёрии психологӣ, ҳамроҳии психологӣ ва инкишофи инсонро дар бар мегирад» [78, с. 150].

Психологи амалӣ бевосита бо мизоҷон ҷиҳати кумак расонидан барои ҳалли мушкилоти мушаххаси психологии онҳо сару кор дорад. Психологи академӣ бошад, баръакс ба таҳқиқи зуҳуроти психологӣ, коркард ва таҳияи

назарияю методҳо, ҳамзамон, омӯзиши механизмҳои психикии инсон машғул мебошад. Бо ибораи дигар, психологияи илмӣ ба омӯзишу таҳқиқи равандҳо равона гардидааст, ҳол он ки психологияи амалӣ истифодаи онҳоро дар ҳалли масъалаҳои амалӣ мебинад. Дар масъалаи методҳо бошад, психологияи илмӣ методҳои илмиро ба таври ҷиддӣ мавриди истифода қарор медиҳад, психологияи амалӣ бошад, он методҳоеро истифода мекунад, ки ба вазъиятҳои мушаххас адаптатсия карда шудаанд. Агар психологияи илмӣ ба омӯзишу таҳқиқ равона шуда бошад, пас психологияи амалӣ ба расонидани кумаки психологӣ ва додани машваратҳо машғул мебошад. Психологияи илмӣ ба исботкунӣ майл дорад, психологияи амалӣ ба қаноатмандии мизоҷ вобаста аст. Дар интиҳо, психологияи илмӣ ба назарияҳо такя мекунад ва онро асос мегирад, психологияи амалӣ бошад, ба таҷриба ва амал такя мекунад.

Тафовути асосии психологи академиро аз психологи амалӣ тариқи ҷадвал ишора мекунем.

***Ҷадвали №5. Тафовути асосии психологи академӣ аз амалӣ***

| **ҶАНБАҲОИ АСОСӢ** | **ПСИХОЛОГИ АКАДЕМӢ** | **ПСИХОЛОГИ АМАЛӢ** |
|---|---|---|
| ***Вазифаи асосӣ*** | Омӯзиш ва таҳқиқи равандҳои психологӣ, коркард ва таҳияи назарияҳо ва методҳои нав, васеъ намудани дониш дар бораи психикаи инсоният | Бо истифода аз донишҳои психологӣ расонидани кумак ба одамон ҷиҳати ҳалли мушкилотҳои мушаххаси онҳо |
| ***Маҳорату малакаҳо*** | Таҳлили маълумот, амсиласозии статистикӣ (оморӣ), маҳорату малакаҳои таҳқиқотбарӣ | Таҳлили вазъият, коммуникативӣ, маҳорати гӯш карда тавонистан, малакаҳои психотерапевтӣ |
| ***Доираи фаъолият*** | Таҳқиқоти илмӣ, коркард ва таҳияи воситаҳои психометрикӣ, тадрис дар муассисаҳои илмию таълимӣ | Машварат дар масъалаҳои шахсӣ, оилавӣ, касбӣ, кор дар ташкилотҳою муассисаҳо |

Сифатҳои шахсии психологонро метавон дар корҳои Р.Б. Кеттелл, К. Роҷерс, А.А. Бодалев, Н.В. Бачманова, А.Ф. Бондаренко, Н.М. Юнусова, М.Т. Давлатов, Ҳ. Зайтметов мушоҳида намуд. Олимони болозикр чунин сифатҳои психологҳоро ишора намудаанд: «қобилият ба эмпатия, муносибати хуб бо дигарон, кушодадилӣ, хайрхоҳӣ, улфатпазирӣ, мустақилӣ, креативнокӣ, моҳирӣ, зеҳни иҷтимоӣ, рефлексивнокӣ ва МАН– консепсияи мусбат» [99, с. 26].

Муҳаққиқи ҷопонӣ Ю.В. Укке чунин сифат ва малакаҳои касбии психологро пешниҳод мекунад: «мустақилӣ ва мантиқӣ будани тафаккур, фаъолияти гурӯҳӣ, сарварӣ, муошират байнишахсӣ, амиқӣ, ихтироъкорӣ, муносибати ҷиддӣ намудан ба одамон. Ҳамзамон, онро тасаввути ҷадвал чунин ишора мекунад» [87, с. 151].

**Ҷадвали №6. Психограммаи касбии психолог**

| № | Хусусиятҳои шахсӣ, маҳоратҳои касбӣ |
|---|---|
| 1. | Эътибор, кӯшиши фаҳмидани мавқеи дигарон |
| 2. | Муносибати дӯстона, хушмуоширатӣ |
| 3. | Қобилияти сарвар шудан |
| 4. | Боадабӣ, ҳалимӣ |
| 5. | Андешаи солимро ба роҳбарӣ гирифтан, мувофиқи дастурҳо амал кардан |
| 6. | Зиндадилӣ |
| 7. | Пуртоқатӣ, матонат |
| 8. | Ҳисси баланди масъулият |
| 9. | Қобилияти иҷро намудани кор бо тамоми гуногунрангияш |
| 10. | Боғайратӣ дар фаъолияти меҳнатӣ |
| 11. | Ҷиддияти амал |
| 12. | Талаботи навро зуд аз худ кардан, ҳамзамон, дар мулоҳизаронӣ мустақилият доштан |
| 13. | Покизакорӣ ва иҷрои пай дар пайи кор |
| 14. | Қобилияти ба нақша гирифтани ояндаи худ |
| 15. | Қобилияти баёни шифоҳӣ |
| 16. | Хотираи хуб |
| 17. | Қобилияти омӯзонидани дигарон |

| | |
|---|---|
| | **Идомаи ҷадвали №6.** |
| 18. | Ба дигарон ғамхорӣ ва ба беморон парасторӣ карда тавонистан |
| 19. | Ба бегонагон ғамхорӣ карда тавонистан |

Дар баробари ин, дар психолог мавҷудияти чунин сифатҳо низ муҳим арзёбӣ мегарданд. Маҳорати гӯш карда тавонистан, ибрози баёни дурусти фикр, дараҷаи касбият, қобилияти рефлексивӣ, андешаи солим, хушмуоширатӣ, боэътиноӣ, худро эҳтиром намудан, стрессустуворӣ ва идора карда тавонистаи эмотсияҳои худ. Дар ин радиф, метавон сифатҳоеро ишора намуд, ки барои фаъолияти психолог монеа эҷод мекунанд ва Г.С. Абрамов ба ин шумора чунин сифатҳоро шомил намудааст:

«– бад дидани одамон, кӯшиши қасд гирифтан аз онҳо бо сабабҳои номаълум;

– носолимии рӯирости психикӣ;

– муошират карда натавонистан, бо одамон муносибатро дар асоси эҳтироми тарафайн ба роҳ монда натавонистан;

– танбалӣ;

– бемасъулиятӣ» [1, с. 99].

Воқеан, амсилаҳои зиёди фаъолияти касбии психологи амалӣ мавҷуд аст (Г.С. Абрамова [1], Н.С. Пряжников [8] ва дигарон).

Масъалаи омӯзиши муҳаққиқон яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳониро ташкил медиҳад. Зеро дар аксари давлатҳои Аврупову Амрико мавқеи кормандони илмӣ баланд буда, ҷомеа онро эътироф ва баланд арзёбӣ мекунад. Ҳол он ки дар баъзе давлатҳо корманди илмӣ мавқеи ноустуворро дорад. Барои муҳаққиқи комёб будан, бояд ӯ дорои хусусиятҳои психологии махсус бошад, онҳоро донад ва ҷиҳати рушди онҳо саъю кӯшиш намояд. Дар ин ҷода аксар вақт саволе ба миён меояд, ки дар корманди илмӣ бояд кадом сифатҳои касбӣ афзалият дошта бошад, касбӣ ё шахсӣ? Як қисмати муҳаққиқон бартарӣ доштани сифатҳои касбиро авзалтар мешуморанд ва қисмати дигар бошад, афзалият доштани сифатҳои шахсиро ишора мекунанд. Аммо ба андешаи мо дар мувозинат қарор доштани хар ду гурӯҳ сифатҳо,

яъне ҳам сифатҳои касбӣ ва ҳам сифатҳои шахсӣ мувофиқи мақсад мебошад. Зеро, агар сифатҳои касбӣ барои бомуваққият ва дар дараҷаи баланд иҷро намудани фаъолияти касбӣ мусоидат намоянд, пас сифатҳои шахсӣ барои солим нигоҳ доштани солимии равонӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Хамзамон дар баробари омӯхтан ва мавриди таҳқиқ қарор додани шахсияти корманди илмӣ, бояд фаъолияти касбӣ низ таҳқиқ карда шуда, талаботҳои он муайян ва ошкор гарданд.

Аксари муҳаққиқон, дараҷаи баланди инкишофи зеҳниро боиси сааранокии фаъолияти илмии муҳаққиқ намедонанд. Ба ин гурӯҳи муҳаққиқон, ки ин ғояро пешбинӣ мекунанд, метавон Л. Термен, К. Кокс, Ҷ. Гилфорд, Д.Б. Богоявленская ва Г.С. Алтшуллерро шомил намуд. Муҳаққиқони мазкур чунин ишора мекунанд: «Миёни дараҷаи инкишофи зеҳнӣ ва қобилияти фаъолияти эҷодии илмӣ робитаи якхела мавҷуд набуда, дараҷаи инкишофи зеҳнӣ бо самараи фаъолияти илмӣ алоқаманд нест. Омӯзиши хусусиятҳои хоси корманди илмӣ замоне оғоз гардид, ки омӯзиши эҷодиёти илмӣ нав пайдо шуда истода буд» [100].

Муҳаққиқон В. Оствалд ва Ф.Галтон сифатҳои муҳимми касбии корманди илмиро бо дарназардошти фаъолияти касбӣ ошкор намудаанд. Натичаҳои таҳқиқоти Р. Б. Кеттел тавонист ба шахсияти кормандони илмӣ таъсир расонад. «Бисёре аз олимон кӯшиш карданд, ки олимонро аз рӯйи хусусиятҳои шахсӣ ва рафтори онҳо муайян ва гурӯҳбандӣ кунанд. Дар масъалаи мазкур метавон ба таснифоти В.Оствалд (классикҳо ва романтикҳо), М.Киртон (навоварон, адаптерҳо), Г.Гоу ва Д.Вудворт, Г.Селе ишора намуд» [72, с. 69].

Як қатор муқарраротро метавон зикр кард, ки барои таҳлили шахсият ва роҳи ҳаёти корманди илмӣ заминаи махсус муқаррар кардааст.

1. Омӯзиш ва таҳқиқи сифатҳои касбию шахсӣ ва фаъолияти касбии корманди илмӣ таҳқиқи дарозмуддатро металабад. Ҳамзамон, ин вобастагӣ дорад аз таҷрибаи кории корманди илмӣ ва муҳаққиқонро мебояд инро ба инобат гиранд, зеро бархе унсурҳои психологӣ дар раванди фаъолияти касбӣ

рушд мекунанд ва ҳамзамон, метавонанд боиси рушди дигар хусусиятҳои манфӣ гарданд.

2. Дар раванди таҳқиқи шахсяти корманди илмӣ андешаҳо ва арзишҳои субъективии ӯ нақши назаррасро доранд, зеро фаъолияти иҷромекардааш бояд барои ӯ муҳим бошад ва миёни арзишҳояш мавқеи аввалро ишғол намояд, вагарна мувофиқи андешаи бархе муҳаққикон ин гуна кормандро наметавон корманди илмӣ ном бурд.

3. Бояд арзишҳои ҳаётиву оилавию корӣ дар мувофиқа бошанд ва корманди илмӣ бояд ин мувозинатро нигоҳ дошта тавонад, вагарна як унсур боиси таназзули дигар унсурҳои шахсӣ ва касбӣ гардида метавонад.

Мафҳуми «хусусиятҳои психологии корманди илмӣ» гуфта, он хусусиятҳое дониста мешавад, ки барои иҷрои самараноки фаъолияти илмӣ ва ҳамзамон устувор нигоҳ доштани солимии психикии корманд ва фазои солимии оилаи корманди илмӣ муосидат карда метавонад. Яъне, хусусиятҳои психологии корманди илмӣ на танҳо ба як маҷро, танҳо ба фаъолияти илмии ӯ (корманд), балки ба маҷроҳои зарурии ҳаётӣ тақсим шуда бошад, ба монанди: кор, оила ва ҳаёти шахсӣ.

Яке аз муҳаққиқони аввалине, ки ба омӯзиши хусусиятҳои шахсии олимони муосир машғул шудааст, А. Ров мебошад. Дар асари ӯ «Ташаккули олим» фаъолияти олимони муосир таҳлил гардида, натиҷаҳои эмпирикӣ пешниҳод шудаанд. Баъдан психологҳои дигар аз ин маълумот барои таҳқиқоти минбаъда истифода бурдаанд ва дар асоси онҳо маҷмуи сифатҳои равонии олимони муваффақро муайян намудаанд.

«Дар инкишофи афкор дар бораи шахсияти эҷодкор ва ё корманди илмӣ асарҳои Р.Кэттелл, ки таҳлили хусусиятҳои психологии корманди илмиро бо истифода аз маводди зиндагинома дар бораи олимони гузашта ва натиҷаҳои санҷиши олимони муосир гузаронидааст, таъсири калон расонид» [82, с. 127]. Тибқи таҳқиқот, ба олимон хусусиятҳои зерин хос мебошанд: тамоюл ба танҳоӣ ва тамаркуз ба ҷаҳони ботинӣ, сатҳи баланди зеҳн, руҳияи

интиқодӣ ва скептикӣ, устувории эҳсосӣ, қувваи баланди «ман», хоҳиши таъсиррасонӣ ба дигарон, инчунин ҷиддият ва майл ба андешаҳои амиқ.

Ба хулосаи умумӣ, тибқи андешаи Р. Кэттелл, олим бештар шахси интроверт мебошад, яъне шахсе, ки диққати худро бештар ба ҷаҳони ботинии худ равона мекунад ва барои натиҷаҳои фаъолияти худ масъулиятро ба дӯш мегирад. Ин масъулиятпазирӣ яке аз шароитҳои муҳимми озодии ботинӣ ва камолоти шахсии корманди илмӣ маҳсуб мешавад. Кэттелл инчунин таъкид мекунад, ки қобилияти эҷодӣ на танҳо аз малакаҳои маърифатӣ, балки аз арзишҳо ва хусусиятҳои шахсӣ вобаста аст.

Муҳаққиқ К. Рамул низ кӯшиш кардааст нишонаҳои асосии таҳлили психологии фаъолияти олимро муайян намояд. Ба андешаи ӯ, барои корманди илмӣ чунин сифатҳо муҳим мебошанд:

Кунҷковии табиӣ. Шахси соҳибилм бояд шавқи доимӣ ба дониш дошта бошад.

1. Кунҷковӣ ҳам ангезаи омӯзиши донишҳои нав ва ҳам сабаби идомаи фаъолияти таҳқиқотӣ мегардад.

2. Қобилияти кор кардан дар муддати дароз бо як масъала. Масъалаҳои илмӣ аксар вақт мураккабанд ва ҳалли онҳо сабру субот ва меҳнати тулонӣ талаб мекунад.

3. Истеъдоди илмӣ. Ин қобилият рушди хотира, тафаккури эҷодӣ, тахайюл ва мушоҳидакориро дар бар мегирад.

4. Сифатҳои шахсӣ. Ба онҳо меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, шавқу рағбат ба фаъолияти илмӣ, қобилияти худтанқидкунӣ ва беғаразӣ дохил мешаванд [82, с. 129].

Корманди илмӣ аксар вақт бо дигарон ҳамкорӣ мекунад, бинобар ин қобилияти муошират низ яке аз омилҳои муҳимми муваффақияти фаъолияти илмӣ ба ҳисоб меравад. Ин хусусият махсусан барои роҳбарии гурӯҳҳои таҳқиқотӣ аҳаммияти калон дорад.

Ин хусусияти психологии корманди илмӣ барои ӯ ҷиҳати идора кардани коллективи таҳқиқотӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ба ибораи дигар, хусусияти

зерин яке аз шартҳои муҳимтарини муваффақияти кори психологони академиро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, муҳаққиқ Я.А. Пономарев 4 қисмати сифатҳоро дар кормандони соҳаи илм ҷудо мекунад: «Чаҳор қисмати сифатҳои шахсии корманди илмӣ чунинанд:

– хусусияти персептивӣ (даркнамоӣ): бошиддатии ғайримуқаррарии диққат, ҳассосияти бузург, таъсирпазирӣ;

– зеҳнӣ: интуитсия, тахайюлоти тавоно, ихтироъкорӣ, дурандешӣ, дониши васеъ;

– хусусиятҳои характерологӣ: дуршавӣ аз қолаб, аслӣ, ташаббускорӣ, суботкорӣ, худидоракунии баланд, самаранокии назаррас;

– маромнокӣ: на он қадар қаноатманд аз ноил шудан ба ҳадафи эҷодкорӣ, балки дар худи раванди он, хоҳиши қариб раднопазир барои фаъолияти эҷодӣ» [43, с. 22].

Чунин типҳои идроки муҳаққиқонро дар раванди таҳқиқотҳои психотаърихӣ метавон ҷудо намуд:

*Типи таҳлилии идроки таҳқиқотчӣ.* Муҳаққиқи дорои ин типи идрок ҳангоми таҳлили ҳуҷҷатҳои таърихӣ бештар ба ҷузъиёти ҳодисоти рухдода эътибори ҷиддӣ медиҳад ва дар рафти хулосабарории мантиқӣ хулосабарории индуктивиро истифода мебарад, яъне аз ҷузъ ба кул меравад.

*Типи таркибии идроки таҳқиқотчӣ.* Ин типи идрокро аксаран типи идроки кул низ меноманд ва он баръакси идроки таҳлилӣ буда, дар он диққат на ба ҷузъиёт, балки ба моҳияти умумӣ равона карда мешавад. Муҳаққиқони дорои типи идроки таркибӣ, одатан, ҳангоми ошкор сохтани масъалаҳои илмӣ аз тарзи хулосабарории дедуктивӣ истифода мебаранд. Яъне ҳангоми гузаронидани таҳқиқот онҳо аз кул ба ҷузъ мераванд.

*Типи тасвирии идроки таҳқиқотчӣ.* Типи мазкури идрокро метавон чунин шарҳ дод: таҳқиқотчӣ ба ҳар чизи дида ва шунидааш қаноатманд шуда, онро айнан ба мисли нусхабардорӣ изҳор хоҳад кард.

*Типи шарҳдиҳандаи идроки таҳқиқотчӣ.* Ин гурӯҳи муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, то чизҳои дидаю шунидаашон тариқи факту далелҳо исботи худро ёбад.

*Типи объективии идроки таҳқиқотчӣ.* Бештар ба намуди идроки тасвирӣ шабоҳат дорад.

*Типи субъективии идроки таҳқиқотчӣ.* Ба ин гуна аст, ки муҳаққиқ ҳангоми дидани ҳодиса ва ягон рӯйдоди илмӣ бештар ба субъективизм рӯ меорад ва фикру ақидаҳои шахсии худро изҳор дошта, маводҳоро аз худ илова карда, ҳамзамон, таассуроти субъективии шахсии худро баён мекунад.

Дар асоси таҳлили типҳои идроки муҳаққиқон метавон ишора намуд, ки объективӣ будани натиҷаҳои илмӣ аз типи идроки онҳо вобастагии амиқ дорад. Бо ибораи дигар, психотаърих илмест, ки дар он ҳиссиёти шахсии пажӯҳишгар муҳим арзёбӣ мегардад. Психотаърих бо маромҳои одамон сарукор дорад, аз ин рӯ, арзёбии маромҳо бо тамоми мураккабии онҳо танҳо ба манфиати он хоҳад буд, агар психолог онро бо чеҳраҳои таърихӣ ҳаммонанд кунад. Аз ин рӯ, рушди эмотсионалии психотаърихчӣ ба мисли рушди зеҳнии ӯ муҳим арзёбӣ мегардад.

Маҳз қобилияти тавлиди саволҳои нав хусусияти хосу фарқкунандаи ин илмро ташкил медиҳад. Дар ин замина пурсишномаҳои муаллифӣ ҷиҳати муайян кардани заминаҳои рушд, вазъи кунунӣ ва дурнамои психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон тартиб ва таҳия шуданд, ки далолаткунандаи ин гуфтаҳо мебошанд.

Бо дарназардошти ишораҳои боло, ба психологҳои соҳаи академӣ маҷмуи сифатҳои касбӣ пешниҳод гардидаанд, ки ҷиҳати иҷрои фаъолияти илмӣ дар дарачаи баланд имкон медиҳанд. Ва ё бо ибораи дигар: «Имрӯз афзудани нақши илм дар идоракунӣ талаботи рӯзафзун мутахассисонеро муайян мекунад, ки қобилияти дар ҳалли масъалаҳои касбӣ истифода бурдани маҳорати фаъолияти таҳқиқоти илмиро доранд» [38, с. 43].

Дар ҳаёт на ҳама вақт хусусиятҳои психологии шахс бо талаботи фаъолият мувофиқат мекунанд ва номувофиқоиҳо метавонанд аз чунин омилҳои психологӣ вобаста бошанд, ки онҳоро мухтасаран дида мебароем.

1. *Номувофиқоӣ миёни кордонии касбӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ.* Шахсоне ҳастанд, ки дар иҷрои кори худ кордонанд, яъне кори худро мисли «панҷ панҷа»– ашон медонанд ва аз ҳама гуна вазъиятҳои мураккаб ба осонӣ мебароянд, аммо, мутаассифона, бо коллективи корӣ (ҳамкорон) забон як карда наметавонанд. Бо ҳамкорон ба душворӣ муносибатҳои байнишахсиро ба роҳ мемонанд, ки ин боиси низоъ мегардад ва бо вуҷуди ин, худи ин нафарон хоҳиши аз худ кардани малакаҳои махсуси муошироти корӣ ва психологияи муоширатро надоранд. Зеро, ба андешаи онҳо, дигарон гунаҳкоранду бояд дигарон муносибаташонро тағйир диҳанд, на худи онҳо. Ҳарчанд сабаби ҳамаи ин дар олами ботинӣ ва мақсадгузориҳои ботинии ин шахсон нуҳуфтааст.

2. *Номувофиқоӣ дар байни сифатҳои алоҳидаи шахсӣ ва системаи умумии касбӣ.* Сар задани «беморӣи ситора будан» оғоз меёбад. Дар рафти иҷрои кор аз байни якчанд сифат танҳо як маҳорат ва малакаеро аз худ кардааст, ки бо истифода аз ин сифат як қатор корҳояшро бомуваффақият иҷро мекунад ва бо ҳамин як сифат аз ҷониби роҳбарият байни дигар кормандон таърифу ситоиши зиёдеро мешунавад. Аз ин гуна комёбиҳо худашро «ситораи коллектив» мешуморад ва, аллакай, дар ӯ иллюзияи бехатоӣ ва касбият пайдо мешавад. Аммо бо мурури вақт дигар сифатҳо ва ҷанбаҳое, ки пурра аз худ нашуда буданд, зоҳир мегарданд, ки дар ин ҳолат онҳо ба стресс афтида, дар рафти расидан ба қуллаҳои баланди касбӣ рӯ ба таназзул мениҳанд.

3. *Номувофиқоии намоишкории зоҳирии касбият ва мувофиқати касбӣ.* Ин нафарон на ҷойи кор, балки худи корро тобиш медиҳанд. Ба ибораи дигар, самтнигарии ин нафарон ба намоишкорӣ равона гардидааст, яъне худашонро намоишкорона ба дигарон нишон медиҳанд. Фаъолнокии хешро рушд медиҳанд, аммо ин натиҷаеро дода наметавонад, зеро ин нафарон ба

натиҷаи корӣ аҳаммият намедиҳанд. Сабабу омилҳои объективии нокомиҳо бо мақсадгузориҳои бардурӯғ аз сатҳи шуур берун бароварда мешаванд. Ин гуна нафарон нисбат ба дигарон чунин андеша доранд: нафрат доранд; ба ман монеаро эҷод мекунанд; имконият намедиҳанд. Натиҷаи ҳамаи ин таназзулёбӣ ва надоштани хоҳиши ба дараҷаи касбӣ расиданро ба бор меорад.

4. *Номувофиқатӣ дар байни мақсадгузориҳои шахсӣ ва талаботҳои касбӣ*. Байни кор ва истироҳат мувозинат дида намешавад. Бо истифодаи ҳама гуна роҳу усулҳо корашро иҷро мекунад, ки дар натиҷа саломатиашро аз даст медиҳад. Дигар иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои хизматӣ паст мегардад. Чи тавре ки дар урфият мегӯянд: «Асосаш саломатист, саломатӣ бошад, ҳама чиз мешавад».

5. *Мавҷуд набудани мувозинат дар байни худтакмилдиҳӣ ва худнигоҳдорӣ*. Дар масал мегӯянд: «Панҷ панҷаатро ба даҳон наандоз». Иҷрои сарбориҳои иловагӣ бо шиддатнокии психикӣ ва мондашавии ҷисмонӣ, асабхастагӣ сабаби вайроншавии хоб мегардад. Хулосааш андӯҳовар аст: мондашавии бардавом, ҳолати асабоният, паст шудани қобилияти коршоямӣ, аз худ, аз кор ва аз ҳаёт қаноатманд нагардидан.

# БОБИ 3. ТАҲҚИҚИ ОЗМОИШИИ РУШД ВА ДУРНАМОИ ПСИХОЛОГИЯИ ИЛМИЮ АМАЛӢ ДАР ШАРОИТИ КУНУНИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ

## 3.1. Ташкил намудани таҳқиқот: тавсифи гурӯҳчинӣ ва методҳои таҳқиқотӣ

***Гурӯҳчинии таҳқиқот.*** Таҳқиқоти эмпирикӣ дар ду гурӯҳи экспертӣ ва ду гурӯҳи озмудшавандагон гузаронида шуда, дар маҷмуъ 200 нафар экспертони умумӣ, 100 нафар экспертони илмӣ (психологони академӣ), 100 нафар экспертони амалӣ (психологони академӣ) ва 50 нафар психологони амалӣ ва 50 нафари дигар психологони академӣ фаро гирифт. Дар маҷмуъ 400 нафар дар таҳқиқот ҷалб гардид.

Қисмати таҳқиқотӣ дар навбати худ аз ду қисмат иборат аст: якум, муайян намудани рушди психологияи илмию амалӣ ва дуюм, муайян кардани сифатҳои муҳимми касбии ин намуди фаъолият.

Қисмати якуми таҳқиқот бо истифода аз методи арзёбии экспертӣ ташкил ва баргузор гардид. Қисмати дуюми таҳқиқот бошад, дар навбати худ ду зерқисмро дар бар мегирад:

– тавассути методи баҳогузории экспертӣ муайян намудани сифатҳои муҳимми касбии психологияи илмию амалӣ;

– муайян намудани қобилият ба эмпатия дар психологҳои соҳаи академию амалӣ.

Дар маҷмуъ, барои қисмати якуми таҳқиқот гурӯҳи экспертии умумӣ бо мақсади муайян намудани вазъи кунунии психологияи ватанӣ (ҳам психологияи илмӣ ва ҳам психологияи амалӣ) ҷалб гардид. Ба ин гурӯҳ ҳам шаҳрвандон, ҳам психологони академию амалӣ, ҳам нафарони дорои касбу кори гуногун шомил шуданд. Мақсад аз ташкили гурӯҳи экспертии умумӣ ин муайян намудани рушди психологияи илмию амалӣ ва мушаххас намудани дурнамои он буд. Тавассути ин пурсишнома муайян кардани мушкилоти

психологияи давраи соҳибистиқлолӣ, ҳамзамон, тасвири харитаи минбаъдаи рушди он имконпазир гардид.

Барои қисмати дуюми таҳқиқот гурӯҳи экспертии илмию амалӣ ҷиҳати муайян кардани тафовути асосии психологияи илмию амалӣ аз нигоҳи мутахассисони соҳа ҷалб гардида буданд. Коршиносони соҳа тафовутҳои асосиро ҷиҳати шинохти психологияи илмию амалӣ муайяну мушаххас намуданд. Дар навбати худ ин гурӯҳи экспертӣ сифатҳои муҳимми касбии психологҳои соҳаи академию амалиро ошкор сохтанд.

Пурсишномаи муаллифӣ дар аввал бе мавҷудияти вариантҳои ҷавоб тартиб дода шуда, бо коршиносон гузаронида шуд. Шумораи мазкури иштирокчиён, ки бевосита дорои маълумоти олӣ ва, ҳамзамон, собиқаи кории онҳо зиёда аз 10 солро дар бар мегирифт, вариантҳои худро дар масъалаҳои сифатҳои муҳимми касбӣ ишора намуданд.

Дар марҳилаи дуюм, вариантҳои пешниҳоднамудаи коршиносон таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда, дар натиҷаи онҳо 10 сифати муҳимми касбиро ҷудо намудем, ки коршиносон онҳоро муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар масъалаи тартиб ва омода намудани пурсишнома ҷиҳати муайян кардани сифатҳои муҳимми касбии психологҳои соҳаи амалӣ ҳамин тартиби коркарди пурсишномаро пеша намуда, пурсишномаи дигари муаллифиро таҳия намудем.

Пурсишнома дар замима оварда шудааст.

Ҳамзамон, мавриди тазаккур аст, ки дар гурӯҳи экспертӣ аз тамоми миқёси ҷумҳурӣ (шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, Бадахшон, Бохтар ва минтақаҳои ноҳияи Рашт) шомил шуда буданд. Масалан, ба гурӯҳи якуми экспертӣ, ки мо онро дар боло бо номи «Гурӯҳи экспертии академӣ» (ҷиҳати муайян кардани мушкилот ва дурнамои психологияи илмии ватанӣ) ишора намуда будем, ҳам аз Душанбе ҳам аз минтақа ва ноҳияи Рашт, ҳам аз вилояти Суғд ва ҳам аз вилоятҳои Бадахшону Хатлон низ шомили ин гурӯҳ буданд. Ҳамзамон, мебояд ишора намуд, ки бархе аз коршиносон дар ду гурӯҳ аъзо буданд. Яъне, устодоне, ки ҳам дар соҳаи илм ҳастанду

дастовардҳои калон доранд ва ҳам дар психологияи амалӣ саҳми худро гузошта истодаанд. Ба сифати ин гуна экспертон омӯзгорони соҳаи психологияи муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро метавон номбар намуд.

Мақсад аз интихоби экспертон аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ дар он ифода меёбад, ки эҳтимолияти рушди психологияи ватанӣ дар ҳар ҷой гуногун аст.

Ба сифати гурӯҳи экспертӣ психологони академӣ ҷиҳати муайян намудани сифатҳои муҳимми касбӣ ва мушкилоту дурнамои психологияи илмии ватанӣ баромад намуданд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ, хусусан омӯзгорони кафедраи психологияи ДМТ, факултети психологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ҳамзамон, онҳое, ки аъзои Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси психология ҳастанду номзади илми соҳаи психология мебошанд, ворид гардиданд. Ба омӯзгорони гурӯҳи экспертии психологияи илмии ватанӣ омӯзгороне шомил гардиданд, ки шогирд дар рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рисолаи номзадию докторӣ доранд. Ба ибораи дигар, он нафароне интихоб шудаанд, ки бевосита ба соҳаи илм сару кор дошта, аз рушду нумуъ ва мушкилоту дурнамои илми психологияи илмии ватанӣ хабардор мебошанд. Масалан, аз коршиносони шинохтаи ҷумҳурӣ устодон Н.М. Юнусова ва М. Давлатов нақши муҳимро аз даврони шуравӣ то ба замони соҳибистиқлолӣ дар психологияи илмӣ бозида истодаанд. Устодони зикргардида ҳам дар рушди илми психологияи амалии ватанӣ нақши муассир доранд. Иштирок дар ҳолатҳои фавқулода, додани машваратҳои психологӣ ва гузаронидани корҳои ислоҳнамоию роҳнамоии психологӣ аз ҷумлаи соҳаҳое мебошад, ки устодони болозикр тавонистанд нақши худро гузошта, ба рушди соҳаҳои зикргардида муосидат намоянд.

Гурӯҳи дуюми экспертӣ аз психологони амалӣ иборат буда, он нафаронеро ташкил медод, ки бевосита дар амалия аз рӯйи ихтисоси мазкур кору фаъолият мекунанд. Ҳамзамон, дар гурӯҳи мазкур, ҳам мутахассисон ва ҳам ғайримутахассисоне, ки ба сифати психолог кору фаъолият мекунанд, шомил гардиданд.

Гурӯҳи сеюм, иборат аз шаҳрвандон буд, ки дар он ҳам шаҳрвандони дорои маълумоти олӣ шомил мешуданд ва вобаста ба мушкилоту дурнамои психологияи ватанӣ, дар маҷмуъ, андешаҳои хешро пешниҳод намуданд.

Одатан ин се гурӯҳи экспертӣ ҷиҳати муайян кардани психологияи илмию амалии ватанӣ нақши калидиро бозида ва ба ҳамин васила тавонистем, ҳам мушкилот ва ҳам дурнамоиояндаи психологияи ватаниро, муайян намоем.

Тафовути сифатҳои муҳимми касбӣ дар психологони академию амалӣ мавриди таҳлили тафриқавӣ қарор гирифт. Он тафовутҳое, ки дар саволномаи пешина аз ҷониби коршиносон ишора гардида буд, ҳамзамон, он сифатҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқони хориҷ ҳамчун сифатҳои муҳим ёд шуда буданд, дар асоси он саволномаи махсуси тафовутӣ тартиб дода шуд. Саволнома дар замима оварда шудааст. Коршиносон бояд ҳар як сифатро мутолиа намуда, дараҷаи муҳиммияти онро нисбати психологони академию амалӣ аз 1 то 5 хол баҳогузорӣ мекарданд. Масалан, муҳиммияти маҳорати гӯш карда тавонистан барои психологони академӣ то кадом дараҷа ва барои психологони амалӣ то кадом дараҷа мебошад (1 хол – қариб, ки муҳим нест ва 5 хол – сифати муҳим арзёбӣ мегардад), баҳогузорӣ намояд.

Асосан, чунин сифатҳои муҳимми касбӣ пешниҳод гардида буданд, ки ба аксарияти онҳо бо шарҳу эзоҳ ишора мекунем.

**Дониши амиқ** – дар соҳаи худ дониши васеъ доштан, аз навтарин дастовардҳо ва тамоюлҳои илмӣ огоҳ будан.

**Қобилияти таҳлилнамоӣ** – қобилияти таҳлили маълумот, муайян ва ошкор намудани қонуниятҳо ва баровардани хулосаҳои дурусту объективӣ.

**Қобилияти ҳалли мушкилот** – қобилияти пайдо кардани ҳалли ғайристандартӣ ва бартараф кардани мушкилоти дар раванд баамаломада.

**Тафаккури интиқодӣ** – қобилияти ошкор кардани шубҳанокии дониш ва назарияҳои мавҷуда, таҳлили иттилоот аз нуқтаи назари гуногун ва таҳияи қарорҳои асоснок.

**Малакаҳои коммуникативӣ** – қобилияти возеҳ ва дақиқ баён кардани ғояҳои худ, муҳокима кардани натиҷаҳои бадастовардашуда.

**Тафаккури креативнокӣ (эҷодӣ)** – қобилияти тавлиди ғояҳои нав, таҳияи усулҳои аслии таҳқиқот ва саҳм гузоштан ба рушди илм.

**Скептизм ва майл ба дақиқкорӣ** – ҳангоми қабули натиҷаҳо эҳтиёткор будан ва дурустии онҳоро пайваста мавриди санҷиш қарор додан.

**Боварӣ ҳосил кардан ва гӯш карда тавонистан.**

**Методҳои таҳқиқотӣ.** Методҳои илмие, ки ҳангоми гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи таърихи психология истифода мешаванд, якчанд ҷанбаҳоро дар худ фаро мегирад. Мавриди тазаккур аст, ки таърихи рушди психология ба ҷанбаи методологии худ такя мекунад.

Ба монанди аксари соҳаҳои илмӣ, дар таърихи психология низ метавон донишҳои эмпирикию назариявиро фарқ намуд. Вазифаи асосии таърихи психология дар фаҳмиши эмпирикӣ аз нав сохтани мазмуни донишҳои психологии давраҳои гуногуни таърихӣ ва раванди инкишофи он, яъне тавсифи таърих мебошад. Аз ҷиҳати назариявӣ бошад, таърихи психология масъалаи шарҳ додани рафти воқеии инкишофи донишҳои психологӣ, муайян намудани қонуният ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаро мавриди баррасӣ қарор хоҳад дод.

Ҳамзамон, предмети таҳқиқот метавонад андеша, нуқтаи назари психологии мутафаккирон дар алоҳидагӣ, гурӯҳҳо (масалан, мактабҳои илмӣ), вазъи кунунии донишҳои психологӣ дар ҳудуди муайян (дар давлати муайян) ва дар давраи муайяни таърихӣ бошад.

Ба сифати методҳои асосии эмпирикии таърихи психология тафсир ва таҳлили муқоисавӣ– таърихии сарчашмаҳо баромад мекунад.

Махсусан таъкид кардан лозим аст, ки дар дараҷаи эмпирикӣ таҳқиқотро ба такрори сарчашма, яъне ба маҷмуи маълумоти воқеӣ табдил додан мумкин нест. «Эмпиризм дар таърих на муроҷиат ба далелҳо, балки дар тарзи муносибат ба онҳо, дар нотавон будан дар назди далелҳо зоҳир мегардад. Таҳқиқот ва ё асаре, ки танҳо миқдори зиёди маълумотҳои воқеии

санҷиданашуда, ба система дароварданашуда ва тафсирнашударо дар бар мегирад, сифати таҳқиқоти илмиро гум карда, ба категорияи манбаъҳое дохил мешавад, ки ба коркард ниёз доранд» [2, с. 35].

Зери мафҳуми сарчашмашиносӣ одатан он методи таърихие фаҳмида мешавад, ки таърихнигорон ба он махзанҳо ва маводҳо эътимоди илмӣ доранд ва онҳоро ҳамчун асос қабул мекунанд. Рушди психология низ онро ба таври васеъ истифода кардааст ва то ба имрӯз низ мавриди амал қарор медиҳад. Таҳқиқ, омӯзиш ва таҳлили илмӣ намудани шарҳи ҳоли муҳаққиқон ва осори илмию эҷодии онҳоро метавон ба ин метод айният дод. Бо ибораи дигар, тавассути сарчашмашиносӣ нишондиҳандаҳои миқдории ҳосилнокии илм, инчунин нишондиҳандаҳои вазъи иҷтимоию иқтисодии илм (шумораи таҳқиқотчиён, ҳаҷми маблағгузорӣ ва ғайра) маводҳои ба таҳқиқот заруриро ба даст овардан мумкин аст.

Методҳои назариявии таҳқиқоти таърихӣ– психологӣ хеле кам кор карда баромада шудаанд. Одатан, таърихи рушд ва тараққиёти дилхоҳ илмро бояд методологияи он ташкил диҳад. Ба сифати методологияи илм ва ё асосҳои он метавонд консепсияҳо баромад кунанд. Агар ин масъала дар маҷмуъ таърихи рушди илми психологияро фаро гирад, пас метавон чунин консепсияҳоро ишора намуд, ба монанди: «Консепсияи инқилобии К. Томас, консепссияи одамони бузурги Т. Карлайл, равишҳои экстернализм (Ҷ. Бернал) ё интернализм (А. Койре)» [101].

Дар даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳ ба муайянкунии иҷтимоӣ– фарҳангии рушди психология ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

М.Г. Ярошевский ҳангоми таҳлили рушди илм таъсири се навъи детерминантро пешниҳод намудааст: предметӣ– мантиқӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва шахсӣ (1974). Барои тахлили тафриқавии инкишофи донишҳои илмии психологӣ ҳамроҳи А.В.Петровский методи «таҳлили категориалӣ»– ро кор карда баромад, ки моҳияти ин метод дар муайян кардани категорияҳои марказии психологӣ (образ, маром, амал ва гайра) ва принсипҳо (ягонагӣ, детерминизм) дар назарияҳое, ки мавриди омӯзиш қарор доранд, асос меёбад.

А.Н. Ждан (1994, 2020) равиши таҳлили таърихи психологияро аз нуктаи назари динамикаи предмети он, ки асосҳои онро П.Я.Галперин (1976) гузоштааст, инкишоф дод.

Муҳимтарин сарчашмаҳо, далелҳои асосии таърихӣ барои таърихи психология матнҳои аслии асарҳои илмӣ: мақолаҳо ё монографияҳои чопшуда, дастнависҳои чопнашуда ба шумор меараванд. Барои таърихи психология на танҳо худи асарҳои психологӣ, балки асарҳои дигар соҳаҳои ба ҳам алоқаманд (фалсафа, тиб, биология, ҷомеашиносӣ, антропология) ва дар баъзе мавридҳо соҳаҳои на он қадар наздики он (физика, математика, кибернетика, ҷуғрофия, иқтисодиёт) ва ҳамзамон матнҳои дорои хусусияти ғайриилмидошта (динӣ, бадеӣ) низ муҳим буда метавонанд.

Ҷиҳати гузаронидани таҳқиқот дар маҷмуъ чунин методҳо мавриди истифода қарор гирифтанд:

1. Методи таърихӣ-генетикӣ. Ин метод барои муайян кардани марҳилаҳо ва қонуниятҳои рушди психология дар маҷмуъ ва баъдан муайян кардани рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифт.

2. Методи таърихӣ-муқоисавӣ. Методи мазкур барои мавриди омӯзиш ва тафриқа қарор додани мактабҳои се марҳила, мактабҳои мутафаккирони Шарқ, даврони шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ мувофиқи мақсад шуморида шуд.

3. Методи таҳлилӣ-синтезӣ. Тавассути ин метод таҳлил ва ҷамъбасти манбаъҳои илмӣ, рисолаҳои илмӣ, нашрияҳо ва маводҳои бойгонӣ сурат гирифт. Хусусан, рисолаҳои илмии ба рушди психологияи илмию амалӣ бахшидашуда, китобҳо ва монографияҳо, сомонаҳои расмӣ ва дигар мақолаҳои илмию оммавӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифт. Масалан, омӯзиши монография ва мақолаҳои илмию оммавии М.Г. Ярошевский ва Д.И. Фелдштейн шаҳодати ин гуфтаҳо мебошанд. Чопи маводҳо дар нашрияҳои даврӣ (хабарномаҳо ва ғ.). Ин намуди махзани маълумот имкон

медиҳад, ки хронологияи воқеаҳо равшан карда, мазмуни иҷтимоии инкишофи илм аз нав сохта шавад.

4. «Таҳлили биографӣ ва персонологӣ (шахсӣ) – ҷиҳати таҳқиқ ва омӯзиши саҳм ва дастовардҳои муҳаққиқону донишмандон коркард шудааст» [80, с. 132]. Методикаи мазкур омӯзиши саҳми олимон ва муҳаққиқони алоҳида дар рушди психологияи ватанӣ, хусусан аз олимони шуравӣ М.Г. Ярошевский, Д.И. Фелдштейн ва дигарон ва олимони ватанӣ Р. Атахонов, А. Баҳовиддинов, Н.Н. Турсунов, М.Т. Давлатов, Н.М. Юнусова ва дигарон хело ҳам нафъовар гардид. Методи психобиографӣ ва ё бо ибораи дигар, методи тарҷумаҳолӣ. Намунаи ин гуна маводҳо нашри чандинҷилдаи «Таърихи психология дар тарҷумаи ҳол» (A History of Psychology in Autobiography), ки ҷилди якуми он соли 1930 ва ҷилди нуҳум соли 2007 зери таҳрири К. Мёрчинсон аз чоп баромад. Дар масъалаи методи мазкур муҳаққиқ С.З. Латифзода, ки дар корҳои таҳқиқотии хеш ин методро бештар истифода менамояд, чунин ишора мекунанд: «…идеяи асосии методи мазкур дар омӯзиши субъективии роҳи ҳаёти инфиродии шахс, яъне ҳамон тавре ки худи шахс онро мебинад, онро ҳамон гуна баён мекунад, инъикос меёбад. Дар илмҳои сотсиология ва психология ин метод аксар вақт бо омӯзиши ҳуҷҷатҳои шахсӣ (мукотибот, рӯзномаҳо), ки яке аз сарчашмаҳои асосии омӯзиши олами ботинии ҳаёти инсон мебошанд, алоқаманд карда мешавад.

Методҳои зикргардида қисмати якуми таҳқиқотро фаро гирифта, натиҷаҳои он дар қисмати назариявии рисола оварда шудаанд.

***Методикаи «Ташхиси қобилият ба эмпатия».*** Масъалаи мазкур аз ҷониби ҳам муҳаққиқони ватанӣ (Ҳ.А. Зайтметов [99]) ва ҳам аз ҷониби муҳаққиқони хориҷ (Т.А. Ахрямкина [95], А.П. Василлкова [97], Д.М. Даудова [98] ва дигарон) мавриди таҳқиқи васеъ қарор дода шудааст. Ҷиҳати муайян кардани дараҷаи зоҳиршавии эмпатия дар се гурӯҳи таҳқиқотии болозикр методикаи «Арзёбии қобилият ба эмпатия»– и И.М. Юсупов мавриди истифода қарор гирифт. Тавассути методикаи мазкур чунин дараҷаҳои зоҳиршавии эмпатия муайян карда шудаанд:

- дараҷаи хеле баланди эмпатия;
- дараҷаи баланди эмпатия;
- дараҷаи миёнаи эмпатия;
- дараҷаи пасти эмпатия;
- дараҷаи беҳад пасти эмпатия.

Саволнома аз шаш шкалаи ташхисии эмпатия иборат буда, муносибатро нисбат ба волидон, ҳайвонот, пиронсолон, кӯдакон, қаҳрамонҳои бадеӣ, шиносон ва бегонагон инъикос мекунад. Методика 36 изҳоротро дар бар мегирад, ки барои ҳар яки онҳо озмудашаванда бояд бо истифода аз шаш варианти ҷавобҳо дараҷаи розӣ будан ё норозӣ буданашро арзёбӣ кунад: "Ман намедонам", "ҳеҷ гоҳ ё не", "баъзан", "аксар вақт", "қариб ҳамеша" ва "ҳамеша ё ҳа". Ҳар як варианти ҷавоб ба арзиши рақамӣ мувофиқат мекунад: 0, 1, 2, 3, 4 ё 5.

Агар озмудашаванда дар давоми таҷриба ягон савол дошта бошад, озмоишгар бояд шарҳ диҳад, аммо ба тарзе, ки озмудашаванда шарҳро ба сифати чавоби дуруст қабул накунад.

Коркарди натиҷаҳои таҳқиқот бояд бо муайян кардани эътимоднокии маълумот оғоз шавад. Муаллифи ин таҳқиқот ба натиҷаҳо тағйироти ночиз ворид кардааст. Ин аз он сабаб аст, ки ҳангоми ҳисоб кардани холҳои умумӣ "сатҳи миёна" дорои диапазони хеле васеи арзишҳо (37-62 хол) мебошад. Аз ин рӯ, "сатҳи миёна" ба се сатҳ тақсим карда шуд: "пасттар аз миёна" (37-45 хол), "миёна" (46-54 хол) ва "болотар аз миёна" (55-62 хол). Ин тағйирот имкон доданд, ки тағйирот дар сатҳҳои ҳамдардӣ дар донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ дақиқтар чен карда, арзёбӣ карда шаванд.

## 3.2. Муайян кардани вазъ, мушкилот ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои академию амалӣ ва қобилият ба эмпатия дар онҳо

***Таҳлили вазъи кунунии психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон.*** Чи тавре пештар ишора намудем, ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунии психологияи илмию амалӣ, яъне дар кадом сатҳ қарор доштани онҳо

пурсишнома таҳия карда шуд. Дар пурсишнома ба сифати экспертон тамоми шаҳрвандон иштирок доштанд: аз шаҳрвандони одӣ сар карда, то ба нафарони соҳиби диплом ва кормандони муассисаҳои давлатию ташкилотҳои байналмилалӣ. Пурсишнома дар замима оварда шудааст.

Ҳар як саволи пурсишнома мавриди таҳлил қарор дода шуд. Саволи якуми пурсишнома чунин буд: «Ба фикри шумо дар кадом ҳолатҳо ба психолог мурочиат намудан зарур аст?». Пурсидашудагон чавобҳои гуногунро пешниҳод намуданд ва ҳангоми таҳлилу чамъбасти умумӣ метавон чавобҳои онҳоро ба чунин қисматҳо чудо намуд:

- дар ҳолатҳои бемориҳои гуногун;
- ҳангоми дучор шудан бо мушкилоти руҳию равонӣ;
- дар дилхоҳ ҳолат ба манифати кор аст.

Як нуқтаи дигарро ишора намудан зарур аст, ки шаҳрвандон дар рафти посух додан ба саволи якум бениҳоят шумораи зиёди мафҳумҳои психологиро истифода намуданд ва ин боиси хушнудист, ки шаҳрвандони мо аз мафҳумҳои гуногуни психологӣ, ба монанди стресс, депрессия, руҳафтодагӣ, ҳолатҳои руҳию равонӣ, мушкилоти эмотсионалӣ, ноумедӣ, аз даст додани шавқу ҳавас, фишори равонӣ, ҳамлаи асабӣ, нокомӣ, мушкилоти шахсӣ ва ғайра истифода бурданд.

Аз шумораи умумии посухдиҳандагон, ки дар мачмуъ 200 нафарро ташкил медод, чавоби «Дар ҳолатҳои бемориҳои гуногун» – 40 нафар, чавоби «Ҳангоми дучор шудан бо мушкилоти руҳию равонӣ» – 120 нафар ва 40 нафари дигар бошад, чавоби «Дар дилхоҳ ҳолат ба манифати кор хоҳад буд»–ро қобили қабул донистанд. Инро тариқи диаграмма ишора мекунем буд [ниг. ба диаграммаи №1].




***Диаграммаи №1. Таҳлили ҷавобҳои саволи 1– уми пурсишнома.***

Саволи дуюми пурсишнома «Фаъолияти психологони ватаниро чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед?» унвон гирифта, ҷиҳати муайян кардани илми ватании соҳаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин савол низ посухдиҳандагон ҷавобҳои гуногун доданд. Масалан, як гурӯҳи посухдиҳандагон дар рафти баҳогузорӣ, бинобар сабаби ягон маротиба муроҷиат накардан ва дар бораи фаъолияти онҳо маълумоти зарурӣ надоштан, танқисӣ кашиданд. Дар маҷмуъ баҳогузории пурсидашудагон чунин буд:

– хуб;

– миёна;

– дар ҷавоб танқисӣ мекашам.

Агар ба саволи дигар назар кунем, мақсади аосии ин савол дар маълум кардани мавқеи имрӯзаи психологҳои соҳаи академию амалӣ мехобад. Савол чунин гузошта шудааст: «Оё шумо медонед барои ёрии психологӣ ба куҷо муроҷиат намоед?» [2-М]. Агар ҷавобҳои иштирокчиёнро таҳлил намоем, пас маълумамон мегардад, ки гурӯҳе аз онҳо психологҳои соҳаи академию амалӣ

ва ҳатто ҷойҳои ҷойгиршавии кори онҳоро ишора намудаанд. Албатта, ин натиҷаи хуб аст, ҳамзамон, метавон ишора намуд, ки ин далолаткунандаи дар дараҷаи баланд иҷро намудани фаъолияти касбии психологон ва ба даст овардани боварии мардум мебошад. Аммо чунин ҷавобҳо низ вуҷуд доранд, ки бархе посухдиҳандагон муроҷиат ба беморхонаҳои руҳиро ҷойи расонидани кумаки психологӣ медонанд. Дар маҷмуъ, ҷавобҳои пурсидашудагонро таҳлилу гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро метавон ба намудҳои зайл табақабандӣ намуд:

- ✓ бале – 61, 3%;
- ✓ не намедонам – 12,4%;
- ✓ бале, ба беморхонаҳои руҳӣ – 12,1%;
- ✓ бале тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ – 12,7%.

Инро тариқи диаграмма тасвир мекунем [ниг. ба диаграммаи №2].




| | |
|---|---|
| Бале | 61,3 |
| Не, намедонам | 12,4 |
| Бале, ба беморхонаҳои руҳӣ | 12,1 |
| Бале, тавассути шаб. иҷтимоӣ | 14,2 |

***Диаграммаи №2. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 3– юми пурсишнома***

Саволи навбатӣ «Сабаби муроҷиат накардани мардум ба психологро (муроҷиат накардани худ ба психологро) дар чӣ мебинед?» ном дошта, дар ҷавоб ба ин савол низ посухдиҳандагон фаъолона иштирок намуданд. Дар

рафти ҷавоб додан ба ин савол аз нобоварӣ нисбати психолог оғоз намуда, то ба «менталилет»-и шаҳрвандон андешаронихои онҳо идома ёфт. Дар маҷмуъ, бештари посухдиҳандагон дар рафти ҷавоб чунин посуххоро афзалтар шумориданд:

– маълумот надоштан дар бораи фаъолияти психологон ва нашинохтани онҳо (психологон);

– боварӣ надоштан;

– вазъи пасти иқтисодӣ.

Инро тариқи диаграмма тасвир мекунем [ниг. ба диаграммаи №3].




***Диаграммаи №3. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 4– уми пурсишнома***

Дар рафти ҷавоб гардонидан ба саволи навбатӣ, яъне саволи 5-уми пурсишнома, ки «Ба фикратон психологони ватанӣ бояд кадом корҳоро ба анҷом расонанд?» посуххои гуногун мушохида гардид. Як қисмати посухдиҳандагон яке аз мушкилоти асосии психологияи ватаниро дар муаррифӣ нашудан мебинанд. Қисмати дигар таъсиси шабакаҳои иҷтимоӣ ва доштани шабакаҳои психологӣ дар «Инстаграм», «Фейсбук», «Телеграмм» ва дигар шабакаҳои иҷтимоиро, ба монанди психологони хориҷи кишвар муҳим

арзёбӣ менамоянд. Ҳатто бештари онҳо дар рафти гузаронидани пурсишнома ишора кардаанд, ки «мо бештари шабакаҳои иҷтимоии психологии хориҷро тамошо мекунем, аммо аз чӣ сабаб бошад, психологияи ватании хешро, ки аҷдодони бой дорем, осори пурғановатро соҳиб ҳастему мутафаккирони баргузида дорем, мутаассифона дар шабкаҳои иҷтимоӣ таҳлили психологии онҳоро ҷиҳати пешгирии намудани наврасону навҷавон аз ҳаракату ташкилотҳои эксремистию террористӣ, дар роҳи дуруст тарбия намудани насли наврас, дар онҳо ботинан тақвият бахшидани ватандӯстию ватанпарварӣ ва дигар мушкилотҳоро аз ин баргузидагони тоҷику форс истифода намекунанд».

Воқеан, ҷавоби онҳо ва ишораҳои шифоҳии онҳо, ки дар рафти суҳбати психологӣ сурат гирифт, аз ҷониби муҳаққиқони риштаи психология муҳим разёбӣ мегардад, зеро бештари мардум, чи кӯдакон, чи наврасон, чи ҷавонон, чи миёнасолон ва ё чи калонсолон, аксари вақти худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд, пас, агар мо тавонем масъалаҳои зарурии психологиро ҷиҳати тарбияи дурусти фарзанд, худташаккулдиҳӣ ва рушд додани неруи зеҳнии онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ гузорем, метавонем оҳиста– оҳиста онҳоро аз тамошои порчаҳои гуногуни нолозими шабакаҳои иҷтимоӣ ба маҷрои дуруст равона созем.

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми таҳлили ҷавобҳои саволи 5– уми пурсишнома маълум гардид, ки яке аз масъулияти калон, ба монанди рушди ҳисси ватандӯстию ватанпарвариро бар дӯши психологон вогузор намудаанд. Албатта, ин хуб аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ аз психологон ҷиҳати рушд додани ҳисси ватандӯстию ватанпарварӣ даъват ба амал меоранд. Пас, психологияи ватаниро низ бояд дар самти рушди ин ҳиссиёти муҳим саҳми худро гузорад. Яъне, дар замони пуртазоди сиёсии ҷомеаи имрӯза бояд психологияи ватанӣ, бо дарназардошти осори классикону тоҷику форс ҷиҳати рушди ҳисси ватнадӯстию ватанпарварӣ ва дур сохтан аз мафкураи таассубона нақши муассири худро гузорад.

Дар маҷмуъ, ба ҷавобҳои саволи мазкур метавон чунин ишора намуд:

- худро муаррифӣ намудан (тарғибу ташвиқоти дастовардҳои психологияи ватанӣ);
- доштани саҳифаҳои психологӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ;
- корҳои анҷомдодаи худро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ манзури бинандагон ва шаҳрвандон намоиш додан;
- таъсиси клиникаҳои психологӣ;
- саҳмгузорӣ дар рушди ҳисси ватандӯстию ватанпарварӣ дар шаҳрвандон.

Инро тариқи диаграмма тасвир мекунем [ниг. ба диаграммаи №4].




***Диаграммаи №4. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 5– уми пурсишнома***

«Сабаби камшинохт будани психологони ватаниро дар чӣ мебинед?» саволи навбатии пурсишномаро ташкил медиҳад. Одатан, дар раванди ҷавоб гардонидан ба ин саволи пурсишнома андешарониҳои мухталиф мушоҳида шуданд. Як қисмат сабаби камшинохт будани психологони ватаниро дар камфаъол будани онҳо медонанд. Қисмати навбатӣ бошад, дар камчин ва ё бо

ибораи дигар, ангуштшумор будани психологони касбӣ мебинанд. Қисмати дигар сабаби камшинохт будани психологони ватаниро, чи тавре дар саволи болои ин сабаб ишора гардида буд, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ташвиқу таблиғ накардани дастоварҳои худ вобаста медонанд. Гуфтаҳои мазкурро тариқи диаграмма тасвир мекунем [ниг. ба диаграммаи №5].




***Диаграммаи №5. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 6– уми пурсишнома***

Таҳлили саволи навбатии пурсишнома «Дар замони имрӯза вазифаи психологи ватанӣ дар чӣ асос меёбад» ном дошта, аз посухдиҳандагон амали таҳлилнамоии тафаккурро талаб кард, зеро вобаста ба он ҳар як иштирокчӣ саҳми худро ҳис намуд. Яъне, онҳо ҳамчун шаҳрванд бояд аз психологони ватании муосир чиро талаб кунанд ва иҷроиши кадом корҳову масъулияти ҳар як психологи ватанӣ дар чӣ зоҳир мегардад, посухи мушаххас диҳанд. Бархе аз иштирокчиён, аниқтараш бештари онҳо ҷавоби кӯтоҳи «расонидани кумаки психологӣ ба ҳама эҳтиёҷманд»– ро қобили қабул донистанд. Иштирокчиёни дигар вазифаи психологони ватаниро дар замони муосир ҷиҳати тарбияи дурусти кӯдакону наврасон барои пешгирӣ кардан аз ҷомеаи таассубона, ҳамзамон, пешгирии вайроншавиҳои оилавӣ шумориданд. Дар

маҷмуъ, ҷавобҳои иштирокчиёни пурсишномаро тариқи диаграмма ишора мекунем, ки чунин аст [ниг. ба диаграммаи №6].




***Диаграммаи №6. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 7– уми пурсишнома***

Бахши хотимавии пурсишномаро андешаҳои иштирокчиён ташкил медод. Яъне, дар қисмати охир ҷойи махсусро зери унвони **«Дигар андешаҳои Шумо...»** ҷойгир карда шуд ва ҳар як иштирокчӣ ҳар андешаеро, ки ҷиҳати пешрафти психологияи ватанӣ зарур мешумориду муҳим арзёбӣ мекард, метавонист ишора кунад. Воқеан, ишораҳои зикргардида дар ҷомеаи имрӯза муҳим мебошанд. Масалан, як қисмати иштирокчиён ишора намуданд, ки дар ҳар як муассисаи давлатӣ новобаста ба шакли моликият як воҳиди психолог кушода шавад. Ҳатто таъсиси воҳиди психологро дар баробари беморхонаҳо дар дармонгоҳҳо низ дарҷ намуданд. Қисмати дигар бошад, зиёд шудани шумораи психологони касбиро дар қаламрави ҷумҳурӣ, бинобар сабаби зиёд шудани мушкилоти гуногуни ҷомеаи ҷаҳонӣ, шуморидаанд. Ҳамзамон, нақши психологи касбӣ дар ҳалли мушкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ бараъло эҳсос мегардад ва андешаронӣ низ карда

шудааст, ки психологони касбӣ дар масъалаи пайомадҳои замони муосир нақши худро гузошта истодаанд, хусусан дар масъалаи пешгирии ҳолатҳои номатлуби замони муосир, ба монанди экстремизм, терроризм, савдои одамон ва ғайра, аммо шумораи ин психологони касбӣ ангуштшумор мебошад.

Дар ҷавобҳо таъсиси ихтисосҳои нави ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат низ муҳим арзёбӣ шудааст. Дар маҷмуъ, андешаронихоро таҳлил намуда, онҳоро тариқи диаграмма метавон чунин тасвир намуд [ниг. ба диаграммаи №7].




***Диаграммаи №7. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 8– уми пурсишнома***

Хулоса, пас аз таҳлили зербоби мазкур, ки бештари онҳо тавассути диаграмма тасвир ёфтаанд, метавон ишора намуд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ аз фаъолияти психологон дар баробари аз фаъолияти онҳо огоҳ будан ҳадди ақал ягон маротиба аз хизматронихои психологон истифода намудаанд. Ҳамзамон, шаҳрвандон дар таҳқиқот бо як майлу рағбати калон иштирок намуда, интизориҳои худро аз психологони ватанӣ ҷиҳати расонидани кумакҳои психологӣ дарҷ намудаанд.

***Муайян кардани мушкилот ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ.*** Чи тавре дар зербобҳои боло ишора гардид, ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ, мушкилот ва дурнамои психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон, ҳамзамон, муайян кардани сифатҳои муҳимми касбии ин намуди фаъолият гурӯҳи экспертии амалӣ (бо ҷалби психологони амалӣ ва онҳое ки дар амалияи психология кору фаъолият мекунанд) ва экспертони гурӯҳи илмӣ (бо ҷалби психологоне, ки бевосита ба илм машғул ҳастанд) ташкил карда шуд. Ба ҳар ду гурӯҳи экспертӣ, яъне ҳам ба экспертони илмию ҳам ба экспертони амалӣ, ҳамон як пурсишнома пешниҳод гардид ва ҳар як коршинос аз мавқеи худ ва таҷрибаи шахсии хеш ба ин пурсишнома баҳогузорӣ намуд.

Саволи нахусти пурсишнома дараҷаи рушди психологияи илмию амалиро дар Тоҷикистон дар бар мегирифт ва он чунин саволгузорӣ шуда буд: «Шумо ҳамчун психолог рушди илми психологияи ватаниро (психологияи илмӣ ва амалӣ) дар кадом сатҳ мебинед?». Ҳангоми ҷавоб ба саволи мазкур ҳам «экспертони илмӣ» ва ҳам «экспертони амалӣ», дар маҷмуъ, психологияи илмию амалиро дигаргуна арзёбӣ намуданд. Масалан, дар раванди баҳогузории психологияи илмӣ як қисмат иброз намуданд, ки он дар ҳолати рушд қарор дорад, ҳол он ки психологияи амалиро дар дараҷаи нисбатан баланд баҳогузорӣ намуданд. Қисми дигари коршиносон, психологияи илмиро миёна ва бархе коршиносон онро дар ҳолати паст арзёбӣ намуданд. Яке аз сабабҳои дар ҳолати паст қарор доштани психологияи илмиро, пеш аз ҳама, дар набудани психологони унвондор медиданд. Аммо агар назар ба даврони шуравӣ онро таҳлили муқоисавӣ намоем, психологияи ватанӣ аз нигоҳи унвондорон дар дараҷаи баланд қарор дорад. Дар даврони шуравӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 2 ва ё 3 психологи унвондор буд, ин шумора пас аз ба даст овардани истиқлолият ба куллӣ тағйир ёфт ва имрӯз ин шумора то ба 10 нафар мерасад ва интизор меравад, ки шумораи психологони илмии унвондор сол ба сол зиёд шавад. Мавриди тазаккур аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ илм низ истиқлолиятро ба даст

овард ва, аллакай, шурои диссертатсионии аз рӯйи ихтисоси психология на як адад, балки 3 ададро ташкил медиҳанд ва инҳо:

– Шурои диссертатсионӣ дар ДМТ;

– Шурои диссертатсионӣ дар назди ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров;

– Шурои диссертатсионӣ дар ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Ин шаҳодати он аст, ки имрӯз воқеан, психологияи илмии ҷумҳурӣ дар ҳолати рушд қарор дорад. Аъзоёни шурои диссертатсонии психология аз давлатҳои ҳамсоядӯст – Ҷумҳурии Узбекистон ва шарики стретегии ҷумҳуриамон Россия мебошанд. Ҳамзамон, бояд ишора намуд, ки аллакай, довталабон аз хориҷи кишвар хоҳиши дар шурои диссертатсионии Тоҷикистон ҳимоя намудани рисолаҳои илмиро доранд. Масалан, довталаб аз Федератсияи Русия дар арафаи ҳимоя қарор дорад ва довталаб аз Ҷумҳурии Афғонистон рисолаи худро ҳимоя намуд.

Воқеан, дар масъалаи ҳамкориҳои илмӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан дар соҳаи психология пешравиҳо назаррасанд.

Натиҷаҳои саволи якумро тариқи диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №8].

Саволи дуюми пурсишнома «5 мушкилоти асосии имрӯзаи илми психологияи ватаниро (психологияи илмию амалиро) номбар кунед» унвон дошта, экспертони илмию амалӣ ҷавобҳои мухталиф, ҳамзамон заруриро пешниҳод намуданд. Воқеан, саволи мазкур ҷиҳати муайян кардани мушкилоти асосии самтҳои илмию амалӣ маълумоти хуб дода, барои муайян намудани дурнамои рушди соҳаҳои болозикр имкони хубро фароҳам оварда метавонад, зеро андешаҳое, ки дар поён таҳлил карда мешаванд, на андешаҳои шасхони тасодуфӣ ва ё шахсони одӣ, балки фикрҳои коршиноси соҳаи психологияи илмию амалӣ мебошанд ва бевосита дар соҳаҳои мазкур кору фаъолият мекунанд ва таҷрибаи кофиро низ соҳибанд.




| | Психологияи илмӣ | Психологияи амалӣ |
|---|---|---|
| Дар ҳолати рушд | 49 | 1 |
| Миёна | 24 | 30 |
| Паст | 29 | 7 |
| баланд | 1 | 63 |

***Диаграммаи №8. Таҳлили саволи 1– уми пурсишнома***

Дар масъалаи 5 номгӯйи мушкилоти психологияи илмӣ, пеш аз ҳама, набудани мутахассисони илмӣ пешниҳод гардид. Ин ишора қобили қабул аст, зеро дар КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар кам будани мутахассисони илмии соҳаи психология, психологияро ба феҳристи илмҳои нодир ҷойгир карданд.

Дуюм, набудани адабиёти илмӣ ва методҳои ба хусусиятҳои этнофарҳангии миллати тоҷик мутобиққардашуда мебошад. Воқеан, агар мантиқан ба таҳқиқотҳои илми психология назар афканем, дар илми психология гузаронидани эксперимент кори калидӣ маҳсуб меравад, аз ин лиҳоз, гузаронидани таҳқиқот ин худ як мушкилӣ ва дарёфти методикаву методҳои таҳқиқотӣ вобаста ба соҳаи таҳқиқот мушкилоти дигари илмӣ аст. Ҷавононе, ки ба илм ворид мешаванд, мутаассифона, чи тавре коршинсони илмӣ ишора намуданд, адабиёти илмӣ бо забони тоҷикӣ дарёфт намекунанд. Ҳамзамон, ҳангоми интихоби мавзуи таҳқиқотӣ дар интихоби методҳои мувофиқ, ки бо шароит ва муҳити этнофарҳангӣ мувофиқат кунад, танқисӣ мекашанд. Масъалаи адаптатсияи воситаҳои ташхисӣ аз даврони шуравӣ то ба замони соҳибистиқлолӣ ҳамчун мушкилӣ боқӣ мондааст.

Дар ин радиф метавон ишора намуд, ки яке аз масъалаҳои муҳимме ки назди ҷомеаи илмии соҳаи психология қарор дорад, адаптатсия кардани методҳои касбии ташхиси психологӣ мебошад.

Номгӯйи сеюм, набудани лабораторияҳои илмию таҳқиқотӣ буда, дар масъалаи ҳалли мушкилоти ҷомеаи имрӯза, хусусан дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ тарбия намудани насли наврасу ҷавон ва пешгирии шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористиро ташкил медиҳад. Таъсис ва ташкили ин гуна лабораторияҳои илмӣ– таҳқиқотӣ ҷиҳати ҳалли маъсалаи зикргардида мувофиқи мақсад муҳим арзёбӣ мешаванд.

Дастгирии ҳаматарафаи олимон ва муҳаққиқони ҷавон олимони ҷавон ва номгӯйи охирон – ин фориғболӣ ва шавқу ҳаваси пасти ҷавонон нисбати ба илм дар ин рӯйхат дида мешавад. Номгӯйи охирон далолат аз сифатҳои муҳимми касбии психологони академӣ буда, нишондиҳандаи он мебошад, ки пеш аз қабул намудани ҷавонон ба риштаи илм бояд, бо назардошти сифатҳои муҳимми касбӣ, қабул карда шаванд. Таҳлилҳои кардашударо тариқи диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №9].

Дар масъалаи номгӯйи мушкилоти психологияи амалӣ, пеш аз ҳама, кам будани шумораи ихтисосҳо, методҳои ба хусусиятҳои этнофарҳангии миллати тоҷик мутобиқкардашуда мебошад, ки ин дар психологияи илмӣ низ ишора гардида буд. Агар дар психологияи илмӣ набудан ва ё норасоии лабораторияҳои илмӣ ишора гардида бошад, пас, дар психологияи амалӣ ин набудани машваратхонаҳо ва марказҳои ташхиси психологӣ ташкил медиҳад. Номгӯйи дигар тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ дастовардҳои худро нишон надодан мебошад. Мушкилоти дигарро таъминоти ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки психологони амалӣ ишораи онро зарур мешуморанд, хусусан, ҳангоми гузаронидани ташхиси судӣ– психологӣ бисёр масъалаҳое ҳастанд, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ таъмин нашудаанд. Аз ин рӯ, психолог ҳангоми гузаронидани ташхиси судӣ– психологӣ дар нимароҳ мемонад.




***Диаграммаи №9. Таҳлили саволи 2– юми пурсишнома***

Метавон ишора намуд, ки вазифа ва салоҳияти психолог ба сифати эксперт ҳангоми гузаронидани ташхиси судӣ– психологӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ таъмин ва мушаххасан вазифаҳо низ дарҷ карда нашудааст. Воқеан, масъалаи мазкур масъалаи рақами якуми мушкилоти психологони ватаниро ташкил медиҳад.

Номгӯи охирони мушкилоти психологияи амалиро набудани воҳидҳои кории психолог дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ ташкил медиҳад. Набудани чунин воҳиди корӣ боиси он мегардад, ки аксари мутахассисони ҷавони соҳаи психология аз рӯйи ихтисоси хеш кору фаъолият карда наметавонанд.

Ишораҳои болозикрро тавассути диаграмма тасвир мекунем [ниг. ба диаграммаи №10].




***Диаграммаи №10. Номгӯйи мушкилоти психологияи амалӣ***

Дар масъалаи саволи навбатӣ, ки «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом соҳаҳои психология зиёдтар рушд ёфтаанд (5 соҳаро ишора кунед)?» номгузорӣ гардида буд, дар мадди аввал психологияи педагогӣ соҳаи рушдёфта дар Тоҷикистон муаррифӣ карда шуд. Баъдан коршиносон дар ҷойи дуюм ташхиси судӣ– психологиро арзёбӣ намудаанд.

Воқеан, ташхиси судӣ– психологӣ ва психологияи педагогӣ аз даврони шуравӣ то ба замони соҳибистиқлолӣ нақши муассирри худро гузошта истодаанд. Метавон ёдовар гардид, ки муҳаққиқони ватанӣ рисолаҳои илмии хешро, ки фисади бештари онро ғояҳои психологӣ ташкил медод, бомуваффақият ҳимоя намудаанд. Гарчанде дифои рисолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ дар дигар шуроҳои диссертатсионӣ, ба монанди илмҳои фалсафа ва ё педагогика гузашта бошад ҳам, заминаи хуберо барои рушди психологияи ватанӣ гузоштаанд.

Дар маҷмуъ, коршиносон дар даврони соҳибистиқлолӣ чунин соҳаҳои психологиро ишора намуданд ва онро тариқи диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №11].




***Диаграммаи №11. Таҳлили саволи 3– юми пурсишнома***

Ҳангоми ҷавоб додан ба саволи навбатии пурсишнома, ки «Шумо сабаби муроҷиати ками шаҳрвандон ба психологро дар чӣ мебинед (5 сабабро ишора кунед)?» унвон гирифта буд, дар маҷмуъ, ҳар ду гурӯҳи коршиносон, ҳам экспертони илмию ҳам экспертони амалӣ андешаҳои хубро ишора намуданд. Масалан, аксарияти коршиносон бар он ақидаанд, ки бинобар маълумот надоштан дар бораи фаъолияти психологон ва надонистани кӣ будани психолог мардум ба психолог муроҷиат намекунанд. Ҳамзамон, коршинсон дар идома ишора мекунанд: бинобар муаррифӣ накардани худ ва ғайрифаъол будани психологони амалӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мардум аз онҳо бехабар мондаанд. Надоштани шароити молии шаҳрвандон сабаби дигари камтаваҷҷуҳии мардум ба психологон мебошад. Фарқ накардани психолог аз психиатр низ яке аз омилҳои муроҷиати ками шаҳрвандон мебошад ва онро бештар ба омили якуми ишорагардида метавон шомил сохт.

Боварӣ надоштан яке аз омилҳое мебошад, ки мутахассис набудани психологро нишон медиҳад. Воқеан, дар сурати мавҷуд набудани мутахассисони касбӣ ғайримутахассисоне, ки ба ин фаъолият рӯ меоранд,

метавонанд фаъолиятро нодуруст ба роҳ монда, ба ин васила дар шаҳрвандон нисбати ин фаъолият ҳисси нафрат ва нобоварӣ эҷод кунанд. Бо ин боварии мардум, дар маҷмуъ, нисбат ба психологияи ватанӣ коста мегардад.

Таҳлили онро тариқи диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №12].




***Диаграммаи №12. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 4– уми пурсишнома***

Дар муқоиса бо саволҳои болозикр саволи навбатӣ аз дигар саволҳо фарқ мекунад ва он тафовути психологияи илмӣ ва амалиро дар бар мегирад: «Шумо ҳамчун психолог фарқияти психологияи илмиро аз психологияи амалӣ дар чӣ мебинед (5 фарқиятро ишора кунед)?». Дар рафти ҷавоб гардонидан коршиносони илмӣ ва коршиносони амалӣ яке аз ин тафовутро дар он мебинанд, ки психологони амалӣ бештар бо мизоҷ кор мекунанд, психологони академӣ бошанд, бо озмудашавандагон ва гурӯҳҳои таҳқиқотӣ. Агар психологони амалӣ ҳангоми кор бо мизоҷ ба ӯ кумак расонанд ва мақсади асосии психологи амалӣ дар расонидани кумаки психологӣ инъикос

ёбад, пас, мақсади асосии психологи академӣ аз вохӯрӣ бо озмудашавандагон ва мардум ин омӯзиши онҳо ва гирифтани маълумоти барои таҳқиқот зарурӣ мебошад. Яъне, дар ин раванд мақсади асосии психологони академӣ расонидани кумак нест. Ҳамзамон, макони кору фаъолияти психологи академӣ муассисаҳои таълимӣ, хусусан донишгоҳу донишкадаҳо ишора гардидааст. Тафовути дигар ин доштани дониши амиқ мебошад ва ин нишона ҳам барои психологи академӣ ва ҳам барои психологи амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Нақш бозида тавонистан ва истифодаи имову ишораҳои мувофиқ бештар хоси психологи амалӣ мебошад, ишора гардидааст аз ҷониби психологон. Яъне, чи тавре дар болотар ишора намуда будем, яке аз вазифаҳои психологони амалӣ кумакрасонӣ мебошад ва ин гуна кумакрасониҳо дар додани машваратҳои психологӣ ифода меёбад, ки яке аз талаботи онро нақш офарида тавонистан ва имову ишораҳои зарурира мувофиқи мақсад истифода бурда тавонистан ташкил медиҳад.

Тафаккури креативнокӣ аз психологи амалӣ дида ба психологи академӣ бештар муҳим арзёбӣ шудааст. Дар зери ин намуди тафаккур бештар кунҷкобии илмӣ дар назар дошта шудааст. Дар маҷмуъ, тафовутро тавассути диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №13].

Саволҳои минбаъда, аллакай, рушду дурнамои психологияи илмию амалиро аз дидгоҳи коршиносон мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳад. Масалан, тавассути саволи навбатӣ, ки «Барои рушди психологияи амалии ватанӣ дар замони муосир кадом корҳоро анҷом додан лозим аст (5 номгӯйро ишора кунед)?» унвон гирифта буд, дурнамои рушди психологияи амалӣ манзараи худро пайдо намуд.




| | Психологияи илмӣ | Психологияи амалӣ |
|---|---|---|
| Кор бо мизоҷон | 1 | 100 |
| Кор бо озмудашавандагон | 100 | 1 |
| Доштани дониши амиқ | 100 | 91 |
| Нақш бозида тавонистан | 92 | 13 |
| Истифодаи имову ишора | 98 | 12 |
| Тафаккури креативнокӣ | 99 | 46 |

***Диаграммаи №13. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 5– уми пурсишнома***

Дар асоси андешаҳои коршиносони илмию амалӣ метавон андешаҳои онҳоро дар маҷмуъ ба 5 номгуйи корҳо тақсим намуд. Воқеан, дар мадди аввал, ки бештари коршиносон онро ишора намудаанд, масъалаи актулӣ дур сохтани шахсони тасодуфӣ мебошад. Хусусан, дар ҷомеа шахсони тасодуфӣ боиси аз байн рафтани мавқеи илм боиси нобоварии мардум ба мутахассисони соҳаи психология гардида метавонад. Қисмати бештари коршиносон муаррифии дастовардҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоиро, ки дар болотар низ ишора гардида буд, зарур мешуморанд. Масъалаи дигаре, ки бештар коршиносон ба он таваҷҷуҳ кардаанд, кушодани марказҳои ташхисию машваратхонаҳо мебошад. Омода намудани мутахассисони касбии ҷавобгӯ ба бозори меҳнат ва ниҳоят кушодани ихтисосҳои нави соҳаи психологияи амалиро аз омилҳои дурнамои рушди психологияи амалӣ донистанд.

Мавқеи коршиносонро тавассути диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №14].




***Диаграммаи №14. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 6– уми пурсишнома***

Саволи навбатӣ шабеҳи саволи болоӣ буда, танҳо масъалаи илмиро фаро мегирифт ва он чунин буд: «Ҷиҳати рушди психологияи илмӣ дар замони муосир бояд кадом корҳо ба анҷом расонида шаванд (5 номгӯйро ишора кунед)?». Шумораи зиёди коршиносон ҷалби ҷавонони соҳибистеъдодро ба илм ишора намуданд. Ба ин маъно, ки пас аз хатми донишгоҳ бояд хатмкунандагони боистеъод гулчин карда шуда, ба корҳои илмию таҳқиқотӣ сафарбар карда шаванд.

Дар навбати дуюм, интишори мақолаҳои илмию оммавӣ дар конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ишора гардид. Воқеан, имрӯз олими тоҷикро аз рӯйи дастовардҳояш метавон шинохт. Барои олимони соҳаи психологияи ватанӣ шинохта шаванду дар арсаи

байналмилалӣ дастовардҳои психологияи ватаниро эътироф намоянд, пеш аз ҳама, донистани забонхои хориҷӣ аз ҷониби корманди илмӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро психологе, ки забони русию англисиро медонад, метавонад дар сатҳи байналмилалӣ баҳсу мунозираҳои илмӣ кунад. Маҳз ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд, ки ҳар шаҳрванд, хусусан хатмкунандаҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд забонҳои хориҷӣ, бавижа забонҳои русию англисӣ аз ҷониби муҳаққиқони илмӣ аз бар карда шаванд.

Надонистани забон боиси муаррифӣ нагардидани қобилияту истеъдоди худи олим, ҳамзамон, нашинохта мондани дастовардҳои илмии ӯ дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Аз лиҳози мазкур, нашри мақолаҳои илмӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, дар замони муосир корманди илмиро тавассути «индекси хирш» мешиносанду эътироф мекунанд.

Масъалаи дастгирии мутахассисони ҷавон, дар маҷмуъ, дастгирии ҳама олимону кормандони илм низ ишора гардида буд. Дар робита ба ин, таъсиси лаборатория ва марказҳои илмию таҳқиқотии бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳҳаз зарур мебошад.

Яке аз масъалаҳое, ки аз ҷониби коршиносони риштаи илм ишора гардидааст, воқеан, мувофиқи мақсад ва талаботи замони муосир аст, ин бо замони муосир мувофиқ кардани осори мутафаккирон мебошад. Ниёгони мо осори барҷастаи тарбиявию илмӣ доранд ва ҳоло зарурати он пеш омадааст, ки аз ҷониби психологон ҷанбаҳои психологии онҳо ба мардум расонида шавад. Ин метавонад яке аз роҳҳои тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ ва пешгирии шомилшавии онҳо аз ҳар гуна ҳизбҳои хурофотӣ гардад.

Дар маҷмуъ, интихоби коршиносони илмиро тариқи диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №15].




| | Рушди психологияи илмӣ |
|---|---|
| Ҷалби ҷавонони боистеъод | 25 |
| Интишороти илмӣ дар арсаи байналмилалӣ бо забонҳои хориҷӣ | 41 |
| Индекси хирш | 22 |
| Таъсиси лабораторияҳои илмӣ | 8 |
| Кушодани ихтисосҳои нав | 5 |

***Диаграммаи №15. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 7– уми пурсишнома***

Тавассути саволи минбаъда кӯшиш намудем, то сифатҳои муҳимми касбии психологони амалиро муайян намоем.

Воқеан, сифатҳои муҳимми касбӣ барои иҷрои бомуваффақияти фаъолияти касбӣ нақши калидӣ дорад. Ин савол чунин гузошта шуда буд: «Ба андешаи Шумо сифатҳои муҳимми касбии психологи амалӣ кадомҳоянд (5 номгӯйро ишора кунед)?». Коршиносон ба ин савол ҷавобҳои хуби мантиқиро пешниҳод намуданд ва сифатҳои ишорагардидаи онҳо барои иҷрои бомуваффақияти фаъолияти касбӣ, ҷиҳати ба даст овардани боварии дигарон ва бахшидани таассуроти хуб ба дигарон имкони хуб дода метавонад. Хушмуоширатӣ, гӯш карда тавонистан, боварӣ ҳосил карда тавонистан, қобилият ба эмпатия, риояи принсипи махфият аз ҷумлаи сифатҳое мебошанд, ки боиси дар дараҷаи баланд иҷро гардидани фаъолияти касбӣ, ҳамзамон, барои ҳосил кардани нуфузи касбӣ имкони хуб дода метавонанд. Дар баробари ин сифатҳо, доштани дониши амиқ қобилияти

таҳлилнамоӣ, таҳаммулпазирӣ низ аз ҷониби коршиносон ишора гардиданд. Инро тариқи диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №16].




***Диаграммаи №16. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 8– уми пурсишнома***

Саволи навбати шабеҳи саволҳои болозикр буда, фарқияташ он аст, ки дар он на сифатҳои муҳимми касбии психологони амалӣ, балки сифатҳои муҳимми касбии танҳо психологони академӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шуда, ба коршиносон чунин савол пешниҳод гардида буд: «Сифатҳои муҳимми касбии психологи академиро номбар кунед (5 номгӯйро ишора кунед)». Вобаста ба масъалаи мазкур ҷавобҳои аниқу мушаххас дода шудаанд. Масалан, истифодаи донишҳои илман асоснок дар мадди аввал ишора гардид. Коршиносони риштаи илмӣ ин гуна сифатро барои кормандони илм муҳим арзёбӣ намуданд: тафаккури эҷодӣ ва кунҷкобию офаридани идеяҳои нав.

Ҷавобҳоро тавассути диаграмма нишон медиҳем [ниг. ба диаграммаи №17].




***Диаграммаи №17. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 9– уми пурсишнома***

Масъалаи дигаре, ки назди коршиносон гузошта шуда буд ва дар замони соҳибистиқлолӣ доғи рӯз шуда истодааст, ин аз рӯйи ихтисосҳои дигар кор кардан мебошад ва дар назди коршинос савол чунин гузошта шуда буд: «Сабаби ғайримутахассис ба ҷойи психолог кору фаъолият карданро дар чӣ мебинед (5 сабабро ишора кунед)?». Норасоии мутахассисони касбӣ яке аз ин сабабҳо шуморида шудааст. Бинобар набудани мутахассисони касбӣ корфармо маҷбур мешавад ба ҷойи онҳо дигаронро ба кор ҷалб кунаду ба курсҳои кӯтоҳмуддат равона карда, ба кор қабул намояд.

Қисмати дигар иҷборан дар ин ихтисос кор мекунад. Дуюминдараҷа будани психолог дар назди корфармо аз ҷавобҳои дигар аст. Мақсад аз ин ишораҳо дар он ифода меёбад, ки дар муассисаҳои тиббӣ ба психологон он қадар эътибори зарурӣ дода намешавад. Таҳлилҳои гуфташударо тариқи диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №18].




***Диаграммаи №18. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 10– уми пурсишнома***

Масъалаи навбатӣ, ки аз ҷониби коршиносони илмию амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, чунин буд: «Сабабҳои психологии таваҷҷуҳи ками ҷавонон ба илмро дар чӣ мебинед (5 сабабро номбар кунед?)». Аз пешниҳодҳое, ки коршиносон намуданд, маъмултарини онҳоро ишора мекунем. Пеш аз ҳама, коршиносон набудани маромнокии илмии ҷавононро ва дар зери ин мафҳум надоштани шавқу ҳаваси илмӣ ва интихоби тасодуфии тахассуси психологияро медонанд. Ҳарчанд ин масъаларо аз тарафи дигар таҳлил кунем, бештари нафароне, ки дар соҳаи мазкур ҳимояи рисолаи илмӣ мекунанд, намояндагони ихтисосҳои дигар мебошанд.

Масъалаи дигарро коршиносон дар паст будани мавқеи илм дар ҷомеаи муосир медонанд. Онҳо дар чунин андеша қарор доранд, ки паст будани мавқеи олимон дар ҷомеа боиси рӯ наовардани ҷавонон ба илм мегардад. Ба ибораи дигар, дар замони муосир бояд нуфузи илм баланд бардошта шавад ва дигарон аз он ифтихор кунанд, то ҷавонон ба он майл кунанд. Идеали ҷавонон бояд зиёиёну муҳаққиқон ва ихтироъкорон бошанд.

Ҳамзамон, масъалаи дигари матраҳшаванда дар амалия нодида гирифтани натиҷаҳои илмии ҷавонон мебошад. Воқеан, бояд олимону муҳаққиқон дастовардҳои худро расонаӣ намоянд, муаррифӣ кунанд.

Масъалаи дигар, тафаккури илмии рушднаёфта будан ва ё бо ибораи дигар, аксари коршиносон онро бо таҳкурсии номустаҳкам унвон мебаранд, ба шумор меравад. Воқеан, донишҷӯе, ки таҳкурсии мустаҳкам надорад, албатта, тафаккури илмиро дар ӯ рушд додан бағоят мушкил аст.

Ишораҳои коршиносонро тавассути диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №19].




| | |
|---|---|
| Набудани маромнокӣ | 15 |
| Паст будани мавқеи илм дар ҷомеа | 19 |
| Дастгирии кам ва маоши паст | 15 |
| Расонаӣ набудани дастовардҳо ва натиҷаҳои илмӣ | 19 |
| Ташаккул наёфтани тафаккури илмӣ (таҳкурсии ноустувор) | 19 |

***Диаграммаи №19. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 11– уми пурсишнома***

Дар баробари саволҳои гузошташуда дар назди коршиносони риштаи илм ду саволи илмии иловагӣ пешниҳод гардида, тавассути он сабаби асосии камтаваҷҷуҳии ҷавонон аз дидгоҳи олимону коршинсони риштаи илми психология мавриди матраҳ қарор гирифт. Ин савол чунин пешниҳод гардида буд: «Ба андешаи Шумо, бо кадом сабабҳо довталабони илмӣ (унвонҷӯён,

докторантон) рисолаҳои илмии хешро сари вақт ҳимоя намекунанд?». Саволи мазкур дар худ чунин вариантҳои ҷавобро дар бар мегирифт:

– муносибати нодурусти роҳбари илмӣ;

– шавқу ҳавас надоштани довталаби дараҷаи илмӣ;

– фориғболии довталаб.

Дар рафти матраҳ ва баррасии саволи мазкур чунин вариантҳои дигарро пешниҳод намуданд, ки воқеан, яке аз омилҳои асосии камтаваҷҷуҳии ҷавононро ба илм нишон медиҳад. Коршиносон ба надоштани дониши кофӣ (хусусан, надонистани методологияи илм, яъне тарзи бурдани таҳқиқоти илмӣ) ишора кардаанд. Ҳамзамон, мавҷудияти номукаммали пойгоҳи илмию таҳқиқотӣ, муносибати нодурусти муассиса, роҳбари илмӣ низ аз диди коршиносон канор намондааст. Яъне, онҳо ба ин гуна муносибатҳо низ ишора намудаанд. Дар маҷмуъ, арзёбии коршиносонро нисбати саволи матраҳшаванда тавассути диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №20].




***Диаграммаи №20. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 12– уми пурсишнома***

Дар баробари ин гуна саволҳои илмии матраҳшаванда ба коршиносони илмию амалӣ ҷойгохи махсус ҷудо карда шуд, то дар интиҳо дигар андешаҳои хешро ҳамон гунае, ки қобили қабул медонанд, ишора намоянд. Дар навбати аввал ҷиҳати матраҳ ва баррассии андешаҳои илмӣ чунин савол пешниҳод гардида буд: «Дигар андешаҳои Шумо...»

Бештари коршиносон ишора карданд, ки довталабон бояд мавзуи худро дуруст ва пурра дарк кунанд ва серталаб будани роҳбари илмӣ низ муҳим аст.

Андешаи дигари коршиносонро масъалаи «Барои мутахассисони соҳибтаҷриба омода намудан бояд бо психологони хориҷи кишвар ҳамкории зич роҳандозӣ карда шавад» ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки довталабони илмӣ ҷиҳати дифои рисолаҳои илмӣ бояд ба хориҷ сафар кунанд.

Қисмати дигари андешаҳои коршиносон дар ҷалби ҷавонон ба илм хулоса мешавад.

Як масъалаи дигар, ки дар ин нуқтаи саволнома онро ишора намуда буданд, аз ҷониби психологони амалӣ бояд натиҷаҳо илман исбот карда шаванд.

Ҳамзамон, ҷиҳати рушди психологияи илмӣ ва амалӣ анҷоми чунин корҳо муҳим арзёбӣ гардиданд:

– дастгирии донишҷӯён (нашикастани руҳияи донишҷӯён);

– ташкили лабораторияҳо бо таҷҳизотҳои наву замонавӣ;

– тифоқ будани ҷомеаи илмӣ.

Таҳлили ишораҳои мазкурро тавассути диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №21].

Хулоса, ҷомеаи илмӣ ва амалӣ саҳми худро ҷиҳати муайян намудани мушкилоти имрӯза, ҳамзамон, ошкор намудани харитаи рушди минбаъдаи илми психологияи ватанӣ гузоштаанд. Вобаста ба ин, агар ба таҳлили диаграммаҳо назар афканем, пас, маълумамон мегардад, ки ҷомеаи илмию

амалӣ андешаҳои ҷолибу зарурии хешро, бо назардошти ҷаҳони пуртазоди сиёсӣ ва тағйирёбанда, пешниҳод намудаанд.




*Диаграммаи №21. Таҳлили ҷавобҳо ба саволи 13– уми пурсишнома*

Ҳамзамон, агар пешниҳоду тавсияҳое, ки аз ҷониби коршиносон баён гардидаанд, ба инобат гирифта шаванду ҳалли худро ёбанд, боиси дар зинаи боз ҳам баландтар қарор гирифтани илми ватанӣ мегардад. Аммо ҷиҳати ҳалли ин гуна масъалаҳо на танҳо мутахассисон, яъне психологон, балки дигар роҳбарони сохторҳои дахлдор низ бояд саҳми худро гузоранд.

***Муайян намудани сифатҳои муҳимми касбии психологҳои академию амалӣ.*** Яке аз масъалаҳои сифати муҳимми психологони академию амалиро доштани дониши амиқ ташкил дод. Вобаста ба масъалаи мазкур, яъне, доштани дониши амиқ дар психологони академӣ нисбат ба амалӣ афзалият дода шуд, зеро агар аз психологони амалӣ танҳо дониши соҳавӣ бештар талаб карда шавад, пас, аз психологони академӣ, дар баробари донишҳои соҳавӣ,

доштани дониши амиқ нисбати дигар соҳаҳои бо ҳам наздик муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар масъалаи сифати дуюм, ки қобилият ба таҳлилнамоӣ аст, барои намояндагони ҳар ду соҳа, яъне ба психологони академию амалӣ муҳим арзёбӣ гардид.

Одатан, дар чунин сифатҳо бештар тафовут мушоҳида гардид. Тафаккури интиқодию креативнокӣ, малакаҳои коммуникативӣ, скептизм, маҳорати гӯш карда тавонистан ва боварӣ ҳосил карда тавонистан.

Воқеан, барои психологони амалӣ он қадаре, ки тафаккури интиқодию креативнокӣ барои психологони академӣ зарур аст, муҳим шуморида намешавад ва ин гуфтаҳо аз таҳлили худи мафҳуми тафаккури интиқодию креативнокӣ бармеояд.

Дар фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ нақши малакаи коммуникативӣ чунин аст: барои психологҳои амалӣ иҷрои бомуваффақияти фаъолияти касбӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ҳол он ки барои психологҳои соҳаи академӣ ин малакаи коммуникативӣ дар байни сифатҳо мавқеи марказиро ишғол намекунад.

Сифати навбатӣ «скептизм ва майл ба дақиқкорӣ» унвон гирифтааст, ҳангоми қабули натиҷаҳо эҳтиёткор будан ва дурустии онҳоро пайваста мавриди санҷиш қарор доданро дар бар мегирад ва бештар хоси психологони академӣ мебошад.

Дигар сифатҳо, ба монанди гӯш карда тавонистан ва боварӣ ҳосил карда тавонистан назар ба психологони академӣ дида, ба психологони амалӣ бештар хос мебошад.

Дар маҷмуъ, арзёбии коршиносони илмию амалиро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода, натиҷаҳои онро тавассути диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №22].




| | Психологияи илмӣ | Психологияи амалӣ |
|---|---|---|
| Қобилияти таҳлилнамоӣ | 5 | 5 |
| Тафаккури интиқодӣ | 5 | 2 |
| Қобилияти ҳалли мушкилот | 5 | 5 |
| Малакаҳои коммуникативӣ | 3 | 5 |
| Тафаккури креативнокӣ | 5 | 3 |
| Скептизм ва дақиқкорӣ | 5 | 2 |

***Диаграммаи №22. Сифатҳои муҳимми касбӣ***

***Таҳлили натиҷаҳои методикаи «Қобилият ба эмпатия» дар психологҳои академию амалӣ.*** Яке аз сифатҳои муҳимми касбии психологро ҳисси эмпатия ташкил медиҳад, зеро барои расонидани ёрии психологӣ, доштани қобилияти ҳамдардӣ муҳим аст. Ҳамдардӣ ин қобилияти худро ба ҷойи каси дигар гузоштан, қобилияти шахс барои ихтиёран ба таври эмотсионалӣ ба таҷрибаи одамони дигар вокуниш нишон доданро мефаҳмонад. Эмпатия ба мувозинати муносибатҳои байнишахсӣ мусоидат карда, дар шахс ташаккул ёфтани он омили асосии муваффақият дар намудҳои фаъолиятҳое мебошад, ки ҳамдардӣ бо ҷаҳони шарики муошират ва, пеш аз ҳама, дар таълиму тарбия талаб мекунанд [95, с.119]. Аз ин рӯ, ҳамдардӣ як сифати муҳимми касбии психолог ба ҳисоб меравад.

Чунон ки В. Сухомлинский қайд карда буд: «муаллимро мебояд аз одитарин, вале дар айни замон аз душвортарин, аз ташаккули қобилияти ҳис кардани ҳолати равонии одами дигар, дар вазъиятҳои гуногун худро ба ҷойи каси дигар гузошта тавонистан, оғоз намояд». Дар идома ишора мекунад:

«Касе, ки нисбат ба одамони дигар ношунавост, барои худ низ ношунаво боқӣ мемонад: ба ӯ чизи аз ҳама муҳимми худтарбия баҳодиҳии эмотсионалӣ ба кирдори худ дастнорас мегардад» [55, с. 25– 26].

Дар қисмати экспериментали дараҷаи зоҳиршавии эмпатияро дар се гурӯҳи психологон муайян кардем. Якум, гурӯҳи психологоне буданд, ки аз рӯйи фаъолияти худ кор намекарданд, яъне муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз рӯйи тахассуси психология хатм карданд, аммо бо сабабҳои муайян аз рӯйи ихтисоси хеш кору фаъолият намекунанд ва шартан онҳоро бо ҳарфи «А» ишора мекунем, яъне озмудашавандагони гурӯҳи «А».

Гурӯҳи дуюми эксперименталиро бошад, мутахассисони касбӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, психологони соҳаи амалӣ, ки дипломи мувофиқро соҳиб нестанд, ба ин гурӯҳ ворид карда шудаанд. Яъне, онҳое, ба сифати психологи амалӣ кору фаъолият мекунанд, аммо дипломи психологро надоранд. Ин гурӯҳи озмудашавандагон дар таҳқиқот шартан бо ҳарби «Б» ишора гардидаанд.

Психологҳои соҳаи академӣ озмудашавандагони асосии гурӯҳи навбатӣ, яъне гурӯҳи сеюм маҳсуб мераванд. Психологҳои соҳаи академӣ гуфта, он психологоне касбие дар назар дошта шудаанд, ки фисади зиёди кору фаъолияташон ба илм ва корҳои таҳқиқотӣ бахшида шудаанд. Дар Тоҷикистон ба сифати психологҳои соҳаи академӣ одатан омӯзгорони муассисаҳои таълимию пажӯҳишгоҳҳо баромад мекунанд. Бо ибораи дигар, дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ба корҳои илмию таҳқиқотӣ машғул ҳастанд ва онҳоро шартан бо ҳарфи «В» ишора мекунем, яъне озмудашавандагони гурӯҳи «В».

Дараҷаи зоҳиршавии эмпатияро (хеле баланд, баланд, миёна, паст ва беҳад паст) аз рӯйи шаш шкалаи методикаи болозикри ташхисӣ муайян намудем ва онҳо чунинанд: муносибат ба падару модар, ҳайвонот, пиронсолон, кӯдакон, қаҳрамонони адабиёти бадеӣ, одамони шиносу ношинос.

Дар диаграммаи №23 дараҷаи рушди эмпатия дар психологон ба ҳисоби миёна нишон дода шудааст. Ҳамин тариқ, дараҷаи паст ва миёнаи рушди эмпатия дар гурӯҳи психологони «А» муайян карда шуд. Дар психологони гурӯҳи «В» рушди эмпатия дар дараҷаи миёна қарор дорад. Дар гурӯҳи «Б» бошад, дараҷаи эмпатия дар дараҷаи хеле баланд, баланд ва дараҷаи миёна бошад, дар сатҳи паст қарор дорад. Онро бо фоиз тариқи диаграмма ишора мекунем [ниг. ба диаграммаи №23].




| | Гурӯҳи "А" | Гурӯҳи "Б" | Гурӯҳи "В" |
|---|---|---|---|
| беҳад баланд | 1 | 17 | 1 |
| Баланд | 5 | 49 | 13 |
| Миёна | 19 | 31 | 44 |
| Паст | 27 | 3 | 29 |
| Беҳад паст | 49 | 1 | 14 |

***Диаграммаи №23. Дараҷаи рушди эмпатия ва зоҳиршавии он дар гурӯҳи таҳқиқотӣ***

Дар диаграммаи №24 дараҷаи зоҳиршавии дараҷаи эмпатия дар психологон оварда шудаст. Аз рӯйи ҳама ченакҳо (ҳамдардӣ бо падару модар, ҳайвонот, пиронсолон, кӯдакон, қаҳрамонони адабиёти бадеӣ, одамони бегона ё одамони шинос), психологони гурӯҳи «А» нишондиҳандаҳои паст ва миёна, психологони гурӯҳи «В» нишондиҳандаҳои миёна ва психологони гурӯҳи «Б» дараҷаи баландро доранд.

Психологони гурӯҳи «Б» аксаран мисли барометр ба кайфияти ҳамсуҳбат дар муошират нозук вокуниш нишон медиҳанд, калонсолон ва

бачагон бо майли том ба онҳо асрори худро бовар карда, барои маслиҳат ба назди онҳо мераванд. Онҳо ҳамеша дар бораи оила ва дӯстони худ ғамхорӣ мекунанд. Дар баробари ин, худи онҳо низ хеле осебпазиранд. Ҳатто ҳангоми дидани ҳайвони маъюб дар онҳо азсаргузаронии таассуротҳо мушоҳида мешавад. Ҳангоми хафа шудан онҳо ба дастгирии эмотсионалии дигарон ниёз пайдо мекунанд. Илова бар ин, онҳо ба ниёзҳо ва мушкилоти дигарон ҳассос мебошанд. Онҳо бо одамон бо шавқи самимӣ муносибат мекунанд, чеҳраи онҳоро «хондан» ва ба оянддаи онҳо «нигоҳ кардан» писанданд, эҳсосотӣ, хушмуомила, зуд робита барқарор мекунанд ва забони умумӣ пайдо мекунанд. Дигарон онҳоро барои муносибати мусбати эмотсионалиашон қадр мекунанд, зеро онҳо кӯшиш мекунанд, ки аз мунокишаҳо канорагирӣ ва роҳҳои ҳалли созишро пайдо кунанд [ниг. ба диаграммаи №24].




| | Гурӯҳи "А" | Гурӯҳи "Б" | Гурӯҳи "В" |
|---|---|---|---|
| Эмпатия бо волидайн | 59 | 90 | 74 |
| Эмпатия бо ҳайвонот | 45 | 75 | 65 |
| Эмпатия бо пиронсолон | 49 | 68 | 55 |
| Эмпатия бо кӯдакон | 54 | 95 | 89 |
| Эмпатия бо қаҳр.асарҳои бадеӣ | 56 | 82 | 72 |
| Эмпатия бо ношиносон ва ё камшиносон | 59 | 61 | 64 |

***Диаграммаи №24. Дараҷаи зоҳиршавии эмпатия вобаста ба ченакҳои он бо фоиз (гурӯҳи «А» – паст, гурӯҳи «Б» – баланд ва гурӯҳи «В» – миёна).***

Дар гурӯҳи психологони «В» дараҷаи миёнаи эмпатия, ки хоси бештари мардум мебошад, мушоҳида мешавад. Инҳо нафарони махсусан ҳассос

набуда, дар муносибатҳои байнишахсӣ ва муошират кӯшиш мекунанд, то аз имову ишораҳои ҳамсуҳбат бештар маълумот гиранд, аммо худи онҳо эмотсияҳояшонро идора карда наметавонанд. Иброз накардани нуқтаи назари худро афзалтар мешуморанд. Ҳангоми мутолиаи асарҳои бадеӣ ва тамошои филмҳои ҳунарӣ ба азсаргузарониҳои қаҳрамони филм мушоҳида ва аҳаммият медиҳанд. Дар пешгӯӣ намудани рушди муносибатҳои байни мардумон танқисӣ мекашанд, аз ин лиҳоз, амалу рафторҳои онҳо баъзан ғайричашмдошт мебошанд. Дар онҳо озодии ҳиссиёт дида намешавад, ки ин боиси монеа ҷиҳати идроки мукаммали одамон мегардад.

